**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ 001(091) (575)**
**ТКБ 72+63.3 (2 т)**
**М - 20**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**МАХСУМЗОДА НИГИНА ДАВЛАТ**

# САҲМИ АБУБАКРИ РОЗӢ ДАР ИНКИШОФИ ИЛМҲОИ ТАБИИЁТШИНОСӢ ВА РИЁЗӢ

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои таърих
аз рӯйи ихтисоси 6.1.7. Таърихи илм (таърих)

**Роҳбари илмӣ:**

**профессор А.Ш. Комилӣ**

**ДУШАНБЕ-2026**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА………………………………..…………...……………......** 4

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ.................................................** 10

**БОБИ 1. ВАЗЪИ ИЛМУ ФАРҲАНГ ДАР ХУРОСОНУ МОВАРОУННАҲР ДАР АСРҲОИ IX-X...........................................** 16

1.1. Вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва ҷуғрофии замони зиндагии Абубакри Розӣ........................................................................ 16

1.2. Муҳити илмию фарҳангии замони Абубакри Розӣ...................... 42

Хулосаи боби якум........................................................................ 65

**БОБИ 2. ОСОР ВА ТАҲҚИҚОТИ МЕРОСИ ИЛМИИ АБУБАКРИ РОЗӢ.......................................................................... 67**

2.1. Мухтасари ҳаёт ва фаъолияти илмии Абубакри Розӣ.................. 67

2.2. Марҳалаҳои таҳқиқи осори Абубакри Розӣ.................................. 77

Хулосаи боби дуюм....................................................................... 91

**БОБИ 3. НАҚШИ АБУБАКРИ РОЗӢ ДАР РУШДИ ИЛМҲОИ ТАБИИЁТШИНОСӢ ВА РИЁЗӢ ДАР ЗАМОНИ СОМОНИЁН..... 93**

3.1. Аз таърихи раддабандии илмҳо дар асрҳои V-X.......................... 93

3.2. Таъсири фаъолияти илмии Абубакри Розӣ ва саҳми ӯ дар таърихи илму техникаи асрҳои миёна............................................ 124

Хулосаи боби сеюм....................................................................... 141

**ХУЛОСАИ УМУМӢ.......................................................................... 154**

**НОМГӮЙИ АДАБИЁТ....................................................................... 158**

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ................... 170**

**Номгӯйи ихтисораҳо**

МТММ - Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус

МТМУ - Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

МТОК - Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

ИҶШС - Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Тарғиб ва татбиқи осору афкори илмии ниёгони асримиёнагии форс-тоҷик дар пешрафти илму фарҳанги ҷаҳонӣ нақши муҳиме дорад, зеро онҳо дар замони зиндагии худ дар пешрафти илму фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми босазое гузоштаанд, ки чандин садсолаҳо дар соҳаҳои гуногуни илмҳои табииётшиносӣ, риёзиву ҷомеашиносӣ ва баъзан то замони мо таъсири муайян доранд.

Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамаҷонибаи осори ниёгони оламшумули тоҷикон дар таърихи илму техника дар шароити муосири Тоҷикистон аҳамияти хосса дорад. Бесабаб нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон барои арҷгузорӣ ва омӯзишу тарғиби мероси илмии ниёгонамон аз қабили Имоми Аъзам (Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит), Имом Бухорӣ (Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил), Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, Ҷалолуддин Балхии Румӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Камоли Хуҷандӣ, Умари Хайём, Абубакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ ва дигарон диққати махсус додаанд. Мубрамии мавзуи таҳқиқшаванда омӯзиш, таҳлил, тарғиб ва татбиқи осору афкори илмии яке аз донишмандони овозадори форс-тоҷик Абубакр Муҳаммад Закариё ибни Яҳёи Розӣ (865-925) маҳсуб меёбад, ки натанҳо дар таърихи тамаддуни тоҷикон, балки дар таърихи тамаддуни исломӣ ва умумиҷаҳонӣ мавқеи хосса касб карда, диққати доираи васеи донишмандони гуногунсоҳаи ватанию хориҷиро ҷалб кардааст ва дар шароити рушди босуръати иттилооти илмию техникии замони муосир аҳамияти илмиву таърихии худро гум накарда, аҳамияти махсуси омӯзишиву пажӯҳиширо доро мебошад.

Ниёгони тоҷикон дар радифи халқҳои соҳибтамаддуни ҷаҳон, ки ангуштшуморанд, ба монанди юнониён, румиён, ҳиндуҳо, чиниҳо ва мисриён дорои таърихи қадима буда, дар ташаккул ва инкишофи донишҳои ақлӣ саҳми босазо доранд ва дар соҳаи илмҳои риёзиву табииётшиносӣ ва техника ихтироъкории онҳо дар сафҳаҳои таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ бо ҳарфҳои тиллоӣ сабт шудааст.

Аз ин рӯ, бинобар собиқаи бузурги илмӣ доштани ниёгони асримиёнагии мо, баҳри музаффарияти адолат ва барҳақ онҳоро ҳамчун поягузорони фарҳанг ва тамаддуни исломӣ ва ё мусулмонӣ, ки гоҳо тамаддуни исломӣ-эронӣ меноманд, шинохта шудаанд. Маҳз бо шарофати осори безавол ва мондагори ниёгони мо, ки дар асрҳои миёнаи олами ислом ба мерос гузоштаанд, илму фарҳанги умумибашарӣ дар асрҳои IX-XI милодӣ дар ҷаҳони Шарқу Ғарб ташаккул ва таҳаввул ёфтааст.

Қобили тазаккур ва боиси ёдоварист, ки тамаддуни ба ном исломӣ, махсусан ва дақиқан дар асрҳои IX-XI риштаҳои мухталифи илм маҳз тавассути заҳмати донишмандони асримиёнагии форс-тоҷик давраи нашъунамои худро сипарӣ намудааст. Маҳз бад-ин сабаб, мубрамияти мавзуи диссертатсионии мазкур дар чаҳорчӯбаи фаъолияти илмии як нафар аз садҳо нафар донишмандони оламшумули форс-тоҷик – Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ интихоб шудааст.

Муҳиммияти мавзуъ инчунин дар он зоҳир мегардад, ки баъди Истиқлолият ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши осори гаронбаҳои ниёгон ва татбиқи амалии он дар ҷараёни омӯзиши соҳаҳои мухталифи донишҳои табииётшиносиву ҷомеашиносӣ чи дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК), дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус (МТММ) зарурати беш аз пеш пайдо кардааст.

Инсонияти мутамаддин дар ҳама давру замон ба омӯзиши илм ва аҳамияти таърихи илм диққати аввалиндараҷа медиҳад. Ба андешаи мо косташавии маърифати инсон маҳз аз бедонишӣ ва бетарбиягии ӯ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар осори ғанию гаронбаҳои худ, яъне дар системаи фалсафии хеш ба чунин категорияҳои дониш, ба монанди ахлоқ, ақл, фитрат, мантиқ ва ғайра аҳамияти ҷиддӣ додааст.

Аз ҳамин ҷиҳат омӯзиш, пажӯҳиш, татбиқ ва тарғиби ақидаҳои илмии ниёгони асримиёнагии тоҷику форс, махсусан асрҳои IX-XI, ки ба истилоҳ асри тиллоӣ ва ё эҳёи тамаддуни миллати мо ба шумор меравад, дар системаи донишҳои мавҷудаи муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калони илмию амалӣ дорад.

Ба қавли Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «миллати тамаддунофари тоҷик» фарҳанги ғании қадима дорад, ки мероси илмию фарҳангии он, махсусан осори табииётшиносу риёзӣ ва то андозае осори гуманитарии классикони ниёгон то ҳанӯз ба таври амиқ ва ҳамаҷониба омӯхта нашудааст.

Ба андешаи мо, осори безаволи илмии донишмандони энсиклопедист – шоиру нависандагон, файласуфону муаррихон, табиатшиносону риёзидонон ва табибону зистшиносони асримиёнагии мо, аз ҷумла ақидаҳои илмиву гуманитарии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар тули асрҳои зиёд ҳамчун сарчашмаи илму дониш ва таълиму тарбияи наслҳои зиёд хизмат карда бошанд ҳам, то ҳанӯз таҳқиқу таҳлили пурраи худро вобаста ба соҳаҳои муайяни дониш наёфтаанд. Ақидаҳои илмии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ бахусус, дар давраи рушди соҳибистиқлолии ҷомеаи муосири кишвар барои таълиму тарбияи насли наврас ва пажӯҳишоти густурдаи унвонҷӯёни ҷавон хело заруранд ва дар мавриди донишандӯзии хонандагону донишҷӯён ва магистрантону докторантон аз аҳамияти маънавии хосе бархӯрдор аст.

Маҳз бад-ин сабаб, саҳми табиатшинос, табиб, риёзидон ва файласуфи овозадори тоҷику форс Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносиву риёзӣ ва ҳатто техникӣ, ки то ҳол дар адабиёти таърихи илми кишварамон ва хориҷи он мавриди таҳқиқоти ҳаматарафа қарор нагирифтааст, мубрам будани мавзуи диссертатсияро муайян менамоянд. Зеро Абубакри Розӣ бештар ҳамчун табиб ва файласуф мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ҳол он ки ӯ дар пешрафти донишҳои риёзиву табииётшиносӣ ва техникии замонааш саҳми босазо дорад.

Маҳз ҳамин ҷиҳати масъала моро водор сохт, ки дар кори диссертатсионии худ мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносиву риёзӣ»-ро ҳамчун кори илмӣ-таҳқиқотӣ баррасӣ намоем ва мубрамии мавзуи таҳқиқотро бо суханони Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хулоса хоҳем кард, ки гуфтаанд: «Таърихро дар ҳақиқат хотираи инсоният меноманд. Шахсоне, ки дар бораи сарнавишти миллат,

дар бораи гузаштаи таърихии халқи худ тасаввурот надоранд, анъанаву маросимҳои ниёгони худро намедонанд, нақш ва мавқеи фарзандони беҳтарини Ватани худро ба таври сазовор баҳогузорӣ карда наметавонанд, ба гумон аст, ки шаҳрвандони ҳақиқӣ, одамони комилҳуқуқ номида шаванд».

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ аз ҷумлаи он мутафаккирони шаҳири форс-тоҷик маҳсуб меёбад, ки дар бораш таҳқиқоти зиёд бо забонҳои гуногун дар кишварҳои мухталиф ба нашр расидаанд. Бештар аз ҳама фалсафа ва тибби ӯ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Вале осори риёзӣ, табииётшиносӣ ва техникии ӯ, ҳамчунин саҳми ӯ дар пешрафти донишҳои гуманитарӣ ба назари мо, ба таври пурра омӯхта нашудааст. Ҳаройина то кунун вобаста ба ақидаҳои илмии ӯ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳқиқоти махсуси дисертатсионии аз ҷиҳати илмӣ ба таври ҳамаҷониба (комплексӣ) вуҷуд надорад. Агарчанде мақолаҳои ҷудогонаи илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва бештар оммавӣ дар ин бора дар маҷмуаҳо ва хусусан рӯзномаҳои кишвар ба табъ расидаанд.

Аз ин лиҳоз, вобаста ба дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқотии мазкур адабиёти мавҷударо метавон ба се гурӯҳ тақсим намуд.

а) гурӯҳи якум сарчашмаҳо ба забонҳои арабӣ ва форсии дарӣ (тоҷикӣ);

б) гурӯҳи дуюм тадқиқоти донишмандони хориҷӣ ба забонҳои англисӣ, русӣ ва ғайра;

в) гурӯҳи сеюм пажӯҳишоти донишмандони ватанӣ мебошанд.

Ба гурӯҳи якум таълифоту таснифоти донишмандоне аз қабили Ибни Надим [36; 75; 107], Абурайҳони Берунӣ [9; 105], Абуалӣ ибни Сино [3; 4; 33; 37], Абуабдуллоҳ Котиби Хоразмӣ [13], Носири Хусрав [70; 71; 72], Носируддини Муншӣ [141; 142], Абулфазли Байҳақӣ [7; 8; 15; 19], Алии Байҳақӣ [11], Ибни Қифтӣ [34; 106], Ибни Халликон [38; 39; 109], Ибни Аби Усайбиа [85], Фахруддини Розӣ [89] ва Абдурраҳмони Хозинӣ [1]-ро ҳамчун сарчашмаҳои муътамад ва асосӣ ёдрас шудан мумкин аст. Ба гурӯҳи дигари таълифот осори таҳқиқотии муҳаққиқони хориҷиро аз қабили донишмандони зерин зикр кардан мумкин аст: Каримов У.И. [46], Усмонов М. [88]., Шад П.Г. [150]., Хикматуллаев Х. [94; 95], Бахадиров Р.М.

[92; 153], Саги-кызы А. [145], Руска Ҷ. [112], Фигуровский Н.А. [90], Маҳдии Муҳаққиқ [56] ва Маҳмуд Наҷмободӣ [57], Парвиз Азкоӣ [74; 119] ва дигарон.

Аз муҳаққиқони ватании осору аҳволи Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ номи донишмандони зеринро ёдрас шудан лозим аст: Ашуров Ғ. [121], Бекзода (Беков) К. [122], Диноршоев М. [5; 27; 28], Девонақулов А. [26; 31], Бақоева М. [31], Раҳимзода С.[31], Исоев М. [126], Мардонӣ Т. [5], Комилӣ А.Ш. [44; 49; 50; 51; 52; 116; 117; 127; 128; 129; 130; 131; 132; 133; 134; 135; 136; 154; 155], Қулматов Н. [139], Қурбонов Б.Р. [53; 54; 137; 138; 156; 157], Осимӣ М. [31], Юсуфов З.Н. [137; 138], Наврӯзов Г.Н. [138], Ҳайдарова С.С. [97; 148; 149; 158], Шамолов А. [151], Муҳаммад А.Н. [63], Идизода Х.У. [63], Шарипов А. [152]; Давлатзода С.Х. [123], Самариддини Ҷ.Қ. [146] ва дигарон.

Аз чунин ёдоварии пажӯҳишоти розишиносон маълум мегардад, ки таҳқиқоти асосӣ дар бораи осору афкор ва рӯзгори Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ асосан ба ақидаҳои фалсафию тиббӣ ва гоҳҳо табиатшиносии ӯ бахшида шудааст. Гарчанде Абубакр Маҳаммад Закариёи Розӣ ба мисли Ибни Синову Абунасри Форобӣ ва ё дигар донишмандони ниёконамон рисолаи махсусе дар соҳаи табақабандии илмҳо набахшидааст, лекин аз рӯйи табақабандии Абурайҳони Берунӣ дар асари номрафтааш «Феҳрист кутуб Муҳаммад Закариёи Розӣ» («Номгӯйи асарҳои Муҳаммад Закариёи Розӣ») ақидаҳои ӯро доир ба илмҳои табиатшиносиву риёзӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Аммо бояд гуфт, ки новобаста аз теъдоди зиёди таълифоти розишиносони ватанию хориҷӣ ба забонҳои гуногун осори табииётшиносии ӯ то ҳанӯз ба таври пурра ва комил мавриди таҳлил қарор нагирифтааст. Ба истиснои баъзе аз таълифоти Ҷ. Руска, У.И. Каримов, А.Ш. Комилӣ ва Б.Р. Қурбонов, С.Х. Давлатзода, ки то андозае баъзе масъалаҳои марбут ба физика ва химия дар осори Абубакри Розӣ бахшида шудааст, осори табииётшиносии ӯ гуфтан мумкин наомӯхта боқӣ мондааст.

Албатта, пажӯҳишоти пурарзиши донишмандоне аз қабили Диноршоев М., Девонақулов А., Исоев М., Исҳоқӣ Ю.Ю., Мардонӣ Т., Қулматов Н., Олимов К., Ҳайдарова С.С., Шамолов А., Муҳаммад А.Н., Идизода Х.У., Маҳдии Муҳаққиқ

ва Маҳмуд Наҷмободӣ, Парвиз Азкоӣ ва дигарон, ки бештар ҷанбҳои фалсафӣ ва тиббии осори Муҳаммад Закариёи Розиро фарогиранд, фаромӯшношуданист.

Аз рӯйи номгӯйи осораш ҳувайдост, ки ӯ ба масъалаҳои зистшиносӣ (биология), ҳайатшиносӣ (астрономия), риёзиёт (математика) низ рисолаҳо эҷод кардааст. Бояд таъкид кард, ки ӯ ҳатто ба масъалаҳои техникӣ ва муҳандисии замонааш даст зада, «тарозуи физикӣ»-е ихтироъ кардааст, ки дар зербобҳои марбутаи диссертатсия мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт. Ногуфта аз он ки теъдоди асарҳои ба физика ва химия бахшидашудааш ҳам дар маҷмуъ бештар аз 50 номгӯйро ташкил медиҳанд, ки сазовори таҳқиқ мебошанд.

Агарчанде осори табииётшиносии Абубакри Розӣ мушаххасан дар масъалаи ташаккул ва инкишофи донишҳои физикиву кимиёии ӯ то андозае аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта бошанд, чунин вазъиятро мо дар бораи саҳми ӯ дар масъалаҳои зистшиносӣ (биология), ҳайатшиносӣ (астрономия) риёзиёт (математика) ва ҳатто техникиву муҳандисӣ гуфта наметавонем, зеро то ҳанӯз ин ҷиҳати масъала дар сафҳаҳои таърихи илму техникаи ҷаҳонӣ, натанҳо ватанӣ камомӯхта ва дар баъзе маврид наомӯхта боқӣ мондааст. Ҳарчанд аз рӯйи феҳристи осори Абубакри Розӣ ҳувайдост, ки ӯ доир ба ин масъалаҳо низ таълифоти ҷолибе доштааст.

Аз ҳамин ҷиҳат, дар диссертатсия кӯшиш рафтааст, ки дар асоси омӯзиш ва таҳқиқи ҳаматарафаи осору афкори Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ саҳми ӯро дар пешрафти донишҳои табиатшиносиву риёзӣ (албатта, бар мабнои осори боқимонда ва баташррасидаи ӯ) агарчанде мухтасаран, зеро дар ин масъала меарзад чандин китобҳо навишт, вале мушаххасан мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои кори кафедраҳои математикаи олӣ ва фанҳои табиатшиносӣ, андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба иҷро расидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти мазкур омӯзишу таҳлили афкори табииётшиносиву риёзии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ, инчунин татбиқу инкишофи ақидаҳои илмии ӯ дар ҷараёни таълим дар МТОК, МТММ ва МТМУ мебошад, ки дар натиҷаи пажӯҳишоти диссертатсионӣ хонандагону донишҷӯёни кишвар натиҷабардорӣ кардан аҳамияти таърихӣ-илмӣ дорад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар робита бо мақсади асосии таҳқиқот дар диссертатсия **вазифаҳои зерин ба миён гузошта шудаанд:**

– омӯзиши осори табииётшиносиву риёзӣ ва фалсафииии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ;
– муайян намудани саҳм ва нақши Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар ташаккул ва инкишофи донишҳои риёзиву табиии асрҳои миёнаи олами ислом;
– таҳлили осори Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ ва таъсири он дар осори донишмандони баъдинаи Шарқи исломӣ ва Аврупои лотинӣ;
– арзёбии осори Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар пажӯҳишоти Ибни Надим, Абурайҳони Берунӣ, Носири Хусрав, Абдураҳмони Хозинӣ ва дигарон;
– асоснокгардонии таъсири осори Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар дастовардҳои илмии асрҳои миёна то асри XX;
– таҳияи тавсияҳо оид ба таҳлил ва омӯзиши осори Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар МТМУ ва МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқоти илмӣ** омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи осори ғанию камомӯхташудаи Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ ва муайян кардани вазъи илмҳои табииётшиносию риёзӣ дар асрҳои IX-X ва аҳамияти он дар таърихи илм мебошад.

**Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ** асарҳои илмии донишманди маъруфи асримиёнагии тоҷику форс Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ (865-925), ки дар риштаи илмҳои физика, химия, астрономия, тиб, риёзиёт ва донишҳои гуманитарӣ эҷод намудааст, маҳсуб меёбад. Яъне предмети таҳқиқотро таҳаввул ва ташаккули

масъалаҳои марбут ба саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносиву риёзӣ ташкил медиҳанд.

**Марҳала, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур асосан дар се марҳала анҷом дода шудааст.

Дар марҳалаи аввал (2011-2015) – интихобу тасдиқи мавзуъ ва ҷамъоварию шиносоӣ бо осоре, ки роҷеъ ба омӯзиши мероси илмии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ тааллуқ дорад, таҳия шудааст. Дар ин марҳала нашри мақолаҳо ва гузоришоти илмӣ оид ба мавзуъ оғоз гардида, таълифу нашри чунин мақолаҳо ва маърӯзаҳо дар ҳар се марҳала идома ёфтааст.

Дар марҳалаи дуюм (2015-2018) – ба ғайр аз идомаи навиштани мақолаҳову фишурдаҳои илмӣ ва иштирок дар конфронсҳои илмӣ, инчунин таснифи қисмати назариявию методии рисола мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар марҳалаи сеюм (2018-2025) – нашри мақолаҳои илмӣ идома ёфта, навиштани рисола ва баррасии он дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои математикаи олӣ ва фанҳои табиатшиносӣ ва андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон амалӣ гардида, бо дарназардошти ислоҳу эродҳои мавҷуда ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.

**Чаҳорчӯбаи хронологии таҳқиқот** асосан асрҳои IX-X-ро фаро мегирад. Сарҳади давраи таҳқиқотӣ замони ривоҷу равнақи давлати Сомониёнро дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Ба сифати асосҳои назариявию методологии таҳқиқот маҷмуи усулҳое истифода шудаанд, ки омӯзиш ва таҳлили осори табииётшиносиву риёзии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розиро ташкил медиҳанд. Яъне усулҳои таърихӣ ба амсоли таърихияти илмӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, илмӣ-таърихӣ, инчунин усулҳои таҳлили иҷтимоӣ-таърихӣ аз он ҷумла мебошанд.

Дар ҷараёни коркарди мавзуи мазкур муаллиф ба консепсияҳо ва назариёти бисёре аз олимони ватаниву хориҷӣ, аз қабили М. Диноршоев, А. Девонақулов, А.Ш. Комилӣ, Б.Р. Қурбонов, С. Ҳайдарова, У.И. Каримов, М. Наҷмободӣ, М. Муҳаққиқ, П. Азкоӣ ва дигарон, ки таҳқиқоташон бевосита ба мавзуи рисолаи таҳқиқшаванда наздиканд, такя намудааст.

Дар диссертатсия ба таҳлили осори энсиклопедии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ такя карда мешавад; афкору ғояҳои мутафаккир оид ба инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ муқоиса ва мавриди арзёбӣ қарор гирифта, аҳамияти он дар пешрафти илми муосир муайян гардидааст.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот.** Сарчашмаҳои омӯзиши мавзуъро метавон ба ду бахш тақсим кард:

1) сарчашмаҳои аслӣ ба забонҳои арабӣ, форсӣ-тоҷикӣ (бо алифбои арабиасос) ва тоҷикӣ (бо хатти кириллӣ);

2) таҳқиқот бо забонҳои тоҷикӣ ва аврупоӣ (бештар ба забони русӣ).

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар натиҷаи омӯзиши ҳамаҷонибаи мероси ғании донишманди энсиклопедист Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ навгонии пажӯҳишотро мухтасаран ва мушаххасан чунин ифода кардан мумкин аст:

1. Ҷанбаҳои осору афкори табииётшиносиву риёзии Абубакри Розӣ бо системаи муайяни илмӣ ва нақши он дар таърихи илм;

2. Нақши осори Абубакри Розӣ дар саромади илмҳои табииётшиносӣ, махсусан физика ва химия ва таъсири он дар осору афкори донишмандони баъдии асримиёнагии форс-тоҷик;

3. Муайян кардани мавқеи илмҳои табииётшиносӣ дар системаи илмию фалсафии Абубакри Розӣ ва дараҷаи омӯзишу зарурияти он дар замони инкишофи босуръати техникию технологӣ;

4. Аҳамияти омӯзиши осори табииётшиносиву риёзии Абубакри Розӣ ва татбиқи он дар марҳалаҳои муайяни таърихи илм ва техника.

5. Мавзуи мазкур аввалин маротиба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рамзи 6.1.7.-Таърихи илму техника (илмҳои таърих) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– таҳаввул ва инкишофи таърихи илм ва техника дар осори энсиклопедӣ ва рисолаҳои махсуси Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар кишвар ва хориҷи он, самаранокии истифодаи он ҷиҳати омӯзиши донишҳои табииётшиносӣ барои бунёди ҷомеаи нав дар ҷумҳурӣ манфиатовар мебошад;

- таърихи азхудкунии донишҳои табииётшиносӣ ва ҳамгироии он бо дигар соҳаҳои илм дар осори Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ - ҷузъе аз таърихи илми тоҷик буда, барои омодасозии мутахассисони баландихтисоси ин соҳа дар кишвар маҳсуб меёбад;
- ҳангоми азхудкунии донишҳои риёзиву табииётшиносӣ дар осори Абубакри Розӣ, саҳми мутахассисони соҳа дар ин самт хеле босазо арзёбӣ гардида, нишон дода тавонистану қадр кардани онҳо, ҳамчунин ба ҷомеа расонида тавонистани мақсаду арзиши кори онҳо вазифаи муҳаққиқону пажӯҳишгарони таърихи илм ва техника дар рисолаи мазкур ҳаддалимкон баррасӣ гардидааст;
- омӯзиш ва ташаккулу рушди таърихи илм ва техника дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсули меҳнати муҳаққиқони соҳа ба шумор меравад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:** Диссертатсия дорои арзиши илмӣ-назариявӣ мебошад. Маводи таҳқиқот, пешниҳод ва интишороти муаллиф метавонад ҳамчун манбаи омӯзишӣ дар соҳаи таърихи илм ва техника хизмат намоянд. Чунончи:

- натиҷаҳои таҳқиқотро ҳангоми навиштани корҳои бунёдии ҷамъбастӣ оид ба таърихи илмҳои табииётшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он ва ҳамчунин ҳангоми хондани курсҳои махсус дар донишкадаву донишгоҳҳои олии кишвар, хусусан дар факултет ва риштаҳои тахассусии табииётшиносӣ метавон истифода бурд;
- натиҷаи таҳқиқот метавонад дар шакли мақолаҳои илмӣ, илмию методӣ ва дастурҳои тавсиявӣ барои магистрантону докторантони PhD ва донишҷӯёну унвонҷӯён, дар бораи навиштани рисолаҳои тахассусӣ хизмат кунад;
- натиҷаи кор инчунин барои омӯзгорони МТМУ МТММ ва МТОК-и кишвар манфиатовар буда метавонад;
- ниҳоят натиҷаи таҳқиқот, албатта ҳангоми навиштани монографияҳо ва маҷмуаҳои тахассусӣ барои муҳаққиқони соҳаи таърихи илм ва техника метавонад васеъ истифода бурда шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Асоси методологии диссертатсияро принсипи таърихият, таҳлили илмии таърихи илм ташкил дода,

имконият медиҳад, ки далелҳои таърихӣ вобаста ҳамгироии донишҳои табиию риёзӣ дар робитаи якдигар баррасӣ гарданд. Ҳамзамон дар ҷараёни таҳқиқот методҳои гуногуни маърифатӣ: таҳлил, шарҳ, татбиқ, муқоиса ва хулосабарорӣ истифода шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Аз рӯйи мазмун ва мундариҷаи худ диссертатсия ба ихтисоси 6.1.7. Таърихи илм (таърих) мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Дар натиҷаи таҳқиқоти мазкур муаллиф бори нахуст саҳми Абубакри Розиро дар як системаи муайяни илмӣ бо назардошти раддабандии донишҳои замонааш нишон додааст. Илова бар ин, саҳми шахсии диссертант дар он аст, ки ӯ омӯзиши осори илмии Абубакри Розӣ ва маҳаллаҳои таҳқиқи осори ӯро, чӣ дар асрҳои миёна ва чӣ дар замони муосир ба тафсил нишон додааст, ки барои муҳаққиқониояндаи мероси илмии ин донишманди воломақом дастури муфиде хоҳад буд. Ҳамин тавр, муаллифи диссертатсия бори аввал саҳми Абубакри Розиро дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ дар як системаи муайян ба риштаи таҳлил кашида, мавқеи ӯро дар ташаккул ва инкишофи донишҳои риёзиву табииётшиносӣ нишон додааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Бахшҳои асосӣ ва нуктаҳои муҳимми таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласа, семинарҳои илмию назариявии кафедраҳои математикаи олӣ ва фанҳои табиатшиносӣ, андоз ва андозбандӣ ва забонҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ироа ва мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Нуктаҳои муҳимми таҳқиқоти диссертатсионӣ дар Конференсияи VIII-уми байналмиллалӣ «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масоили мубрами рушди иқтисодиёти инноватсионӣ» 25-26 сентябри соли 2020. –. Душанбе, ДДТТ, 2020; Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Мақоми Абурайҳони Берунӣ дар таърихи тамаддуни форс-тоҷик», бахшида ба 1050-солагии мутафаккири бузург (26-27 майи соли 2023). – Бохтар, 2023; Конференсияи II-юми байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Рушди технологияи рақамӣ дар шароити муосир» «Бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва

рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» (солҳои 2020-2040), 26-27 декабри 2023 – Душанбе, ДДТТ, 2023; Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Таълим ва такмили забонҳои хориҷӣ», 20 майи соли 2024 – Душанбе, ДДТТ, 2024 баррасӣ ва маъруза гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз 32 интишороти муаллиф мазмуни асосии диссертатсия дар 20 интишороти муаллиф, аз ҷумла 9 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 2 мақола бидуни ҳаммуаллифӣ чоп шудааст ва 11 мақолаҳо дар маҷаллаҳои дигари илмӣ ва маводи конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 171 саҳифаи матни компютерӣ омода шуда, аз муқаддима, се боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

# БОБИ I. ВАЗЪИ ИЛМУ ФАРҲАНГ ДАР ХУРОСОНУ МОВАРОУННАҲР ДАР АСРҲОИ IX-X

## 1.1. Вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва ҷуғрофии замони зиндагии Абубакри Розӣ

Давлати Сомониён ба вазъияти сиёсиву иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии асрҳои IX-X Хуросону Мовароуннаҳр таъсири бузург ва ҳалкунанда гузоштааст. Сомониён барои пешрафти илму фарҳанг донишмандон, табибон ва файласуфони номвари замонаро ба дарбор ҷалб мекарданд, ки дар миёни онҳо Абубари Розӣ ҳамчун табиб, файласуф ва табиатшиноси варзида ҷалб шуда буд.

Дар ибтидои параграф дар бораи мафҳуму мазмуни истилоҳҳои Хуросон, Хуросони бузург, Мовароуннаҳр, Осиёи Миёна ва Осиёи Марказӣ чанд сухан гуфтан лозим аст.

Вожаи Хуросон (خراسان) дар забони паҳлавӣ (Xvarāsān) ҳамчун дорандаи маънои «Кишвари хуршедӣ» дар таърих асосан бо ду ном: Хуросони бузург ва Хуросон вомехӯрад. Бояд гуфт, ки Хуросони бузург, ки баъзан бо номи Хуросони кабир низ ёд мешавад, дар ибтидо фарогири мавқеи ҷуғрофии бештаре буд. Имрӯз номи Хуросон танҳо ифодакунандаи як минтақаи начандон бузург дар Ҷумҳурии исломии Эрон ва номи ноҳияе дар қисмати ҷанубии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар давраи Сосониён Хуросони бузург фарогири шаҳрҳои маъруфе аз қабили Балх, Ҳирот, Ғазна (ҳоло дар ҳудуди Афғонистони кунунӣ), Нишопур, Тӯс, Машҳад (дар ҳудуди Ҷумҳурии исломии Эрон), Самарқанду Бухоро (ҳоло дар ҳудуди Ҷумҳурии Узбекистон), Марв, Нисо (дар ҳудуди Туркманистон) буд. Дар маҷмуъ Хуросони бузург, ки ватани аслии тоҷикон ба шумор меравад, фарогири ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Узбекистон, Туркманистон, Қирғизистон, қисмати ҷанубии Қазоқистон ва қисматҳои ёдшудаи Эрону Афғонистон мебошад.

Калимаи Transoxanien ифодакунандаи вожаи Мовароуннаҳр мебошад, ки ба забони тоҷикӣ онро Фарорӯд меноманд. Вожаи Мовароуннаҳр аз се калимаҳои арабии «мо» (ما) – «чи», «варо» (وراء) – «он сӯй» ва «ан-наҳр» (النهر) – «рӯд», «дарё» иборат буда, тарҷумааш «он сӯйи рӯд» мебошад ва рӯд (дарё) аст, рӯди Ҷайҳун, яъне Амударё.

Топоними «Хуросон», бинобар маълумоти андӯхтаи забоншиноси маъруф В.С.Расторгуева, аз вожаи форсии тоҷикии خراسان тавассути порсии класикии xurāsān ва паҳлавии xvarāsān аз решаи эронии қадими «xvar-āsāna» сарчашма гирифта, маънои «баромади Офтоб»-ро дорад. Яъне «xvar» - «хуршед», «офтоб» ва «āsān» - «баромад» [77, с. 442] мебошад. Ҳамин тавр, Хуросон – маънои «Кишвари офтоббаро»-ро дорад.

Аслан, Хуросони бузург аз ҷиҳати ҷуғрофӣ фарогири воқеан масоҳати бузурге аз самти Ғарб аз баҳри Каспий то Мовароуннаҳру Суғдиён дар Шимол ва аз Ҷануб то даштҳои Сиистон ва дар Шарқ то кӯҳҳои Ҳиндукуш буд [104, с.109].

Дар давраи исломӣ Ироқи Аҷам ва Хуросон ду минтақаи муҳимми Эронзамин буда, сарҳади байни онҳо дар атрофи шаҳрҳои Гургон ва Домғон муайян карда мешуд. Хуросони асримиёнагӣ сарзамини машҳуреро аз хоки Эронзамини бостонӣ фарогир буд, ки дар он минтақаҳои Бохтар (Тохаристон), Хоразм, Суғд, Фарорӯд ( Мовароуннаҳр) ва ҳамчунин Сиистон дохил мешуданд.

Дар мавриди истилоҳҳои Осиёи Миёна ва Осиёи Марказӣ бояд гуфт, ин ду истилоҳ аз лиҳози ҷуғрофӣ аслан фарқи куллӣ доранд. Дар бораи ин ду истилоҳ олими шинохтаи тоҷик Абдулҳай Комилӣ барҳақ навиштааст: «...пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ (СССР) мафҳуми «Осиёи Миёна» мутаассифона таҳриф гардида, ба ҷойи истилоҳи «Осиёи Миёна» ба ҷойи истилоҳи «Осиёи Марказӣ» маъмул шуд, ки ин нодуруст аст. Албатта, ин вазъият бахше аз сиёсати пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ буд.Чунки аз лиҳози ҷуғрофӣ истилоҳҳои Осиёи Миёна, Осиёи Сағир,Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ, Осиёи Марказӣ мавҷуданд, ки ҳар як кишвари алоҳидаро, дар бар мегиранд. Масалан, мутобиқи таърифи ЮНЕСКО ба Осиёи Марказӣ кишварҳои Муғулистон, Чини Шимолу Ғарбӣ, Тибет ва қисми осиёии Русия.

Осиёи Ҷанубу Шарқӣ – кишварҳои Мянма, Индонезия, Малайзия, Тайланд, Камбоҷа, Бруней, Ветнам, Филиппин, Лаос, Сингапур ва Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ – кишварҳои Озарбойҷон, Арманистон, Баҳрайн, Исроил, Иордания, Ироқ, Эрон, Яман, Қатар, Кувейт, Лубнон, Аморати муттаҳидаи Араб, Арабистони Саудӣ, Сурия, як қисми Гурҷистон, як қисми Туркия, як қисми Мисрро дар бар мегиранд.

Ба Осиёи Миёна ҳамчун минтақаи қадимии бомаданият ҷумҳуриҳои имрӯзаи Тоҷикистон, Туркманистон, Узбекистон, Қирғизистон ва як қисми Қазоқистон дохил мешаванд» [128, с. 62-66].

Марҳалаи таърихии давлатдории Сомониён ҳамчун «...давраи эҳёи тамаддуни тоҷикон» [67; 84] маҳсуб меёбад.

Дар ин айём арзишҳои мадании нав, инкишофи илм, техника ва адабиёт ба вуҷуд омад, ки хусусиятҳои хоси худро доро буд. Ин аз ҷиҳати сиёсӣ-иҷтимоӣ ҳанӯз аз асри VIII оғоз ёфта буд, ки то асри XI идома ёфтааст. Раванди ташаккули халқи тоҷик ва давлатдории ӯ ба сохти ҷамъияти феодалии Сомониён мувофиқ аст.

Вобаста ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, зимни суханронӣ дар Конфронси байналхалқии илмӣ бахшида ба 1100-солагии давлати Сомониён, 28 апрели соли 1999 дар шаҳри Санкт-Петербург баргузор гардида буд, чунин ибрози ақида намудаанд: «...Давраи ниҳоии ташаккули давлатдории халқи имрӯзаи тоҷик ба куллӣ ба давлати Сомониён марбут аст, ки дар давоми асрҳои IX-X ба туфайли баъзе воқеаҳои таърихӣ ба дунё омад. Давлати Сомониён омили муҳимми таъриху тамаддуни шарқ ва ҷаҳон гардид. Вай ба халқаш шароити мусоиди зиндагӣ ва кор муҳайё сохта, боварии мамлакатҳо ва халқҳои дуру наздикро ба ҳамкории серсоҳаи мутақобилан муфид дар тамоми тули ҷодаи бузурги абрешим, хусусан дар соҳаҳои тиҷорат, муомилоти байналхалқии мол, мубодилаи фарҳанг тақвият дода, халқи тоҷикро ба саҳнаи тамаддуни ҷаҳонӣ баровард» [78, с.117].

Таърихи давлатдории Сомониён дар асарҳои ҷудогона [68; 62; 98], дар миёни воқеаҳои аз нигоҳи солшуморӣ гуногун [18, с.267-327; 24, с.336-388; 45, с.332-637; 82] ва маҷмуаҳои китобҳои дастаҷамъӣ [147; 140] дарҷ гардидааст.

Маҳз замони давлатдории Сомониён, ки дар таърих бо номи нахустин давлатдории тоҷикон ёд мешавад, замони дастовардҳои этникӣ-маданӣ ва сиёсӣ-иҷтимоии халқи тоҷик дар заминаи таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоӣ ба амал омада, илм, санъат, техника ва ҳунарҳои гуногун пайдо шуда, рӯ ба инкишоф оварданд.

Аз ҷумла сохти заминдорӣ, саноати ҳунармандӣ, коркарди канданиҳои зеризаминӣ ва рушди чорводорӣ, зироаткорӣ низ тавсеа ёфта буд, ки чунин кор танҳо дар асоси ривоҷи пешрафти илму техника ба амал омада метавонад. Дар асоси пешрафти илму техникаи ҳамон замона рушди системаи ирригатсионӣ (обёрӣ) дар қаламрави Сомониён ба таври густурда пайдо гардидааст. Дар он замон низоми обёрии корезӣ бисёр густариш ёфта буд, ки дар тамоми Хуросону Мовароуннаҳр, дар мисоли шаҳрҳои Нишопур, Тӯс, Машҳад, Панҷакент, Истаравшан, Хуҷанд, Марв, Нисо ва ғайра амал мекард ва намунаи бозмондаҳои он то замони мо расидаанд.

Ривоҷи иншоотсозӣ ва тақвияти низомҳои ирригатсионӣ, ки дар натиҷаи амалисозии назарияи донишҳои табииётшиносӣ ва техника ба вуҷуд меоянд ва заҳмати фавқулода душворро талаб мекарданд, аз рушди илму техникаи замона шаҳодат медиҳанд. Маълумоти саҳеҳ дар бораи рушди саноати кӯҳӣ, таркиб ва характери коркарди канданиҳои фоиданок, дараҷа ва имкониятҳои дастрасӣ ба онҳо, шароити меҳнат ва мавқеи иҷтимоии санъаткорони соҳаи истихроҷи маъдан далели таърихӣ барои ривоҷи илмҳои табииётшиносиву техника дар Хуросону Мовароуннаҳр ба шумор мераванд. Пажӯҳишоти бостоншиносии муосир ошкор карданд, ки дар баъзе аз минтақаҳои Осиёи Марказӣ - Фарғона, Истаравшан ва Бадахшон ва ғайра - нишонаҳои коркарди намудҳои мухталифи металлҳои ранга ва сиёҳ пайдо гаштаанд. Маводи таҳқиқотии археологии асрҳои X-XI бар он шаҳодат медиҳанд, ки роҳҳои ба даст овардани металлҳои мухталиф ва коркарди он ба дараҷаи баланди тараққиёти худ расида буданд. Технологияи коркарди металлҳои нодир ба монанди сурб ва нуқра дар ҳар марҳила баҳисоб гирифта шудаанд. Технологияи коркарди металлҳои нодир аз қабили сурб ва нуқра дар тамоми зинаҳояшон ба қайд гирифта шудаанд. Корҳои дар самти илмҳои табиатшиносӣ, махсусан кимиё (химия) ва илми табиӣ (физика) иҷронамудаи ин замон донишмандони маъруф ба монанди Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ яке аз комёбиҳои беҳтарини таҳқиқотӣ дар амалияи металлургия маҳсуб мeёбанд, ки аз он олимони тамоми дунё истифода намудаанд.

Номгӯйи маҳсулоти ҳунармандие, ки сарчашмаҳои хаттӣ аз он шаҳодат медиҳанд ва ҳамзамон миқдори марказҳои тавлидкунандаи ин маҳсулот, ки бостоншиносон бозҷӯйӣ намудаанд, далели равшани инкишофи ин саноеъ дар марҳалаи асрҳои X-XI-и Мовароуннаҳру Хуросон ба шумор мераванд. Ин бозёфтҳо ба мо имконият медиҳанд, ки доир ба дараҷаи баланди ҳунармандӣ ва дар доираи васеъ паҳн шудани санъати ҳунармандӣ, ки дар натиҷаи тараққиёти илмҳои табииётшиносӣ ба даст меоянд, маълумот дошта бошем. То ба ин дараҷа вусъат ёфтани ҳунармандӣ моро ба хулосае водор месозад, ки дар ин марҳала раванди мутамарказ гардидани истеҳсолот ба амал омада, заминаи воқеиро барои сохтани корхонаҳои дастҷамъона дар оянда муҳайё сохтанд. Бинобар ин пешрафти илмҳои табиатшиносӣ бо талаботи ниёзи мардум рушд кардаанд. Мисоли равшани инро дар соҳаи илмҳои зистшиносию кимиё ва илми табиӣ дар осори мондагори Муҳаммад Закариёи Розӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Тараққиёти ҳунармандии Мовароуннаҳр ва Хуросон гуногунсоҳа буда, аз ҳама соҳаи инкишофёфта коркарди металл (барориши маснуоти оҳанӣ, биринҷӣ ва мисӣ), маснуоти пахтагӣ, абрешимӣ, саноеи коркарди чарм, кулолӣ, шишатайёркунӣ, оҳангарӣ, корҳои осиёбӣ ва санъатҳои бадеии заргарӣ, коркарди чӯбӣ ва ғайра буданд.

Чи тавре ки маълум аст, маданияти моддию маънавӣ соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонро фаро гирифта, натиҷаи он аз насл ба насл мегузарад. Манзил, ашёи рӯзгор, биноҳои зисту ёдгориҳои мондагор, меъморӣ, маданияти бинокорӣ, шаҳрсозӣ, ҳунармандӣ, асбобу анҷом, либос, заргарӣ, ривоятҳои таърихӣ, ақидаҳои динӣ, ташаккулу инкишофи мусиқӣ, адабиёт ва ғайра қисми таркибии маданияти моддию маънавии халқи тоҷикро дар замони салтанати Сомониён, рӯзгору пайкори Муҳаммад Закариёи Розӣ, ки пурра дар он давра сипарӣ шудааст, ташкил медиҳанд. Онҳо чӣ дар алоҳидагӣ ва чӣ ба таври коллективӣ (дастаҷамъӣ) ҳамчун меъёри тараққиёти ҷамъият хизмат мекунанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки яке аз мушкилоти муҳимми омӯзиши таърихи Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои IX-X омӯзиши маданияти моддию маънавӣ буда, дараҷаи тараққиёти иҷтимоӣ-

иқтисодӣ ва мадании мардумро дар замони Сомониён то андозае инъикос мекунад.

Дар ин марҳала раванди шаҳрсозии асримиёнагии ба истилоҳ - осиёӣ, ки аз ҷумлаи маданияти моддӣ ба шумор меравад, ба авҷи баланди замона расида буд.

Ин яке аз муҳимтарин нишондиҳандаҳои рушди ҷомеаи Осиёи Макркзӣ дар таҳаввулоти сохторҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ, хоссатан дар соҳаи шаҳрсозӣ мебошад. Дар асрҳои VIII-XI таҷдид ва густариши шаҳрҳо дар саросари Мовароуннаҳр ва Хуросон ҳам аз ҷиҳати топографӣ ва ва меъморӣ ҳам аз ҷиҳати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сохторӣ сурат гирифт. Дар асрҳои VIII-XI бозсозӣ ва афзудани теъдоди шаҳрҳо дар тамоми Хуросону Мовароуннаҳр ҳам бо маънои топографӣ ва архитекторӣ ва ҳам ба маънои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сохторӣ ба миён омад. Яке аз донишманди маъруфи замони шуравӣ академик А.Ю. Яъкубовский дар ин бора чунин нигоштааст: «...Ҳанӯз дар охирҳои асри X дар шаҳрҳои бузурги замон: Марв, Бухоро Самарқанд, Нишопур ва дар шаҳрҳои дуюмдараҷа, ки сохтмонҳояшон идома доштанд, раванди шаҳрсозии феодалӣ дар ҳолати рушд буд» [103, с.15].

Шаҳрҳои Осиёи Миёна сохторҳои топографии хеле мураккаб дошта, барои ба низом даровардани ҳаёти иқтисодӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, маданӣ ва маъмурии шаҳрвандон куҳандизҳо, шаҳристонҳо, работҳо, корезҳо, маҳаллаҳои назди шаҳрӣ мувофиқи мақсад буданд. Шаҳрҳо аз тамоми санъатҳои шаҳрсозии замонавӣ баҳравар буда, саросар кабудизор буданд, боғҳои зиёд ва каналҳои обёрикунанда доштанд. Иншооти маданӣ, боғҳои хушбоду ҳаво, ҳавзҳои мусаффо, гулгаштҳо, шахракҳои фароғатӣ, таъсиси гурӯҳҳои навозандагон, сарояндагон, раққосон ва дигар намуди санъаткорон шаҳрҳоро ҳусну таровати тоза мебахшиданд. Шаҳрҳо дорои системаи ягонаи обтаъминкунӣ бо усулҳои каналҳои кушода, обанборҳо, корезҳои зеризаминии аз хишт сохташуда ва ҳатто қубурҳои обрав буда, осори хаттии боқимонда ва бозёфтҳои бостоншиносӣ гувоҳи инкишофи ҳаёти маишии он мебошанд.

Яке аз сайёҳони маъруфи араб Абулқосим Муҳаммад ибни Ҳавқали Насибӣ (943-988) вобаста ба манзараҳои ободу дилчаспи шаҳри Самарқанд навиштааст:

«...Ман вориди он (Самарқанд) шудам. Дар он манзараҳои аҷиберо дидам, ки кас аз тамошои онҳо ба ваҷҳ меояд: дарахтони сабзи тозаву тар, биноҳои муҳташам, обҳои ҷории мусаффо ва зебогии беохири ҳаловатбахш. Ба куҷое, ки назар мекунӣ ҳатман чизеро мебинӣ, ки бароят гуворо аст, манзараҳоеро вомехӯрӣ, ки дилчаспу оромибахшанд. Майдонҳоеро дучор меоӣ, ки дар атрофашон биноҳои муҳташам қомат афрохтаанд. Дар деворҳои ин биноҳо ороишоте ҳастанд, ки гӯё ба худ хос ҳарф мезананд ва бинандаро мутаҳаййир месозанд. Гумон меравад, ки ин биноҳо бо харротҳои гароне бино ёфтаанд, ки руҳ ва қалби инсонро болида месозанд. Бар замми ин рӯдҳои ҷорӣ ва ҳавзҳои пуроб, ки ҳамеша мавҷ мезананд ҳаёти хушу гувороеро дар хеш инъикос мекунанд» [20, с.14].

Дар баробари Самарқанду Бухоро, Марву Тӯсу Нишопуру Тирмиз, инчунин шаҳри Хуҷанд, ки унвонии «Тирози Ҷаҳон»-ро касб карда буд, намунаи барҷастаи шаҳрсозии асримиёнагии Осиёи Миёна ба шумор мерафт [10, 123-124].

Донишманди араб, ки дар аҳди сомониҳо ба шаҳрҳои қаламрави онҳо ташриф меорад, оид ба онҳо чунин ёдовар мешавад: «...Шоҳи сомонӣ намунаи олии шоҳони дунё мебошанд, ки ба инсон ва илм арҷ мегузоранд» [67, 136].

Вобаста ба ин, ҷуғрофидон, тоҷир ва сайёҳи маъруф Шамсуддин Муҳаммад ибни Аҳмади Муқаддасӣ (945-990) низ ҷойгоҳи баланду гиромидошти донишмандон дар назди амирони Сомониёнро таъриф намуда, аз ҷумла навиштааст: «...Дар фарҳанги ин хонадон (Оли Сомон) чунон аст, ки донишмандонро дар баробари шоҳ маҷбур ба заминбӯсӣ намекунанд. Дар шабҳои одина дар моҳи рамазон маҷлиси мунозара месозанд. Шоҳ ин ҷаласаҳоро бо пурсише мекушояд, сипас дигарон сухан оғоз мекунанд... Ҳамвора яке аз бузургтарину фарзонатарин фақеҳонро ба боло баркашанду ниёзҳояшро бароваранд ва фатвоҳоро аз раъйи ӯ содир кунанд ва бо салоҳдиди ӯ анҷом диҳанд» [61, с.157].

Бояд гуфт, ки дар давраи ҳокимияти Исмоили Сомонӣ «...олим, устод, ҳамчун вазифа шинохта шуда, онҳоро дар Мовароуннаҳр расман бо ибораи «донишманд» ном мебурданд» [61, с.157].

Дар шаҳри Бухоро китобхонаи бузургтарин бо номи «Савонеҳ-ул-ҳикмат» таъсис дода шуд, ки аҳли донишмандон аз он баҳраманд мегардиданд.

Дар аксар шаҳрҳои тараққикардаи Хуросону Мовароуннаҳр, ба амсоли Тӯсу Нишопур, Машҳад, Самарқанду Бухоро, Чоч (Тошканд), Хуҷанду Хуқанд ва Марву Нисо дӯконҳои китобфурӯшӣ вуҷуд доштанд, ки аз онҳо китобҳои лозимиро дастрас намудан мумкин буд.

Бояд гуфт, ки илму фарҳанг дар радифи дигар ҷанбаҳои ташаккулу инкишофи маданияти моддӣ, аз қабили сохти давлатдорӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ пешравии беш аз пеш дошт. Дар ин замон ҷараёни таърихие бо номи «Шуубия» (ҷараёне бар хилофи бартариҷӯйии арабҳо нисбат бар мардуми бумии эронинажод) ба пешрафти фарҳанги ҷомеа натанҳо бетаъсир набуд, балки нақши муҳимро иҷро карда буд. Баргардон ва таҳияи осори илмии оламшумул, хоссатан аз забонҳои паҳлавӣ ва юнонӣ ба забони арабӣ барои муаррифисозии фарҳанги тоҷикон ва ниёгони онҳо саривақтӣ буда, дар таърихи тамаддуни тоҷикон абадан собит гардидааст. Донишмандоне аз ҳисоби хубомӯхтагони забони арабӣ осори илмиву фарҳангии мардуми эронинажодро ба арабӣ баргардон мекарданд ва бо ин роҳ тамаддуни бостонии мардуми бумии Хуросону Фарорӯдро барои ҳамешагӣ муаррифии оламиён кардаанд. Чунин фаъолияти фарҳангӣ то миёнаҳои асри IX бомуваффақият давом кардааст.

Дар асоси сарчашмаҳои хаттии бозмонда ошкор сохтан мумкин аст, ки ҷараёни фавқуззикри «Шуубия» дар ташаккулу таҳаввули ҷомеаи асримиёнагӣ нақши муассир бозидааст. Намояндагони ин ҷараён ҳарчанде ки зоҳиран бо арабҳо мусолиҳаомез будаанд, дар асл алайҳи онҳо муқовимати шадиди фарҳангӣ доштанд. Дар ин асос як қатор шӯришҳо бар зидди халифаҳои араб ба амал меомаданд. Намунаи барҷастаи чунин ҳаракатҳои таърихӣ-сиёсӣ ҳаракатҳои «Қарматиён» буд. Ҳамин гуна ҳаракатҳо ба мардуми бумии Хуросону Фарорӯд имкон фароҳам меовард, ки илму фарҳанг, санъат ва маданияти моддии худро аз қабили донишҳои риёзиву табииётшиносӣ, санъатҳои шаҳрсозиву меъморӣ ва ғайраро ба ҷаҳониён муаррифӣ кунанд.

Дар ибтидои асрҳои VI-VII дар Фарорӯд ва Хуросон ҳанӯз бозмондаи анъанаҳои антиқаю эллинистӣ вуҷуд дошта, аммо дар асрҳои IX-XI дар замони гулгулшукуфии давлати Сомониён тамоми соҳаҳои илму фарҳанг бар асоси донишҳои бумии ниёгони тоҷикон инкишоф ёфта, ҳатто санъатҳои мусаввирӣ ва ҳайкалтарошӣ ба авҷи тараққиёт расида буданд. Ҳамин гуна омезиши тамаддуни мардумони бумии Хуросону Фарорӯд бо мардуми исломӣ як навъ ҳамоҳангии муназзамеро ба вуҷуд оварда буд.

Возеҳ аст, ки барои пешравии санъати тасвирӣ зарурати донишҳои муҳандисӣ бар мабнои илми ҳандаса (геометрия) иртиботи ногусастанӣ дошта, дар пешравии донишҳои риёзиву табиийётшиносии замон нақши муҳим дошт. Албатта, тараққиёти донишҳои риёзиву табиийётшиносӣ бар рушди иқтисодиёту иҷтимоиёт ва маданияти моддии давраи Сомониён таккони бузург расонида, барои кору ҳунари маъданкорон, санъаткорон ва дар маҷмуъ дар пешбурди тамоми соҳаҳои фарҳанг бетаъсир набуд. Осору афкори сомондодаи ниёгони тоҷикон аз қабили Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абунасри Форобӣ, Абурайҳони Берунӣ, Абуалии Сино, Абумаҳмуди Хуҷандӣ, бародарон Бану Мӯсо писарони Шокири Хуросонӣ, Умари Хайём, Абулвафои Бузҷонӣ ва бечунучаро Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ ва садҳо нафари дигар дар ташаккул ва инкишофи тамаддуни умумибашарӣ беназир мебошанд. Дастовардҳои низоми обёрӣ, корезҳо ва татбиқи он дар миқёси васеъ, натиҷаҳои ҳайратангезии маъданҷӯйӣ ва коркарди онҳо, бунёди шахтаҳо, техникаҳои оддитарини сохтмонӣ, санъати мустаҳкамкунии онҳо, комёбиҳо дар истифодаи металлҳои ранга, ҷустуҷӯйҳои эҷодӣ дар ҳамаи соҳаҳо ва самтҳои илму фарҳанг, хосатан илмҳои риёзиву табиийётшиносӣ шаҳодати раднопазири ин гуфтаҳо мебошанд.

Дар асрҳои IX-XI вақте ки дар қаламрави Хуросону Фарорӯд ки ҷомеаро вазъиятҳои мураккаби сиёсӣ ба маънии ҷаҳишҳои иқтисодию иҷтимоӣ фаро гирифта буд, аз дигар ҷиҳат муборизаҳои синфӣ ва равандҳои этникӣ аз ҷумлаи падидаҳои муҳимми зуҳуроти исломисозӣ ба ҳисоб мерафт. Раванди исломсозӣ дар тамоми Хуросону Фарорӯд бар асоси омезишу бархӯрди анъанаҳои

мардумони бумӣ ва ғайри он тамаддуни нав ба вуҷуд овард. Қобили тазаккур аст, ки дар баъзе қаламрави Эрон марказҳои дини зардуштӣ бо тақвият низ арзи ҳастӣ доштанд, ки то ба имрӯз дар баъзе минтақаҳои Эрон, аз ҷумла дар Язд боқӣ мондаанд.

Дар замони ҳукмронии Тоҳириҳо қисми зиёди намояндагони ин оин дар Нишопур умр ба сар мебурданд. Дар Исфаҳон ҷонибдорони дини зардуштӣ як қисми аҳолӣ ва ҳатто нисфи зиёди онро дар бар мегирифтанд. Маҳз дар ҳамин замон аксари эҷодиёти паҳлавӣ, ки ба динӣ зардуштӣ мутамоил буданд, офарида шуданд. Бинобар ақидаи Ҷ. де Менаш «... Эҷодкорон фаъолияти худро натанҳо бо забони паҳлавӣ, балки бо забони нави форсӣ бо хатти арабӣ менавиштанд, то ки доираи муштариёнашон зиёдтар бошад» [110, с.31].

Дар заминаи маъхазҳои дастрас, мусташриқи машҳури рус, академик Розен В.Р. дар осори худ оид ба тарҷумаи асарҳои нодир чунин маълумот додааст: «... аз аз рӯйи ҳаҷм қисмати зиёди адабиёти тарҷумашуда аз паҳлавӣ ба арабӣ бо забонҳои нави форсӣ ба амал омадааст. Ин амалиётҳо дар Осиёи Миёна низ ба вуқуъ омаданд» [79, с.134].

Қобили тазаккур аст, ки Ричард Фрай маълумоти муаррихи шаҳир Абубакр Муҳаммад бинни Ҷаъфар Наршахиро доир ба мавҷуд будани мадрасаҳо дар Бухоро рад намуда, муътақид бар он аст, ки дар асри X дар Бухоро мадрасаҳо вуҷуд надоштанд ва агар чунин муассисаҳо дар охири давлатдории Сомониён зуҳур ёфта бошанд, пас ин яке аз падидаҳои нав ба шумор меравад. Ба ҳамин ишора карда, таърихнигори барҷастаи эроншинос Ричард Фрай (1920-2014) чунин нигоштааст: «…Бухоро ватани мадраса нест ва он метавонад шаҳри Балх бошад. Ба ҳангоме, ки Низомулмулк дар Бағдод мадрасаи Низомияро бунёд мекунад, ӯ тарҳи мадрасаи Бухороро дар он татбиқ менамояд» [91, с.207].

В.В. Бартолд бар асоси маълумоти Абубакр Муҳаммад бинни Ҷаъфар Наршахӣ ва дигарон собит намудааст, ки мадрасаҳо дар Бухоро дар чаҳоряки дуюми асри X ба вуҷуд омаданд. Бинобар натиҷагириҳои В.В. Бартолд мадраса нахуст дар Тахористон пайдо шуда, баъдан Сомониён онро ривоҷу равнақ додаанд. Ӯ аз дигар ҷиҳат нишон медиҳад, ки мафҳуми мадраса дар таълифоти

қабл аз асри X дар Бухоро вонамехӯрад. «Дар ин замон ин мафҳум танҳо дар вилоятҳои Шарқ вомехӯрд ва он танҳо дар нимаи дуюми асри XI ба Ғарб интиқол ёфт». Ба ақидаи В.В. Бартолд мафҳуми мадраса аслан аввалин маротиба дар нимаи аввали асри X, дақиқан соли 937, дар мисоли мадрасаи Фарҷак ва дар нимаи дуюми асри X дар Нишопуру Марв пайдо шудааст. Муаррих ва нависандаи маъруфи асримиёнагии форс-тоҷик Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ (996-1077) дар бораи воқеаҳои соли 1026 чунин маълумот медиҳад, ки дар вилояти Хутал зиёда аз 20 мадрасаҳо арзи вуҷуд доштаанд. В.В. Бартолд ин гуфтаро рад намуда, дар ин вилоят мавҷудияти маъбадҳоро, ки бо парастиши таълимоти Буддо машғул буданд, таъкид месозад. Хой Чао қайд менамояд, ки ҳанӯз дар асри VIII (соли 726) дар сарзамини Хуттал «Маъбадҳои зиёди Буддоӣ» вуҷуд доштаанд.

Бозёфтҳои дар Аҷинатеппа дастрасшуда натанҳо далели архитектураи ҳазорсолаи дар асоси нақша бунёдшуда, балки он гувоҳи алоқаи генетикии мактабҳои олии исломӣ - мадраса бо монастирҳои буддоӣ дар қаламрави Тахористон маҳсуб меёбанд.

Меҳмоннавозӣ яке аз хусусиятҳои фарҳанги моддиву муҳими инсоният ба шумор меравад, ки тоҷикон дар иҷро ва пазириҳои он саҳм ва нақши муҳим доранд, ки то имрӯз забонзадаи дигар мардумон мебошанд. Дар ойини меҳмоннавозӣ меҳру муҳаббат ва самимии халқиятҳо дар зиндагипазироӣ инъикос меёбад. Ин падида, бешубҳа, қисми ҷудонашавандаи маданияти моддии ҷаҳони маънавии халқҳо мебошад, ки дар он руҳия ва равони умумии одамон, анъанаҳо ва эътиқодоти онҳо мунъакис мегарданд. Ин ҷанбаи маданияти моддӣ ба таври саҳеҳ дар таърихи тамаддуни мардуми бумии Фарорӯд – тоҷикон то дараҷаи кофӣ таҳқиқ нагардидааст. Баъзе ҷанбаҳои ҷудогонаи онро, ки ба марҳалаи омӯзиши мо дахл дорад, дида мебароем.

Ибни Ҳавқал дар асари ҷуғрофию таърихиаш «Сурат-ул-арз» фарҳанги баланди меҳмоннавозию саховатмандии мардуми Мовароуннаҳрро ситоиш намуда, қайд кардааст: «...Дар Мовароуннаҳр ҳар молик ва тавонгаре кӯшиш мекунад, ки қасри бузурге бисозад ва меҳмонсарое бузург низ тартиб диҳад. Он

гоҳ тамоми рӯзро дар андешаи таъмини ниёзмандиҳои меҳмон ба сар мебарад ва бо шавқи фаровон аз меҳмон пазирой мекунад» [41, с.139].

Мардуми Мовароуннаҳр бо меҳмоннавозии худ дар байни дигар халқиятҳои ҷаҳон машҳур мебошанд, ки ин нуқта дар таълифоти муаллифони асримиёнагӣ арзёбӣ шуда, он яке аз омилҳои рушди ин кишвар гардидааст. Муносибатҳои байни халқиятҳо ба сохтани роҳҳо ва бунёди марказҳои тиҷоратӣ ва ширкат дар он оварда мерасонд. Абуисҳоқ Иброҳим ибни Муҳаммад ал-Форсии Истахрӣ доир ба робитаҳои ҳовии мардумони Мовароуннаҳр ва халқиятҳои ҳамҷавор ва мавқеи ин сарзамин дар байни рушди соҳаҳои гуногун менависад: «...Мовароуннаҳр дар байни кишварҳои мусулмонӣ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад. Дар ин сарзамин дар давоми як сол якчанд ҳосил ҷамъоварӣ мекунанд ва дар мавриди солҳои хушксолӣ захираҳои онҳо барои якчанд сол кифоят мекунад. Дар Суғд, Истаравшан, Фарғона ва Чоч истеҳсоли мева ба дараҷае зиёд буд, ки мардум онҳоро барои ҳайвонҳои худ низ истифода менамуданд» [12, с.227-228].

Абуисҳоқ Истахрӣ дар ҷойи дигар, табиати сарсабзу хуррам, биноҳои боҳашамат, обанборҳо ва намудҳои гуногуни машғулияти мардуми Суғдро васф намуда, менависад: «...Суғд яке аз мавзеъҳои беҳтарин ва марғубтарин буда, дар соҳили дарё ҷойгир ва аз Бухоро то Буттам тул мекашад. Он заминҳои ҳамвори васеъ, боғҳо, кишторҳои ба системаи обёрӣ таъминшуда иборат буда, дар миёни майдонҳо ва алафзорҳо обанборҳо мавҷуд буданд. Ин манзараҳои сарсабзи марғуб ҳарду ҷониби дарёро фаро гирифта, ҳамзамон дар канорҳои он чарогоҳҳо барои ҳайвонот ҷудо намуда буданд. Қалъаҳо дар ҳар шаҳру маҳаллаҳо дар миёни ин сарсабзиҳо қомат афрохта буданд. Гумон мерафт, ки ин иншоотҳои бузург бо матоъҳои нафису ҷолиб пӯшонида шудаанд. Суғд ноҳиятест, ки андар навоҳии машриқ нест аз он хуррамтар. Бо обҳои равон ва дарахтони бисёр ва ҳавои дуруст ва мардумони меҳмондор ва омезанда ва неъмати фарох ва ободон ва мардумони нарми диндон бисёранд» [101, с.69].

Дар баробари Абуисҳоқи Истахрӣ дигар сайёҳоне, ки аз ин ҷо гузар кардаанд, ин сифатҳоро тавсиф намуда, онро дар ҷаҳон муаррифӣ намуданд. Диққати сайёҳон ва меҳмонони кишварҳои ҳамҷавор ва хеле дурро

меҳмонхонаҳои шаҳрҳои Мовароуннаҳр ба худ ҷалб менамуданд. Онҳо навиштаанд, ки дар ягон кишвари дунё чун Мовароуннаҳр ин миқдор теъдоди зиёди работҳо барои қабули меҳмонҳо мавҷуд набуд. Ҳатто дар ҳар як деҳа барои хизматрасонӣ барои меҳмонон ва тоҷирон ин работҳо фаъолият доштанд. Абуисҳоқи Истахрӣ дар асари таърихӣ-ҷуғрофии хеш ҳудуди умумии Мовароуннаҳрро ба тариқи зер баён намудааст: «...Мовароуннаҳр ноҳияест, ки ҳудуди машриқи вай ҳудуди Таббат аст ва ҷануби вай Хуросон аст ва мағриби вай Ғуз аст ва ҳудуди Халлух ва шимолаш ҳам ҳудуди Халлух аст. Ва ин ноҳиятест азим ва ободон ва бисёрнеъмат ва дари Туркистон ва ҷои бозургонон. Ва мардумонеанд ҷангӣ ва ғозипеша ва тирандоз ва покдин. Ва ин ноҳияти бодод ва адл аст. Ва андар кӯҳҳои вай маъдан сим аст ва зар, сахт бисёр бо ҳамаи ҷавҳарҳои гузоранда, ки аз кӯҳ хезад бо ҳама доруҳо, ки аз кӯҳ хезад чун: зок ва зарник ва гӯгирд ва навшодир» [101, с.68].

Муаллифи асари ниҳоят муҳимми илми таърихӣ ва ҷуғрофию этнографӣ «Ҳудуд-ул-олам» дар бораи мавзеъҳо ва шаҳрҳои Мовароуннаҳр – Хуҷанд, Хатлон, Фарғона, Бутамон, Самарқанд, Бухоро, Истаравшан (Сурӯшана), Ҷиззах (Дизак), Марсманда ва ғайраҳо маълумоти ҷолибу нодиреро собит намудааст.

Қобили тазаккур аст, ки Абуисҳоқи Истахрӣ пас аз чанде боз сари масъалаи ҳудудмуайянкунии Мовароуннаҳр баргашта, чунин нигоштааст: «...Ҳудуди Мовароуннаҳр ноҳиятест пароканда, баъзе бар Машриқи Мовароуннаҳр аст ва баъзе бар мағриби вай аст. Аммо он-к андар машриқи Мовароуннаҳр аст, машриқи вай ҳудуди Таббат аст ва Ҳиндустон ва ҷануби вай ҳудуди Хуросон аст ва мағриби вай ҳудуди Ҷағониён аст ва шимоли вай ҳудуди Сурӯшана аст аз Мовароуннаҳр» [101, с.68].

Дар асоси нишондоди Ибни Ҳавқал [40; 41] гуфтан мумкин аст, ки яке аз ҷиҳатҳои фарққунандаи қишри сарватманди ҷомеаи Фарорӯд дар асрҳои IX-XI аз он иборат буд, ки онҳо сарвати хешро асосан барои сохтани роҳҳо, работҳо, пулҳо, масҷидҳо корвонсаройҳо, ободии мавзеъҳои зиндагии хеш ва дастгирии камбизоатон сарф менамуданд. Мардуми сарватманди баъзе кишварҳои дигар бошанд, сарвати худро барои зиёд намудани ҷоҳу ҷалол, мақому мансаб ва

шукуҳу шаҳомати худ масраф намуда, ба фақирону бечорагон бо кибру ғурур менигаристанд.

Бозёфтҳои маводи бостоншиносии осори тасдиққунандаи мавҷудияти меҳмонсароҳои мардумони Фарорӯд мебошанд.

Таърихнигори тоҷик Н.Неъматов дар таҳқиқоти хеш оид ба масъалаҳои археологияи бостон ва асрҳои миёнаи сарзамини Тоҷикистон чунин қайд намудааст: «...Дар асоси кофтуковҳо бостоншиносон дар Осиёи Миёна дар шаҳрҳои гуногуни он толорҳои васеи доир намудани чорабиниҳои он давраро пайдо намуданд. Аксар олимон ин толорҳоро ҳамчун меҳмонхона ном бурда, ба таври расмӣ оид ба ҳадафҳои он чизе нагуфтанд. Чи гунае ки маълум аст, дар Панҷакенти қадима шумораи зиёди ин гуна толорҳоро ошкор намуданд. Масоҳати аксари онҳо аз 100м$^2$ зиёдтар буданд. Ҳатто дар баъзе хонаҳои мансабдорони тавоно дутогӣ ин гуна меҳмонхонаҳоро ёфтанд. Толорҳое, ки дар қароргоҳҳои ҳукуматӣ мавҷуд буданд, ҳам бо мақсади гузаронидани маҷлисҳо ва ҳам бо мақсади қабули меҳмонон истифода бурда мешуданд. Дар хонигарии Вахши шаҳри Ҳалевард толорҳоеро бозёфт намуданд, ки масоҳати зиёда аз 200м$^2$ ишғол менамуданд. Дар ин толорҳо ҷашнвораҳои расмиро таҷлил намуда, ҳамзамон меҳмононро қабул мекарданд. Ин гуна иншоотҳо на танҳо дар шаҳрҳои Панҷакент, Самарқанд, Бунҷикат, Варахш, Кофирқалъа, Кофарниҳонқалъа, балки дар маҳаллаҳои муқаррарии аҳолинишин низ арзи ҳастӣ доштанд» [ 66, с.113].

Дар асрҳои IX-X дар Мовароуннҳр девораҳои меҳмонхонаҳо ба гаҷкорӣ ҳамвор шуда, бо тасвирҳои геометрӣ, дарахтон ва ҳайвонҳои гуногун оро дода мешуданд, ки то имрӯз дар сафҳаҳои таърихи тамаддун собит шудаанд. Кофтуковҳои бостоншиносии шаҳрҳои Балх, Афросиёб, Тирмиз, Ҳулбак ин гуфтаҳоро собит месозанд. Чи хеле ки аз далелҳои таърихӣ маълум аст, ҳар як мансабдор, деҳқон (соҳиби деҳа) ва шахси сарватманд кӯшиш менамуданд, ки кушк ё меҳмонхонаи бошукуҳ бисозанд. Меҳмонхонаҳо бо нақшу нигораҳои зиёд ороиш дода мешуданд. Соҳибони онҳо оид ба оростани дастархон ва бо анвои гуногуни меваҷоти таомҳо пур кардани онҳо таваҷҷуҳи хосса медоданд. Ҳар як

шахси бонуфуз ба он талош дошт, ки меҳмонхонаи ӯ аз дигарон беҳтару афзалтар бошад.

Дар Суғд меҳмонхона дар шакли қасри калон вуҷуд дошт, воридшавӣ ба он рӯзону шабон имконпазир буд. Меҳмонхона дарҳои ҷудо аз берун дошт, дар деворҳо озод меистоданд. Ба ҳангоме, ки ин ҳолатро Абуисҳоқи Истахрӣ дида суол мекунад, ба ӯ мегӯянд, ки соҳиби меҳмонхона чунин амр кардааст. Ин ба он мақсад буд, ки меҳмонони нисфи шаб ба шаҳр воридшуда, бе мамониат ба он ҷо дохил шуда, аз ранҷи сафар худро дар ин мавзеъ озод созанд.

Сайёҳон ва муаррихони маъруфи асрҳои миёна Абуисҳоқи Истахрӣ ва Абулқосим Муҳаммад ибни Ҳавқал менависанд, ки мо ба кишварҳои зиёде сафар кардем, вале дар ягон кишвар надидаем, ки инсон шахсеро.ки намедонаду намешиносад ройгон ҷойи хобу таом бидиҳад. Шаҳрвандони Фарорӯд (Мовароуннаҳр) бемалол ба хонаҳои ҳамдигар чун ба хонаҳои худ ворид мешуданд. Онҳо чун аҳли як хонаводаро мемонданд. Бояд гуфт, ки дар миёни тоҷикон ин расм то ин замон нигоҳ дошта шудааст. Чунин расму одат ва анъанаи қадимаи тоҷикон, ки дар меҳмоннавозӣ маъруфанд то рӯзгори мо расидааст ва бинобар пиндошти онҳо меҳмон аз ташрифи худ мизбонро огоҳ намекунад ва метавонад дар дилхоҳ вакт ба ҷойе рафтанро ба нақша дошта бошад. Дар ҳама ҳолат мардуми бумии Фарорӯд – тоҷикон меҳмонро бо чеҳраи кушода пешвоз мегиранд ва барои ӯ таоми гарм омода месозанд.

Дар шаҳрҳо ва маҳаллаҳои камоб дар кӯчаҳо барои мусофирон дар кӯзаҳо оби хунук мегузоштанд. Танҳо дар шаҳри Самарқанд ба ҳангоми тобистон 2 ҳазор сардоба бо ях барои аҳолии зиёди дар омаду рафт қарордошта гузошта мешуданд. Доир ба қоидаҳои меҳмондорӣ, омодасозии дастархон ва тайёр намудани ғизоҳои гуногун навиштаҷотҳои деворҳои шаҳрҳои Панҷакент, Шаҳристон, Афросиёб ва алалхусус асари донишманди аҳди Сомониҳо Унсурмаолии Кайковус, «Қобуснома» [87]  маълумоти дақиқ медиҳанд.

Маводи хаттии дастнависшуда гувоҳӣ медиҳанд, ки меҳмондорию меҳмоннавозии мардуми тоҷик таърихи хеле қадима дорад, ки то имрӯз маълуми сайёҳону кишваршиносон мебошад. Ин падидаи хушоянд дар нияти хайр,

меҳнатдӯстӣ, ободкорӣ, созандагӣ ва бисёр ҷиҳатҳои некукории ин мардуми бостонӣ зоҳир мегардад.

Асрҳои IX-XI дар таърихи мардуми тоҷик ҳамчун давраи «мустақилияти маориф» ё «эҳёи илму фарҳанги форс-тоҷик» ёдовар мешавад, ки ба он афзоиши теъдоди марказҳои илмӣ дар шакли мадрасаҳо характернок мешавад. Дар шарқи Хилофати араб мадрасаҳо барвақттар, дар марказ ва ғарби он бошад, дертар ба вуҷуд омаданд. Ватани мадрасаро В.В. Бартолд ҳарду соҳили Амударёро, ки дар Балх ба ҳам меоянд, медонад. Аввалин мадраса ба ақидаи Наршахӣ мадрасаи Фарҷак мебошад, ки дар Бухоро сохта шудааст. Соли 938 дар Бухоро мактаби илмии Абуҳафси Бухороӣ, ки дар шафати масҷид ҷойгир буда, аз тарафи Қутайба сохта шуда буд, амал менамуд. Маркази ҳаёти илмӣ ва таълимии Бухороро дар аҳди Сомониён маҳаллаҳои назди шаҳрии Ҷӯйи Мӯлиён, ки ба ақидаи Абубакри Наршахӣ онро Исмоили Сомонӣ таъсис дода буд, ба ҳисоб мерафтанд, ки қисмати онро ба толибилмон вогузор карда буд.

Дар аҳди Сомониҳо дар Самарқанд 17 мадраса фаъолият менамуд, ки дар онҳо ҷараёнҳои муқовиматии исломмуътазила, қарматия ва исмоилия ҳалқаи дарси худро пеш мебурданд. Онҳо на танҳо таълимоти худ, балки илмҳои дунёро низ тадрис менамуданд. Дар мадрасаҳои Самарқанд олимони зерин: Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ, Абумансур Муҳаммади Муторидӣ, Абулфатҳи Саиди Самарқандӣ, Абулайли Самарқандӣ ба таълими илми ислом машғул буданд. Абулфатҳи Самарқандӣ нуҷумшинос ва Асириддини Самарқандӣ файласуф ва мантиқдони беназир буд. Дар ибтидои асри XI мадрасаҳои сершумор ба китобхонаҳои дар ихтиёрашон дошта дар шаҳрҳои Нишопур, Марв, Ғазнӣ арзи ҳастӣ доштанд. Ба ақидаи Абулфазли Байҳақӣ: «… дар вилояти Хуттас зиёда аз 20 мадрасаҳо мавҷуд буданд» [7].

Ҳамин миқдор мадрасаҳо дар шаҳри Марв буданд. Ҷуғрофидони маъруфи асри X Муқаддасӣ доир ба мадрасаҳои Марв сухан гуфта менависад, ки барои ҳар як мутааллим маош таъин намуда буданд. Аз шумори мадрасаҳои Марв «Шараф-ал-мулк», «Амадийа», «Хотун», «Дуторӣ»-ро номбар кардан мумкин аст, ки теъдоди зиёди муҳассилин доштанд. Нишопур дар асри X-XI яке аз марказҳои

илмии Шарқ ба шумор мерафт. Дар он мадрасаҳои «ал-Нишопурӣ», «Фақия», «Шафия» бо ҳалқаи таълимии мутамарказ фарқ мекарданд. Соли 1028 мударриси машҳури Нишопур Ибни Фурак ба шарафи олими машҳур Рукниддини Исфарагӣ, мадраса бунёд намуд, ки дар он худаш ба тадрис машғул буд. Дар нимаи аввали асри XI мадрасаҳои «Байҳақия», «Саидия», «Саъдии Нишопурӣ» ва «Собуния» фаъолият доштанд, ки дар он олимони машҳури давр Утба, Байҳақӣ машғули кор буданд. Дигар мадрасаҳои машҳури ин шаҳр аз ҷумла «Низомия» дар охири асри XI ва ибтидои асри XII сохта шуданд. Носири Хусрав, ки соли 1045 дар ин шаҳр буд, қайд мекунад, ки: «… бо иқдоми Муҳаммад Туғралбек мадрасаи нав таъсис гардид» [70]. Дар иихтиёри Султон Маҳмуди Ғазнавӣ «Мадрасаи сайёри Султонӣ» қарор дошт, ки он мунтазам дар фаъолият буд. Пайдоиши мадрасаҳо дар Осиёи Миёна падидаи тасоддуфӣ набуда, ондар радифи омодагии анъанаҳои бисёрасраи маданияти халқ, ки дар ин сарзамин умр ба сар мебурданд, ба вуҷуд омаданд. Муаллифи таълифоти «Фазоили Балх» дар асоси далелҳои Абуҳорун менависад: «…дар давраи Гуштос дар Балх 900-то дабиристонҳо ва зиёда аз 520 адибон фаъолият доштанд. Ин анъана тайи садсолаҳо идома ёфта, то давраи хилофати араб омада расид. Таъсиси марказҳои таълимӣ (Донишгоҳҳо) дар даврони ду халифаи араб Абулаббос ва Абуҷаъфар ал-Мансур дар ҳолати авҷ буд. Дар замони Халифа Ҳорун-ар-Рашид ин марказҳо ба Ироқ интиқол ёфтанд, аммо бо мурури замон он рӯ ба инқироз овард. Агар дар «Ганҷи Шопур» табибони ҳозиқ тайёр мешуданд, пас дар «Хирон» математикҳо ва нуҷумдонони ҳақиқиро ба воя мерасониданд. Маркази таълимии «Хирон» дар оянда низ кори худро идома бахшид. Аз муҳассилини ин маркази зерин чунин шахсиятҳои забардастро номбар кардан мумкин аст: Собит ибни Қора, Ибни Сино, Иброҳими Абдулҳақ, Абдуҷаъфари Хазинӣ, Ибни Вахшӣ ва ғайраҳо. Маълумотрасонӣ дар вилоятҳои ғарби Эрон таҳти таъсири донишгоҳҳои Искандария дар ҳолати рушд буд. Баъди интиқол додани маркази таълимии Искандария ба Антокия аз устодони ӯ як нафар ва шогирдонаш - ду донишҷӯ боқӣ монда буд. Онҳо аз табааи Марв буда, яке Иброҳими Марвазӣ ва дуюми Мутеъ ибни Юнон буд. Тарҷумаи шарҳҳо ва тарҷумаҳои арабӣ, ки аз онҳо Форобӣ, ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ ва дигарон

истифода мебурданд, аз тарафи шахсони дар боло номбурдашуда анҷом дода мешуданд» [96].

Мадрасаҳои асримиёнагӣ талаботи давлатҳои феодалиро ҳимоя намуда, барои мансабдорони босавод танзимсозӣ ҳаёти илмӣ ва мадании ҷомеа маҳсуб меёфт.

Амалияи низоми обтаъминкунӣ ва илмҳои ба он алоқаманд таърихи хеле қадим дорад. Яке аз илмҳои қадимае, ки дар Шарқ дар фаъолиятҳои сиёсӣ истифода мешуд, илми астрономия буд, ки донистани он барои сохтмони иншооти ирригатсионӣ аҳамияти калон дошт. Пайдоиш ва рушди ин илм барои муайян сохтани мавсими обхезиҳо ва вобаста аз он ба роҳ мондани корҳои кишоварзӣ зарур духиста мешуд. Маълум аст, ки ҳангоми омӯзиши илми нуҷум бе ҳисоббарориҳои математикӣ, қонунҳои физикӣ ва созишҳои геометрӣ ва таҳқиқоти муҳандисӣ кореро пурра анҷом додан номумкин аст. Дар навбати худ пайдоиш ва рушди тасаввуроти илмӣ аз гурӯҳи шахсиятҳои алоҳидаи фидоӣ, ки дар ҷамъ ва тавсеаи он саҳм гирифтаанд, вобаста аст. Мардуми Мовароуннаҳр пеш аз зуҳури ислом ба дастовардҳои илмӣ ва татбиқи амалии он ноил гардида буданд. Сарфи назар аз таъсири тамаддуни исломӣ ба зиндагии ин мардумон нигоҳдошти анъанаҳои пешин дар ҷараёни нав, таҷассумгари ақидаҳои онҳо ва рушди илму фарҳанг идома ёфт. Барҳақ, замони ҳукмронии сулолаи Сомониён дурахшонтарин давраи гул-гулшукуфии ақидаҳои илмӣ ва эҳёи тамаддуни мардуми ориённажод маҳсуб меёбад. Маҳз дар ҳамин марҳала, дар шароити боло рафтани сатҳи ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва мадании ҷомеа, илми асримиёнагии Мовароуннаҳрӣ ба андозае рушд намуд, ки мислашро таърихи тамаддуни башарият ёд надорад. Донишмандони маъруфи тоҷик ба амсоли Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Абумаҳмуди Хуҷандӣ, Абуабдуллоҳи Хоразмӣ ва албатта Муҳаммад Закариёи Розӣ ҳамчун асосгузорони илмҳои асримиёнагӣ маҳсуб меёфтанд, зеро дар як муддати хеле кутоҳ эшон тавонистанд, ки аксари илмҳои башариро омӯхта, дар рушду тавсеаи онҳо нақши пурарзише гузоранд. Дастовардҳои нотакрори ин олимони энксиклопедист натанҳо ҷабҳаҳои назариявӣ доштанд, балки дар амалия дар ҳаёти одамон ба таври густурда татбиқ мешуданд.

Ин татбиқоти илмии асримиёнагӣ дар навбати аввал дар обтаъминкунӣ, ки донистани донишҳои астрономия, математикаи ҳисоббарорӣ, геометрия, физика, механикаи умумисозии тасаввуроти гидрогеологӣ ва гидрогеографиро талаб мекард, ба амал баровварда мешуд. Бе надонистани ин системаи илмҳо сохтани иншоотҳои гидротехникӣ, дастгоҳҳои обро болобароранда номумкин буд. Худи олимон барои дар амал татбиқ намудани илмҳо саҳмгузор буданд. Масалан, агар: «…Муҳаммад ибни Мӯсои Хоразмӣ математикаро барои ба роҳ мондани ҳисоббарориҳо, чен кардани заминҳо, сохтани каналҳо ва дигар корҳои гуногун маънидод карда бошад, Абурайҳон Берунӣ барои мудаввари шакли Замин, сохтани асбобе мувофиқ бо номи имрӯзаи «глобус» ва муҳимаш ҳисобкуниҳо дар бораи андозагирии Замин натанҳо ақида баён кардааст, балки корҳои шоёнеро анҷом додааст» [86].

Ҳангоми омӯзиши иншоотҳои гидротехникии қадима маълум мегардад, ки барои сохтани онҳо донишҳои илмии мувофиқ лозим мешавад. Дар Мовароуннаҳр сохтани корезҳо, иншоотҳои мураккаби гидротехникӣ ва муҳандисӣ яке аз масъалаҳои муҳимми зиндагии мардум дар ҷомеа маҳсуб меёфт. Масалан, яке аз ин гуна корезҳо дар давраи Ғазнавиҳо дар Афғонистон сохта шуд, ки дарозии он 30 км-ро ташкил медод. Осори ин корезҳо то замонҳои наздик дар сарзамини Осиёи Миёна (ҷануби Туркманистон) боқӣ мондааст. Сохтани онҳо донишҳои гуногунро аз соҳаҳои илмҳои риёзӣ, табиӣ, маъданшиносӣ ва ғайра тақозо доштанд. Ёфтани қабатҳои обгузар, муқаррар намудани вазъияти байниҳамҷойгиршавии онҳо, муайян намудани сарҳадҳои буришҳои қабатҳои обрасон ва обнагузар, аз куҷо оғоз намудани кор масъалаҳои мубраме мебошанд, ки донишҳои васеи гидрогеологиро талаб мекунанд.

Бо назардошти маводи зарурати ковишҳои геологӣ тарзу усулҳои истифодабарии дастгоҳҳои иловагии механикӣ ва муайян кардани мавқеъҳои зарурӣ ба миён омадаанд.

Дар миқёси Осиёи Миёна, масалан дар Хоразм дарғотҳо сохта мешуданд. Мутаассифона дар натиҷаи таҳоҷуми ақвоми муғул ба Фарорӯду Хуросон, пеш аз ҳама ба Хоразм, чунин иншоот ба нобудӣ расонида шуданд. Аз н рӯ, дар бораи

ҷанбаҳои техникии ин гуна иншоот аз лиҳози илми муҳандисӣ чизе гуфтан номумкин аст. Ҳаройина осори дарғоте, ки дар асри X сохта шудааст дар кӯҳҳои Нуратин боқӣ мондааст. Бинобар ин аз рӯйи хусусиятҳои лоиҳасозии он дар бораи зарурату имконоти обёрӣ (ирригатсионӣ)-и қадима сухан гирифтан мумкин аст.

Албатта, барои сохтани дарғотҳои зарурӣ ва мустаҳкам донистани ҷойҳои мувофиқ лозим буд, ки низ донишҳои риёзиву табииётшиносиро тақозо мекард ва тобоварии чунин дарғот барои миқдори муайяни оби ҷамъшуда донишҳои техникиро бо назардошти он давра тақозо мекард. Барои ниёзмандии ин гуна дарғот ҳисоббарориҳои саҳеҳи математикӣ лозим буданд, ки ҳалли ин гуна масъалаҳо дар доираи илмҳои риёзиву табииётшиносии асримиёнагӣ дар Хуросону Фарорӯд мавриди таҳқиқ қарор мегирифт. Барои ҳисобкуниҳо чунин масъалаҳои рӯзмарра дар радифи чандин маасъалаҳои назариву амалии асримиёнагӣ маълумоти нодир ва саҳҳеҳ дар осори риёзиву табииётшиносии ниёгони тоҷикон ба монанди Муҳаммади Хоразмӣ, Муҳаммад Закариёи Розӣ, Абумаҳмуди Хуҷандӣ, Абурайҳони Берунӣ, Абуалии Сино, Аҳмади Марвазӣ, Аҳмади Фарғонӣ ва даҳҳо нафари дигар мавҷуданд, ки аксари онҳо то замони мо ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд. Албатта, сохтани ҳар гуна иншооти рӯзмарраи мавриди ниёзи мардум донистани донишҳои риёзиву табииётшиносӣ, бо истиодаи истилоҳоти муосир – математикӣ, изикӣ, астрономӣ, геометрӣ ва техникиро тақозо мекард, ки мавриди таҳқиқу таҳлили донишмандони фавқуззикр ва ҳамзамонони онҳо қарор мегирифт. Масалан, сохтани асбобҳои астрономию физикӣ ба монанди судс, устурлоб, нониус, фишанг, ғарғара, тарозуҳои физикӣ ва ғайра аз ҷониби Абубакри Розӣ, Абуалии Сино, Абурайҳони Берунӣ ва дигарон хеле ҷолиб ба миён омадааст. Бешубҳа барои сохтани ҳар гуна асбоб донишҳои математикӣ зарур буд. Тарозуҳои физикии сохташуда аз ҷониби Абубакри Розӣ ва Абурайҳони Берунӣ дар таърихи илму техника ҷойгоҳи хосаро дорад, ки то замони мо мавриди ситоиши донишмандони гуногун аз кишварҳои мухталиф қарор гирифтаанд.

Баробарнигоҳдорӣ, яъне мувозина натанҳо дар корҳои тарозу, балки дар сохторҳои обёрӣ низ аҳамияти бузурги амалӣ дошт. Албатта, барои ҳаллу фасли ин гуна масъалаҳои зарурии замон барои донишмандони соҳаи ирригатсионӣ донистани ҷанбаҳои гуногуни донишҳои риёзӣ (арифметикаи амалӣ, геометрия), табиатшиносӣ (динамика ва гидростатика) зарур буд, ки манзури пажӯҳишоти ниёгони риёзидону табииётшиноси мо буданд. Дар таърихи илму техникаи ҷаҳонӣ, махсусан мавқеи ниёгони мо аз қабили Абубакр Розӣ, Абурайҳони Берунӣ ва Абуалии Сино хеле назаррас аст. Аз ин рӯ, дар асоси далелҳои мавҷуда қайд намудан ба маврид аст, ки корҳои дар самти илмҳои риёзиву табиатшиносӣ анҷомдодаи Абубакри Розию Абурайҳони Берунӣ ва дигар донишмандони оламшумули ниёгони тоҷикон дар назария ва амалияи соҳаи ирригатсионӣ таъсири калон расониданд. Асарҳои риёзӣ ва табииётшиносии ниёгони асримиёнагии мо дар корҳои олимони ҳам Шарқу ҳам Ғарб мавриди истифода қарор ёфтанд.

«Бо масъалаҳои архитекторӣ (В.Л. Воронин, В.А. Нилсен), санъатшиносӣ (Г.А. Пугаченкова, Л.И. Ремнел, М.А. Рузиев), археология (М.Е. Массон) машғул гардида, таҳқиқоти мукаммали илмиро иҷро намуданд» [81, с.206-234].

Шоҳкории архитектории асри X мақбараи Сомониҳо дар Бухоро ба шумор меравад. Он аз тарафи муҳаққиқони соҳа ба таври густурда чандкарата омӯхта шудааст. Аксари донишмандон бар он ақидаанд, ки дар ин иншоот ба ғайр аз истифодаи санъатҳои муосир, санъатҳои анъанавии қадимӣ ба кор бурда шудааст. Доир ба масъалаи истифодаи сутунҳо дар санъати архитекторӣ баъзе хулосаҳои навро баён кардан мумкин аст:

1) монандии ин сутунҳо дар Суғд ва Тахористон дар муқоиса бо сутунҳои дар Эрон истифодашуда; 2) дигаргуниҳо дар санъати ороишотии онҳо.

«Яке аз падидаҳои муҳим ва ҷолиб дар истеҳсолоти кӯзасозии ин давр истифодаи хокаи кулолии обшуста ба ҳисоб меравад, ки он ба таври васеъ роҳандозӣ гардида буд. Кулоли шусташудаи асри IX-XI бо андудаи сафед ва орнаменти сиёҳу сурхчатоб дар Хуросон ва Мовароуннаҳр маълуму машҳур буданд. Ин санъат дар Эрони Ғарбӣ ба мушоҳида намерасид. Марказҳои асосии

ин санъат шаҳрҳои Самарқанд ва Нишопур ба шумор мерафт. Ин кулолгарӣ хоси маданияти моддии давраи Сомониҳо мебошад. Маҳз дар ин санъат коркарди эҷодии махлутшудаи муосир бо гузашта ба мушоҳида мерасад. Элементҳои омӯзишии асримиёнагии ин саноеъ дар Мовароуннаҳру Хуросон пурра ба назар мерасиданд. Намунаҳои Суғдӣ ва шаклҳои бо маснуоти металлӣ сохташуда дар Мовароуннаҳри асримиёнагӣ дучор меоянд. Сохтани маснуоти шишагӣ ва нуқрагӣ ба таври умумӣ ба роҳ монда шуда буд. Истеҳсолоти кулолӣ ва зарфҳои металлӣ ва нуқрагӣ то асри XI бо суръати тамом ба роҳ монда шуда буданд» [55].

Маводи археологӣ дар масъалаи омӯзиши пайдарҳамии маданиии асрҳои IX-XI имконият медиҳанд, ки ба масъалаҳои норавшани мураккаби ҷойдошта ҷавобҳои саҳеҳ ёбем.

Дар таърихи ташаккули халқи тоҷик давраи Сомониҳо бидуни шак нақши муҳим мебозад. Дар таърихи тамаддуни тоҷикон таҳти сарварии салтанати Сомониён илмҳои риёзиву табииётшиносӣ аз қабили арифметикаи амалӣ, физика, химия, меъморӣ, муҳандисӣ ва ғайра дар асрҳои IX-XI ба давраи тараққиёти фаъолияти меъмории халқи тоҷик рост меояд. Ду марҳалаи асосии инкишофи санъати меъморӣ барои мардуми тоҷик хос аст. Марҳалаи аввал асрҳои V-VIII ва марҳалаи дуюм асрҳои IX-XI. Агар марҳалаи якум сохти ҷамъиятии феодалӣ бо ҳаёти маънавӣ ва маданиии бадеӣ алоқаманд бошад, марҳалаи дуюм бо услуби сифатан нави ташаккули аз давраҳои қаблӣ бо мундариҷаи дохилӣ ва ифодаёбии зоҳирии фарққунанда хос буд. Дар ҷодаи феодалисозии интенсивӣ Мовароуннаҳр натанҳо идеологияи ҷамъиятии шакли навдоштаро рӯйи кор овард, балки он ба таври густурдатар дар самти фаъолияти архитекторӣ инъикос меёфт. Агар ҳаёти шаҳрии асрҳои V-VIII аз истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ вобаста буда, меъморӣ дар қалъаҳои феодалӣ истифода мешуд, дар асрҳои IX-XI дар шаҳрҳои Мовароуннаҳр ҳунармандӣ-маданӣ, ки ба илм, фарҳанг, санъат ва архитектура асос ёфта буданд, бо неруйи муқтадир фаъолият мекарданд. Дар шаҳрҳо намудҳои нави биноҳо ва иншоотҳо сохта мешуданд, ки дар давлати Сомониён идеологияи исломро мунъакис менамуданд (аз қабили масҷидҳо, қалъаҳо, хонақоҳҳо, манораҳо).

Сохтмонҳои гуногун вобаста ба ҳаёти моддиву маишии ҷомеа, савдо ва маориф, корвонсаройҳо, ҳаммомҳо, бозорҳо, мадрасаҳо, каналҳо, обанборҳо, корезҳо ва дигар иншоотҳои муҳандисӣ ва ирригатсионӣ низ бо суръати баланд бунёд мешуданд. Рушди иқтисодиёт, маданият, архитектура ва санъат ба дараҷае рушд ёфта буданд, ки дар адабиёти санъатшиносон мафҳум доир ба давраи «Эҳёи Шарқ» ба вуҷуд омад, агарчанде ин гуна муқоисаи услубӣ ба ақидаи Л.И. Ремнел «Эҳёҳо»-и гуногун дар санъат ва архитектура ҷой надоранд.

Масъалаи пайдарҳамӣ дар меъмории Мовароуннаҳрӣ дорои махсусиятҳои худ мебошад. Дар ин сарзамини қадима ба монанди Юнони Қадим ва Рими Қадим давлати демократии ғуломдорӣ мавҷуд набуд. Сохти қабилагӣ-ҷамъиятӣ дар қаламрави Осиёи Миёна, алалхусус Мовароуннаҳр нуфузи зиёд дошт, ки он роҳҳои меъмории маҳаллиро муайян мекард. Ин сохт анъанаҳои гузаштаро дар худ маҳфуз медошт, ки ин аз мамлакатҳои Аврупо ба куллӣ фарқ дошт.

Дар Мовароуннаҳр баръакси мамолики Ғарб вазъият дигар буд, мероси гузашта, анъанаҳои қадима дар ҳамаи соҳаҳо нигоҳ дошта шуда, дар заминаи онҳо санъати архитекторӣ ва меъморӣ инкишоф дода шуд. Пайдарҳамӣ дар архитектураи Мовароуннаҳр, татбиқи анъанаҳои атиқа дар санъати асримиёнагӣ дар асрҳои IX-XI дар се самт идома ёфт.

Аввалан, дар Мовароуннаҳр анъанаҳои асрҳои V-VIII дар иншоотҳои шаҳрвандӣ ва муҳофизатӣ бе тағйири функсияҳояшон боқӣ монда кушкҳо, корвонсаройҳо, ҳаммомҳо, иншоотҳои ирригатсионӣ ва муҳандисӣ бо истифода аз санъатҳои меъмории гузашта бо диди нави дома меёфтанд. Ибодатгоҳҳои қадимӣ функсияҳояшонро тағйир дода, ба масҷидҳои мусулмонон табдил ёфтанд. Дар асоси кофтуковҳои бостоншиносӣ, дар шаҳри Қалъаи Қаҳқаҳа як толори серсутуни таъиноти маданидошта ёфт шудааст. Ҷустуҷӯйҳои бостоншиносон ду давраи истифодабарии ин толорро дар байни қарнҳои VII-X муқаррар намудаанд. Дар натиҷаи тадқиқоти этнографӣ дар минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон анҷомшуда бозёфтҳои нодир ба даст омаданд. Чи хеле ки муаррихи рус Н.А. Кисляков менависад: «...бо қувват гирифтани ислом дар Зарафшони боло (дар гузашта Суғд ва Истаравшани кӯҳӣ) дар заминаи «аловхона» (оташхона, ки дар ин

ҷо меҳмонони муваққатиро ҷой дода, ба онҳо таом ва ҷойи хоб медоданд), ки сохти хеле кухна доштанд, масҷидҳо сохтанд» [48, с.154].

Инчунин табдилот дар охирҳои асрҳои X-XI дар Мовароуннаҳр бисёр воқеъ мешуданд. Масалан, дар маркази масҷиди дар маҳаллаи Роғ воқеъгардида чуқурие кофта шудааст, ки дар он оташ меафрӯхтанд ва дар атрофи он мардум зимистон менишастанд. Гуфтаи фавқро Г.А. Пугаченкова тасдиқ намуда мегӯяд, ки «...агар арабҳо дар Мовароуннаҳр масҷидҳоро роҳандозӣ намуда бошанд, устоҳо ва меъморони маҳаллӣ дар мутобиқат ба онҳо дар асосии анъанаҳои миллӣ архитектураи хоси худро зам намуданд» [76, с.184].

Пайдарҳамии анъанаҳо дар сохтани шаклҳои архитектории нав дар асоси инкишофи шакл ва нусхаҳои анъанавии маданияти қадимаи халқ зоҳир мегардид. Аз ин ҷост, ки воқеан махсусияти марҳалаҳои инкишофи таърихӣ-иҷтимоии ҷомеа аз ташаккул ва инкишофи донишҳои табииюриёзӣ ва техникию муҳандисӣ вабастагии ногузастанӣ дорад.

Вилояте, ки дар байни дарёҳои Панҷ ва Вахш дар асрҳои IX-XI воқеъ буд ва дувоздаҳ шаҳрҳои калон дошт, номи Хуталро соҳиб буд. Маркази ин вилоят ва ҷойи идоракунии он шаҳри Ҳулбук буд. Аз ҷиҳати теъдоди аҳолӣ ва сохтмонҳои бо хишти пухта сохташуда ин вилоят баъди вилоятҳои Мунк ва Леваканд дар ҷойи сеюм меистод. Марҳалаи аввали бунёди он ба давраҳои қадим рост меояд. Олими Юнони Қадим ин мавзеъро бо номи Хулбисса дар осори хеш ёдовар мешавад. Аммо маълумоти таърихии мавҷуда маълумоти саҳеҳро оид ба эҳё ва инкишофи он ба асрҳои IX-X нисбат медиҳанд. Замоне ин вилоят ҳамчун «Кишвари шаҳрҳо» муаррифӣ шуда буд. Қаламрави шаҳри Ҳулбук 70 га заминро фаро мегирифт. Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда тамоми маълумоти лозимӣ ба даст оварда шуд. Муҳаққиқони зиёди ватанӣ ва хориҷӣ ҷиҳатҳои гуногуни инкишофи соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеавиро дар асрҳои X-XI дар қаламрави ин вилоят таҳқиқ намуданд.

Яке аз соҳаҳои хеле инкишофёфтаи мардуми маскуни Мовароуннаҳр санъати мусиқӣ ба шумор меравад. Асрҳои IX-X давраи инкишофи бемайлони илм, адабиёт, фарҳанги мардуми тоҷик мебошад. Ин дастовардҳои беназир ба шаҳри

Бухоро, ки дар он олимони забардаст ва намояндагони адабиёт ва санъат зиндагонӣ мекарданд, зич алоқаманд мебошад. Санъатҳои нодир меъморӣ, мусиқӣ, санъатҳои амалӣ ба дараҷаи олии инкишофи худ расида буданд. Доир ба дараҷаи баланди санъати мусиқии тоҷик ва араб маълумоти фаровон додаанд. Манбаъҳои хаттӣ сурудҳои ба ҷашнвораҳо бахшидашуда ва таълифоти мусиқии бошандагони шаҳри Бухороро гувоҳ мебошанд. Масалан, таърихнигор Муҳаммади Наршахӣ доир ба эҷодиёти мусиқавии ин замон менависад: «…мардуми Бухоро суруди ғамангези қатли Сиёвушро доранд, ки бо унвони «Кини Сиёвуш» машҳур аст» [76, с.184].

Санъати мусиқии Бухоро хеле бой ва серпаҳлу буда, он дар савту созҳои ба иду ҷашнвораҳо зоҳир мешуданд. Инчунин мусиқиҳои ғалаёнангези тараннуми ишқу муҳаббат бо оҳангҳои марғубу дилчасп садо медоданд. Дар ин айём аз тарафи мутахассисони соҳа асарҳои мусиқӣ ва назарияи мусиқӣ аз тарафи Абунасри Форобӣ, Котибии Хоразмӣ, Абулаббоси Сарахсӣ, Аҳмади Сарахсӣ, Абулаббоси Бахтиёр ва дигарон эҷод шуданд. Мусиқишиносони ин давр дар баробари машғул будан ба таълифоти эҷодӣ ба тарҷумаи осори мусиқии Юнони Қадим ва Ҳиндустон машғул буданд. Аксари олимони ин аҳд дар асарҳои эҷоднамудаи хеш бобҳои алоҳидаро ба мусиқӣ мебахшиданд. Онҳо дар ин навиштаҳои хеш ҷиҳатҳои гуногуни афкори мусиқиро таҳлил намуда, барои пешбурди ин соҳа саҳм мегузоштанд. Ин равишро дар осори мутафаккирони ин замон Закариёи Розӣ, Форобӣ, Абуаббоси Сарахсӣ, Ибни Сино, Котибии Хоразмӣ, Аҳмади Сарахсӣ, Ибни Зайл ва дигарон дучор омадан мумкин аст. Адибон ва муаррихон диққати асосиро ба санъати мусиқӣ гузошта, бо замони хеш ҷалб намуда, ҳамзамон ба хусусиятҳои асбобҳои мусиқӣ, сурудҳо, сотҳо ва этикаи мусиқанавозон таваҷҷуҳ менамуданд. Олимони Бухороӣ бо осори мусиқии Юнони Қадим ва Ҳиндустон шинос шуда, масъалаҳои назарияи мусиқиро таҳқиқ намуда, онҳоро нусхабардорӣ накарда, аз онҳо эҷодкорона истифода менамуданд. Масалан, Ибни Холиқон ва Ибни Усайба қайд мекунанд, ки мусиқишиносони Аҷам (Эрон, Мовароуннаҳр ва Хуросон) дар корҳои ба мусиқӣ бахшидашудаи олимони атиқа Платон, Никомах, Аристотел ва дигарон носаҳеҳиро ошкор

карданд. Аз рӯйи маълумоти ба ёдгормондаи манбаъҳои таърихӣ Марвани Сарахсӣ якчанд таълифоти бунёдӣ аз қабили: «…«Китоб-ул-марҳал илм-ул-мусиқӣ», «Китоб-ул-мусиқӣ ас-Сағир», «Китоб-ул-мусиқӣ ал Кабир» - ро рӯйи кор овард. Дар корҳои ӯ дар баробари таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии мусиқӣ, маълумотҳо доир ба навъҳои мусиқии халқҳои Хуросон ва Мовароуннаҳр «Равошин» ба назар мерасад, ки элементҳои таълимӣ-ахлоқӣ ва тарбиявӣ. – бадеии мусиқиро муайян мекунад» [38].

Хизматҳои шоистаи донишманди бузурги  замон Собит ибни Курра ибни Абдулҳасан (836-901), ки дар соҳаҳои гуногуни илму фарҳанг таълифоти нодир дорад, дар инкишофи ҳаёти мадании мардуми Шарқ саҳми босазо гузоштааст. Ӯ ҳамчун файласуф, математик, нуҷумшинос ва таърихнигор машҳур аст. Аммо корҳои дар бахши мусиқӣ анҷомдодаи ӯ шуҳраташро зиёда гардониданд. Дар бахши мусиқӣ Собит чунин асарҳоро эҷод намудааст: «Мақола фи илм-ул-мусиқӣ» (Рисола оид ба илми мусиқӣ), «Китоб фи олот-уз-зоир» (Китоб оид ба асбобҳои равонӣ). Дар корҳои хеш оид ба мероси мадании халқҳои Мовароуннаҳру Хуросон, ки дар онҳо масъалаҳои гуногуни назарияи мусиқӣ инъикос гардидаанд, маълумоти зиёд овардааст. Аз рӯйи маълумоти овардаи Кифти Собит ибни Курра чанде аз асарҳои фалсафӣ, математикӣ ва мусиқии Пифагор, Аристоксен ва дигаронро ба забони арабӣ тарҷума намудааст. Яке аз шахсиятҳои дигари ин аҳд Абулфараҷи Исфаҳонӣ низ дар афкори назарияи мусиқӣ корҳои муҳимеро анҷом додааст. Таълифоти ӯ: «Китоб-ул-муҷаррад-ул-оғонӣ» (Китоби мунтахаби мусиқӣ), «Китоб-ул-муғаннин» (Китоби мусиқанавозон), «Китоб-ул-оғонӣ» (Китоби сурудҳо) ва ғайраҳо мебошанд.

Масъалаҳои мубрами илмҳои риёзиву табииётшинсоии асримиёнагӣ дар пажӯҳишоти мухталифи Абубакри Розию Абурайҳони Берунӣ, Абуалии Сино ва дигар ҳамзамонони онҳо аз масъалаҳои муҳимми рӯзмарраи илмӣ ба шумор мерафтанд. Аксари ин донишмандон зодагони Хуросону Фарорӯд – ватани бумии тоҷикон маҳсуб меёбанд. Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ донишманди энсиклопедисти замон буд, ки таъсири афкору осори ӯ дар таълифоти Абуалии Синою Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайёму Абдураҳмони Хозинӣ ва дигар

риёзидонону табииётшиносони асримиёнагии Шарқу Ғарб ба таври назаррас таъсир расонидааст. Ҳар кадом аз ин донишмандони фавқуззикр дар ташаккулу пешрафти донишҳои назариву амалии риёзиёту табииётшиносӣ ва ҳатто техникӣ саҳми бузург гузоштаанд, ки номашон бо ҳарфҳои заррин дар сафҳаи таърихи тамаддуни башарӣ, хоссатан дар таърихи тамаддуни тоҷикон сабт гардидааст.

Ҳамин тавр, бо боварии комил метавон гуфт, ки осори илмии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ натанҳо дар ташакул ва инкишофи донишҳои риёзиву табииётшиносӣ, балки ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Хуросону Фарорӯд таъсри бузург расонидааст, ки омӯзиши онҳо вазифаи муҳаққиқони таърихи илму техника ба шумор меравад.

### 1.2. Муҳити илмию фарҳангии замони Абубакри Розӣ

Хуросон ва Мовароуннаҳр (Фарорӯд) дар асрҳои IX-X масеҳӣ натанҳо дар таърихи тамаддуни тоҷикон, балки дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ, хусусан исломӣ мавқеи махсус дорад. Аз ин рӯ, қобили ёдоварист, ки замони зиндагии Абубакри Розӣ пурра дар замони ҳукмронии аввалин давлати феодалии тоҷикон – Сомониён сипарӣ шудааст. Замони ҳукмронии Сомониён солҳои 875-999- ро дар бар гирифта, зиндагиномаи Абубакри Розӣ фарогири солҳои 865-925 мебошад.

Воқеан, давлати Сомониён дар асрҳои миёна пешрафтатарин давлати дунё ба ҳисоб мерафт, ки рушду инкишофи дилхоҳ давлат будуни шак, аз тараққиёти илмҳои табиатшиносӣ, риёзиёт ва техника вобастагии ногусастанӣ дорад. Аз ин рӯ, бояд гуфт, ки натанҳо дар пешравии давлати Сомониён, балки барои инкишофи илму фарҳанги кишварҳои Шарқи исломӣ саҳми ниёгони тоҷикон бузург аст.

Замони зиндагии Абубакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ (865-925) ба асрҳои IX-X милодӣ рост меояд, ки он замонро дар таърихи тамаддун, хоссатан дар таърихи тамаддуни Шарқи исломӣ бо номҳои гуногуни зерин зикр мекунанд: «... Эҳёи мусалмонӣ; Эҳёи эронӣ; Эҳёи арабӣ-эронӣ; Эҳёи Аҷам; Эҳёи Тоҷик; Замони тиллоии рушди илму фарҳанг ва ғайра» [58; 59; 69; 84; 111; 125, с.16-30]. Воқеан, муҳити фарҳангие, ки дар он донишманди энсиклопедист Абубакр

Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ ҳаёт ва фаъолият бурдааст, ба даврai гул-гулшукуфии илму фарҳанг ва замони салтанати Сомониён рост меояд.

Ҳар ойина бояд эътироф намуд, ки дар аҳди салтанати хонадони Оли Сомон ҳамаи соҳаҳои фаъолияти одамизод, натанҳо улуму фунун, балки маданияти шаҳрвандиву шаҳрдорӣ, муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ низ дар авҷи тараққиёт буд. Бинобар маълумоти андӯхтаи ховаршиноси рус О.Г. Болшаков: «...дар садсолаҳои IX-X танҳо дар хоки Мовароуннаҳр қариб 300 шаҳру шаҳракҳо вуҷуд доштаанд» [124]. Донишманди маъруфи тоҷик, академик Нуъмон Неъматов дар таҳқиқотҳои таърихнигории хеш давлатдории замони Сомониён чунин нигоштааст: «...қуруни IX-X даврai аз нав бавуҷудоӣ, мустаҳкамшавӣ, нашъунамои аввалин ва эътирофи умумитамаддуни гуногунсоҳаи маҳз тоҷикӣ, хусусан назми классикӣ, илм, санъати мусиқӣ, меъморӣ ва шаҳрсозӣ, даврai ба миён омадани ходимони намоёнтарини соҳаҳои мухталифи маданият буд» [69]. «Вобаста ба маданияти моддии Мовароуннаҳру Хуросон таҳқиқотҳое пурарзишу нодир мавриди пажӯҳиш қарор гирифта ва ба табъ расидаанд» [3; 21; 68].

Аввалан бояд гуфт, ки замони зиндагонии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ пурра дар даврai ҳукмрониву салтанати сулолаи Оли Сомон гузаштааст. Аз ин рӯ, замони зиндагии Закариёи Розиро ҷузъе аз замони салтанати Сомониён ҳисобидан равост. Ва илова бар ин, замоне ки дар он Закариёи Розӣ кору фаъолият намудааст, ба он ҷузъи замони ҳукмронии Сомониён рост меояд, ки он замонро дар таърихи тамаддун даврai гулгулшукуфии илму фарҳанги тоҷикон ва ҳатто баъзан даврai Эҳёи мусалмонӣ, Эҳёи арабӣ-эронӣ ва Эҳёи Тоҷик меноманд.

Донишманди замони навини Эрон Саид Ҳусайни Наср муътақид бар он аст, ки бештари донишмандоне, ки дар маркази хилофат, яъне шаҳри Бағдод (дар назар аст «Байт-ул-ҳикма » – М.Н.) агарчанде аз рӯйи эътиқоди динӣ мусалмон буданд, аммо аз лиҳози нажод эронӣ будаанд. Ба андешаи мо Саид Ҳусайни Наср зери мафҳуми маркази хилофат, хилофати Аббосиён -маркази маъруфи «Байт-ул-ҳикма» («Хонаи хирад»)-ро дар назар дорад, ки воқеан ҷавҳари донишмандони ин марказро мардумони Хуросону Мовароуннаҳр ташкил медоданд.

Ёдоварии як нукта боиси зикр ва ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки аз қадимулайём аҳли илму адаб дар кишварҳои тараққикардаи замона ва шаҳрҳои бузурги он ҷамъ меомаданд. Аз ин рӯ, дар кадом шаҳре, ки донишмандону ҳунармандони маъруф умр ба сар набаранд ва фаъолияту сукунат ихтиёр накунанд, аз тамоми музофоти кишварашон ва ҳатто аз кишварҳои ҳамсоя ба он шаҳрҳое, ки маркази илму фарҳанги замонаашон ба шумор мерафт, мардумон ҷамъ меомаданд.

Дар олами исломи асримиёнагӣ чунин марказҳои илмӣ кам набуданд, вале маъруфтаринашон дар тамоми хилофат, ки дар таърих бештар бо номи хилофати Аббосиён маъруф аст, маркази илмӣ дар шаҳри Бағдоди Ироқ дар Шарқи Наздик буду дар Шарқи Миёна, яъне Фарорӯд (Мовароуннаҳр) Бухоро буд.

Донишманди шинохтаи тоҷик Комилӣ А.Ш. дар таълифоти хеш оид ба омӯзиш ва таҳқиқоти навъҳои илмҳои риёзиву табииётшиносӣ дар асрҳои миёна чунин ишора намудааст: «...дар тамаддуни асримиёнагии тоҷику форс дар баробари назму насри безаволи порсии дарӣ (тоҷикӣ) тамоми навъҳои илмҳои риёзиву табииётшиносӣ, аз ҷумла шуморнома (арифметика), алҷабр (алгебра), ҳандаса (геометрия), мусалласот (тригонометрия), илми ҳайат (астрономия), ҷуғрофиё (география), илми табиӣ (физика), кимиё (химия), тибб(медитсина), ҷонваршиносӣ (зоология), зистшиносӣ (биология), маъданшиносӣ (минералогия), оббёрӣ (ирригатсия) ва ғайра низ дар авҷи тараққиёт буд. Хонандаи заккӣ метавонад, қазоват кунед, ки миллате ки ба монанди Рӯдакиву Фирдавсӣ, Мавлоно Балхию Мавлоно Ҷомӣ, Носири Хисрав, Низомии Ганҷавию Хусрави Деҳлавӣ, Саъдию Ҳофизу Камол, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Абубакри Розиву Ибни Сино, Абумансур Ҳасани Бухориву Исмоили Ҷурҷонӣ (Гургонӣ) ва монанди инҳо ҳазорҳо нафари дигар шоирону нависандагону табибонро ба воя расонидааст. Бояд дар илмҳои риёзиву табииётшиносӣ низ ҳамранги онҳо донишмандони ҷаҳониро тарбият намуда бошад, ки ҳақ аст» [44, с.34].

Возеҳ аст, ки дар Бухоро ҳамчун нахустпойтахти давлати феодалии тоҷикон бештар донишмандони форс-тоҷик ҷамъ меомаданд. Ин ҷо як нуктаи муҳимро таъкид кардан ба маврид аст, ки дар Бағдод бештари донишмандоне, ки бо

илмҳои ақлӣ сари кор доштанд, аз нажоди эронӣ буда, аз шаҳрҳои Нишопур, Марв, Аҳвоз ва ғайра ба он ҷо ҷамъ омада буданд.

Барои мисол, мо ҳар ду маркази илмии шаҳрҳои Бағдоду Бухороро ба таври мухтасар муоина хоҳем кард, ки дар он саҳми донишмандни ҳамзамони Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ бузург аст.

Дар маркази илмии «Байт-ул-ҳикма» («Хонаи хирад»), ки дар Бағдод таъсис ёфта буд, донишманди маъруфи форс-тоҷик, мулаққаб ба «падари алгебра» Муҳаммад Мӯсои Хоразмӣ замоне сарварии онро бар уҳда дошт. Яке аз бузургтарин донишманди риёзидону ситорашиноси ғайриараб аз ниёгони мо, ки камаш як аср пештар аз ӯ (дақиқтар 107 сол қабл аз вай) дар маркази илмии Бағдод фаъолият дошт, Навбахти Аҳвозӣ буд.

Навбахти Аҳвозӣ низ ба монанди Муҳаммади Хоразмӣ дар ибтидо дини зардуштӣ дошта, баъдан исломро пазируфта буд. Халифаҳои Аббосӣ ба дониши ситорашиносии Аҳвозӣ ниёз доштанд, аз ин рӯ ба ӯ имтиёзҳои зиёди моддиву маънавиро дода, ҳатто сарварии аввалин маркази илмӣ “Хонаи хирад”-ро ба ӯ таъйин карда буданд.

Навбахти Аҳвозӣ дар дарбори хулафои Аббосиён чанд вазифаро иҷро мекард: натанҳо ситорашинос ва мунаҷҷими баргузида, балки мутарҷими аз забони паҳлавӣ ба арабӣ буда, инчунин сарварии китобхонаро низ ба зимма доштааст . Қобили қайд аст, ки дар радифи ӯ донишмандони ғайриараб аз ниёкони мо низ фаъолият менамуданд, ки яке аз онҳо донишманди яҳудии эронинажод бо номи Яздонхост буда, дар таърихи илм бо номи Мошоаллоҳ низ ёд мешавад. Албатта корҳои илмии Аҳвозӣ ва Яздонхост аз тарафи халифа ал-Мансур дастгирӣ ва ҳавасманд мегардид, ки маҳз аз ҷониби ин се нафар (ду донишманд ва як сиёсатмадор) шаҳри овозадори Бағдод бунёд гузошта шуд. Яъне дар таъсиси шаҳрии Бағдод, ки солҳои зиёд ҳамчун маркази илму фарҳанги ҷаҳони ислом эътироф гардида, дар ибтидо «Мадинат-ус-Салом» («шаҳри дӯстӣ») ном дошт, саҳми ниёгони тоҷикон бузург аст. Дар ин маврид беҳтарин ва дақиқтарин сарчашма асари ҷовидонаи Абурайҳони Берунӣ «Осор-ул-боқия» («Ёдгори мондагор») ба шумор меравад.

Ҳоло мо ин маълумотро бевосита аз асари зикршудаи Абурайҳони Берунӣ «Ёдгори мондагор» меорем, ки чунин аст: «Ва дар рӯзи бисту сеюм дар дарё ҳавои сарде аст ва дар назди Филифис (Филипп – Н.М.)-у Митрузурис (Митродор – Н.М.) бодҳое хоҳад омад ва ба ақидаи қибтиён бодҳои солиёна шуруъ ба вазидан хоҳад кард. Ва Абуҷаъфари Мансур дар ин рӯз буд, ки ба сохтани «Мадинат-ус-Салом» (яъне Бағдод – Н.М.) оғоз кард. Ва ин ҳамон аст, ки дар ҷониби ғарбӣ аз Даҷлаи Бағдод воқеъ шуда ва «Мадинат-ул-Мансур» (шаҳри Мансур – Н.М.) ном дорад. Ва ин амал дар соли як ҳазору ҳафтоду чори искандарӣ (762 григорианӣ – Н.М.) будааст. Ва асҳоби аҳкоми нуҷум ба шиносоии ин вақту таърихи он барои донистани тахвилоту адвор ва муайян кардани замонҳо аз ин сол ниёзманданд, ки барои соҳибони онҳо ҳукми нуҷумӣ истихроҷ кунанд. Ва Навбахт ин вақтро ихтиёр карда буд. Ва ҳайати фалаку мавоқеи ситорагон дар фалак мувофиқи ин шакл буд, ки мушоҳида мекунед» [9, с.305].

Навбахти Аҳвозӣ аз худ осори гаронбаҳое доир ба илми нуҷум ба мерос гузоштааст, ки аз онҳо асари нодир ва ҷолибе бо номи «رساله. فی سرائر احکام النجوم» («Рисалату фи сираири аҳкам-ун-нуҷум») «Рисола андар асрори аҳкоми нуҷум» - боқӣ мондааст, ки дар баъзе маъхазҳои таърихӣ бо номи «کتاب الاحکام» («Китоб-ул-аҳком») - «Китоби доварӣ (ситораҳо)» ёд мешавад.

Бояд як нуктаи ҷолиби дигарро зикр кард, ки аҳамияти илмию таърихии хосса дошта, дар таърихи тамаддуни тоҷикон камназир аст, Навбахти Аҳвозӣ аз як ҷиҳат бо фарзандону наберагонаш дар таърихи илму фарҳанги олами ислом саҳми босазо гузошта, аз ҷиҳати дигар сарпарастии олимои замонро бар уҳда доштаанд. Бад-ин ҷиҳат хонадони Навбахтиён дар таърихи илм мақоми шоиста доранд.

Донишманди дигаре аз ниёгони мо, ки дар маркази илмии Бағдод фаъолияти илмӣ кардааст, Абу-л-Аббос Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Касири Фарғонӣ (797, Кубо, Фарғона - 865, Қоҳира, Миср) ба ҳисоб меравад, ки агарчанде фаъолияташ асосан дар асри IX милодӣ сипарӣ шудааст, ёдбуду гиромидошти ному насаб ва зикри хайраш беш аз 12 аср (1228) ҳазор сол идома дорад. Аҳмади Фарғонӣ пеш

аз ҳама ба омӯхтан ва таҳқиқи илмҳои ситорашиносӣ (астрономия), риёзӣ (математика), ҷуғрофиёӣ (географӣ) машғул будааст. Бояд гуфт, ки на ҳама донишмандони асримиёнагии олами ислом дар Аврупои лотинӣ шинохта мешуданд. Аммо Аҳмади Фарғонӣ дар радифи Абуалии Сино (Avicenna), Ибни ал-Ҳайсам (al-Khazen), ал-Хоразмӣ (al-Khwārizmi), Абубакри Розӣ (Abubater, Razes) ва дигарон дар олами насронии асримиёнагӣ, ба истилоҳ, Аврупои лотинӣ бо номи Алфраганус (Alfraganus) маъруфият дошт. Ӯ ба монанди Абуалии Сино, ки замоне вазири замон низ буд, чанд муддат ҷонишинии халифаи маъруфи Бағдод – Абуҷаъфар Ҳорун ибни Муҳаммад, мулаққаб ба Ҳорун-ар-Рашидро бар уҳда дошт.

Аҳмади Фарғонӣ дар корҳои гурӯҳи донишмандони риёзидон ва ситорашиноси замон барои андозагирии дарозии нисфуннаҳор (меридиан)-и Замин иштирок кардааст. Осори илмии ӯ дар соҳаи ситорашиносӣ дар муддати 700 сол ҳамчун маводи таълимии энсиклопедӣ дар Аврупо мавриди истифодаи донишмандон қарор дошт.

Аҳмади Фарғонӣ куррашаклии Заминро бори дигар собит намуда, кӯтоҳтарин соатҳои рӯзи солро мувофиқан ба якуми даймоҳи соли 204 ҳиҷрии шамсӣ (тақвими форсӣ)-и мутобиқ ба сеюми рамазони соли 210 ҳиҷрии қамарӣ (тақвими мусулмонӣ) ва 22 декабри соли 825 милодӣ ва дарозтарин соатҳои рӯзи солро мувофиқан ба якуми тирмоҳи соли 204 ҳиҷрии шамсӣ, мутобиқ ба 26 моҳи сафари соли 210 ҳиҷрии қамарӣ баробар ба 22 июни соли 825 милодӣ муайян намудааст. Ӯ ҳамчунин доғҳо рӯйи Офтоб ва ҳодисаи кусуф (“гирифт”)-и Офтобро дар таърихи 24 сафари соли 217 ҳиқрии қамарӣ мутобиқ ба 15 фарвардини 211 ҳиҷрии шамсӣ (баробар ба 04.04.832 милодӣ) пешгӯйӣ кардааст.

Ин ҷо як нуктаро таъкид кардан лозим аст, то хонандагони муҳтарам, хусусан хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба иштибоҳ роҳ надиҳанд, ки чунин корҳоро гӯё аввалин маротиба Аҳмади Фарғонӣ иҷро карда бошад. Ҳодисаҳои кусуф (гирифт)-и Офтоб ва хусуф (гирифт)-и Моҳ ҳанӯз пеш аз милод ба донишмандони Юнони Қадим, масалан Толиси Милетӣ ва ҳатто пештар

аз ӯ ба ситорашиносони Бобулистони Қадим ва Чини Қадим низ маълум буд ва куррашаклии Заминро низ Юнониёни Қадим пешгӯӣ карда буданд.

Яке аз барҷастатарин дастоварди шахсии Аҳмади Фарғонӣ дар фаъолияти илмии ӯ эҷод ва барқарори дастгоҳе бо номи Нилсанҷ (Ниломер) дар ҷазираи Родос (Ρόδος) дар наздикии Қоҳира бо ҳадафи андозагирии сатҳи об дар дарёи Нил мебошад. Ҳамин тариқ, Аҳмади Фарғонӣ яке аз донишманди овозадори тоҷик ба ҳисоб меравад, ки дар инкишофи илми ҷаҳон махсусан илми ситорашиносӣ ва риёзӣ саҳми бузург гузоштааст.

Донишманди дигари табииётшинос ва риёзидон аз ниёгони тоҷикон, дар маркази илмии Бағдод саҳми босазо гузоштааст, Абу Ҷаъфар Аҳмад ибни Абдуллоҳи Марвазӣ, маъруф ба ал-Ҳаббаш, ал-Ҳосиб ва ал-Марвазӣ буд. Бештари ҳаёт ва фаъолияташ дар «Байту-л-ҳикма» («Хонаи хирад»)-и Бағдод сипарӣ шуда, ҳамон ҷо фавтидааст. Муддате дар Димишқ низ фаъолият кардааст. Лақабҳои «ал-Ҳаббаш»-ро бинобар сиёҳии пӯсташ ва «ал-Ҳосиб»-ро – донандаи илми шуморнома (арифметика) буданаш соҳиб шудааст. Дар Бағдод бо донишмандони бузурги замонааш Муҳаммади Хоразмӣ ва Аҳмади Фарғонӣ ҳамкорӣ дошта, дар кори муайян кардани тули як дараҷаи нисфу-н-наҳор (меридиан)-и Замин ширкат кардааст. Аз Аҳмади Марвазӣ рисолаҳои зерини риёзӣ ва ситорашиносӣ собит шудаанд: «Китаб ад-даваир ас-салас ал-мамасса ва кайфиййа ал-ивсал» («Китоб дар бораи се доираҳои баҳамрасанда ва чигунагии пайвастшавии онҳо»), «Аз-зиҷ ал-маъруф би-д-Димишқӣ» («Зиҷи маъруф ба Димишқӣ»), «Аз-зиҷ ал-Маъмунӣ ли-л-мумтаҳан» («Зиҷи санҷидашудаи Маъмунӣ»), «Ал-ъамал би-л-устурлāб ал-курӣ ва аҷāибуҳу» («Корҳо бо ситораёби куравӣ ва шигифтиҳои он»), «Санъат ал-устурлāб аш-шимāлӣ ва-л-ҷанубӣ» («Сохтани ситораёбҳои шимолӣ ва ҷанубӣ») ва ғайра.

Аҳмади Марвазӣ дар таърихи илми мусалласот (тригонометрия) мафҳумҳои (тангенс) ва (котангес)-ро ворид намуда, аввалин маротиба дар таърихи илм ҷадвали ин функсияҳоро тартиб додааст. Ӯ равиши такрории ҳалли муодилаҳои моварой (транссендентӣ)-ро пешниҳод карда буд, ки имрӯз дар шакли $t = \theta - k \sin\theta$ дар назарияи ихтилофи манзар (параллакс) татбиқ карда мешавад ва бо

номи муодилаи Кеплер собит шудааст. Бояд гуфт, ки писари Аҳмади Марвазӣ – Ҷаъфар ибни низ ситорашинос ва созандаи асбобҳои ситорашиносӣ буд. Ҳамин тариқ, Аҳмади Марвазӣ дар радифи дигар ниёгони табииётшиноси форс-тоҷик пеш аз Абубакри Розӣ дар инкишофи донишҳои риёзиву табииётшиносӣ, мушаххасан, назарияи илми мусалласот, илми ситорашиносӣ, сохтани намудҳои гуногуни асбобҳои ситораёб саҳми босазо гузоштааст.

Чи тавре ёд кардем, Бухоро низ чун Бағдод маркази илму фарҳанг буд, дар замони зиндагии Абубакри Розӣ. Баъзе аз донишмандони замони зиндагии Абубакри Розиро, ки асоси фаъолияти илмиашон дар Бухоро сипарӣ шудааст, зикр хоҳем кард. Яке аз онҳо Абубарзо Фазл ибни Муҳаммад ибни Восеи Хуталӣ (834-910) буд, ки тақрибан ҳамсоли Абубакри Розӣ буда, асосан дар Бухоро фаъолият кардааст. Фазл ибни Муҳаммад ибни Восеи Хуталӣ Фазл ибни Муҳаммад ибни Восеи Хуталӣ асосан ба илми риёзиёт машғул буд, ки асарҳои зерини риёзӣ ба қалами ӯ мутааллиқ аст: «Китоб ал-муомилот» ва «Китоб ал-мисоҳа». Аз номи китоби дуюми ҳадс зада мешавад, ки он ба геометрия бахшида шудааст.

Донишманди дигаре аз маркази илмии Бухоро Абулқосим Абдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Маҳмуди Балхӣ (ваф. 931), мулаққаб ба Каъбӣ мебошад, ки дар илмҳои фалсафа ва риёзиёт таълифот доштааст. Бояд гуфт, Абубакри Розӣ бо ин донишманди ҳамаср ва тақрибан ҳамсолаш дар баҳсу мунозараҳо пардохта, дар ин бора таълифоте дорад.

Яке аз донишмандони маъруфи ҳамзамони Абубакри Розӣ, ки асоси фаъолияташ дар маркази илмии Бухоро сипарӣ шудааст, Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Юсуфи Хоразмӣ (асри X) ба шумор меравад, ки таълифоти ӯ бо номи «Мифтоҳ-ул-улум» машҳур аст.

Ҳамин тавр, хонадони Навбахтиён, Муҳаммад Мӯсои Хоразмӣ, Абулаббоси Фарғонӣ, Аҳмади Марвазӣ, Фазл ибни Муҳаммад ибни Восеи Хуталӣ Фазл ибни Муҳаммад ибни Восеи Хуталӣ, Абдуллоҳ ибни Аҳмад Балхӣ, Муҳаммад ибни Юсуфи Хоразмӣ ва дигарон қабл аз Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ ва дар замони зиндагии ӯ дар ташаккул ва инкишофи донишҳои риёзиву

табииётшиносии замони худ саҳми арзанда гузошта, бад-ин минвол ба пешрафти тамаддуни форс-тоҷик, ки ҳамчунин бо номи тамаддуни исломӣ ва гоҳо тамаддуни арабию эронӣ қаламдод мешавад, саҳм ва нақши муассир гузоштаанд.

Воқеан, ниёгони тоҷикон чи дар давраи лашкаркашиҳои Искандари Мақдунӣ, чи дар давраи забткориҳои арабҳо ва чи дар давраи хуношомиҳои чингизиёну авлодонашон (темуриёну, манғитиёну авлодонашон) бештар ва тулонитар аз дигар ақвоми зердаст муқобилият нишон додаанд. Ва бояд гуфт, ки ҳатто тамоми истилогарони зикршуда, билохира тобеи фарҳанги волои тоҷикону тамоми эронинажодон гардиданд, ки асари он то имрӯз маълум аст.

Ҳамин тариқ, бинобар ақидаи академик Бобоҷон Ғафуров, дар асри IX дар садсолае, ки Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ ба дунё омадааст, «...дар ҳамон даврае, ки ҳокимият дар Мовароуннаҳру Хуросон дар дасти Сомониён буд, ташаккули халки тоҷик анҷом ёфт» [22, с. 415].

Баъди ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр натанҳо дар ҳаёти иктисодиву иҷтимоӣ, балки инчунин дар рушди илму фарҳанг низ таъсири калоне расонид. Бояд қайд намуд, сатҳи баланд ва нуфузи байналмилалии адабиёти фалсафа ва тибби давраи Сомониён ба ҳама маълум аст. Лекин барои пирӯзии адолат ва ҳақиқат чунин бояд қайд намуд, ки дар аҳди Оли Сомон, яъне дар давраи зиндагии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ нафақат адабиёт, фалсафа ва тиб дар авҷи рушди замона қарор дошт, балки илмҳои риёзиву табииётшиносӣ аз қабили риёзиёт (илми ҳисоб-арисмотикӣ), илми ҷабр (алгебра), илми мусалласот (тригонометрия) ва (геометрия), илми табиӣ (физика), илми ҳийял (механика), илми ҳайат ва санъати танҷим (астрономия ва астрология), илми кимиё (химия), илми наботот (ботаника), илми ҷонваршиносӣ (зоология) ва ғайра низ дар наботот (ботаника), ҷонваршиносӣ (зоология) ва ғайра низ дар авҷи тараққиёт буданд.

Бояд гуфт, ки унсурҳои донишҳои табииётшиносӣ, ба истилоҳ улуми ақлӣ, андар иртиботи ногусастанӣ бо таълим, тарбия, ахлоқ ва ғайра дар асрҳои миёна ба монанди дунёи қадим ҳамеша андар ҳамгироии дигар соҳаҳои дониш таълим дода мешуд.

Аз ин рӯ, шаҳри Бухоро ба унвони пойтахт, ҳамчун Ироқ дар замони хилофат, Рум дар замони элинистӣ ва ё ба амсоли Маскаву Лондон дар замони муосир шуҳрат дошта, маркази сиёсӣ, маъмурӣ, илмӣ ва фарҳангии хонадони Сомониён буд ва он дар арсаи ҳаёти маданӣ, илму адаб аҳамияти махсусе дошт.

Устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ шаҳри Бухороро аз назари шукуҳу азамат ба Бағдод муқоиса карда, қасидаи зеринро навиштааст:

«Имрӯз ба ҳар ҳоле Бағдод Бухорост,
Куҷо Мири Хуросон аст, пирӯзӣ он ҷост.
Соқӣ ту бидеҳ, бодаву мутриб ту бизан руд,
То май хӯрам имрӯз, ки вақти тараби мост.
Май ҳасту Ирам ҳасту бути лоларухе ҳаст,
Ғам нест в-агар ҳаст насиби дили аъдост» [73, с.522]

Сардафтари адабиёти классикии форс-тоҷик устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ин қасидаи таърихии худ чанд матлабро баён намудааст. Якум, ӯ мегӯяд, ки Бухоро ҳамчун пойтахти давлати Сомониён, ба монанди Бағдоди замони хилофати Аббосиён дар авҷи инкишофи тамаддун ва маркази илму фарҳанги замона ба ҳисоб мерафт. Сониян, дар давраи зиндагонии ӯ, ки ҳамасру ҳамзамони Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ мебошад, пирӯзӣ ва пешрафтҳои илмию фарҳангӣ насиби хонадони Оли Сомон буд. Яъне Хуросону Мовароуннаҳр (Фарорӯд), ки ватани бумиву аслии тоҷикон мебошад, маркази илму фарҳанги онзамона ба шумор мерафтааст. Сеюм ин ки дар мисраи чаҳоруми қасида ҳикмати тоҷикии «дунё косаи давр аст» возеҳу равшан инъикос ёфтааст.

Бо дарназардошти он ки дар асрҳои X-XI ашроф, уламо ва удабову ҳукамо аз дигар давлатҳои исломӣ ба аввалин пойтахти миллии тоҷикон рӯй меоварданд, маълумоти Абу Мансур Абдулмалик бинни Муҳаммад ас-Саолобӣ (961-1038) , ки дар асараш «Ятимат-уд-даҳр» нигоштааст, ёдовар мешавем:

**«كانت بخارى فى الدولة السامانيه و مثابة المحد و كعبة الملك**
**ومجمع افراد الزمان و مطلع نجوم ادياء الارض و موسم فضلأ الدهر...»**

Яъне,«Бухоро дар замони давлати Сомониён ҷойи руҷуи бузургӣ, шарафи мулк ва маҳалли ҷамъомади донишмандони дараҷаи аввали замон ва ҷойи тулуи ситорагон – бузургону адибони рӯйи замин ва маркази фозилони даҳр буд…» [2].

Воқеияту ҳақиқати таърихӣ чунин аст, ки дини расмии Ховари Наздику Миёна шуруъ аз асри VII то ба имрӯз дини мубини ислом мебошад. Аммо баҳри музаффарияти адолат таъкид кардан боистӣ, ки ибораи «илми аъроб», яъне «илми арабҳо» барои таърихи тамаддуни Хуросону Мовароуннаҳр комилан дуруст нест. Дар ин бора тамаддуншиноси эронӣ Саидҳусайни Наср чунин менависад, ки ба андешаи мо дуруст аст: «...метавон бидуни ҳеҷ шакку шубҳа аксари файласуфони исломиро эронӣ донист ва он чи ки дар билоди шарқии ислом дар риштаи фалсафӣ анҷом пазируфтааст, дар зумраи фалсафаи эронӣ шумурд, махсусан ки дар даврони баъдӣ Эрон сарзамини аслии фалсафаи исломӣ шуд ва дар ин билод буд, ки бузургтарин мутафаккирони давраи ахир дар фалсафа зуҳур кардаанд». [83, с. 19].

Танҳо дар ин навиштаи Саидҳусайни Наср, ба андешаи мо андаке тасҳеҳ даровардан боз ҳам ҳақиқати таърихиро комилтар мегардонад. Яъне, мо бояд вожаҳои «Эрон» ва «эрониро» ба маънои Эрон ва эронзамини бостонӣ шарҳ бидиҳем ва дар назар дошта бошем, ки Мовароуннаҳр (Фарорӯд) бидуни шак шомили ин мавқеи ҷуғрофӣ мебошад. Ба андешаи муаллифи ин сатрҳо забони арабӣ барои мардумони бумии Хуросону Мовароуннаҳр танҳо забони илмӣ буду халос. Яъне забони арабӣ барои тамоми эронзамин, натанҳо барои Хуросону Мовароуннаҳр нақши забони лотиниро барои тамом Аврупои асримиёнагӣ ва нақши забонҳои англисиву русиро барои кишварҳои муосири ҷаҳон иҷро мекард. Яъне бо забони арабӣ таълиф кардани асар маънои онро надорад, ки муаллифи асар араб бошад, чуноне ки ба забони русиву англисӣ таълиф кардани асар дар замони мо аз тарафи миллатҳои ғайрирусу англис маънои онро надорад, ки муаллифони асарҳо русанд ё англис. Айнан ҳамин тавр, дар асрҳои миёнаи Аврупо мардумони гуногунзабони ин минтақа ба монанди олмониҳо, фаронсавиҳо, англисҳо, итолиёҳо ва ғайра ҳамагон асарҳои илмии худро ба забони лотинӣ эҷод мекарданд, зеро дар он замон забони лотинӣ нақши забони

илмиро барои тамоми Аврупои асримиёнагӣ иҷро мекард. Айнан ҳамин тавр, дар асрҳои миёнаи олами ислом забони илмӣ барои тамоми кишварҳои Ховари Наздику Миёна нақши забони илмиро иҷро мекард. Вале чӣ тавре дар боло дар мавриди донишмандони маркази илмии «Байт-ул-ҳикма» қайд кардем, бештари олимони асримиёнагии олами ислом, ки ба соҳаи илмҳои ақлӣ (илмҳои ратсионалӣ), ба мисли донишҳои риёзиву табииётшиносӣ машғул буданд, аз эронинажодон ва хоссатан аз ниёкони тоҷикон маҳсуб меёфтанд. Барои мисол қайд мекунем, ки нобиғаи оламшумули тоҷик Шайхурраис ва Шарафулмулк Абуалии Сино, ки яке аз бузургтарин донишманди олами исломи асримиёнагӣ шинохта шудааст ва барои ояндагон 456 номгӯй таълифоту таснифот ба мерос гузоштааст, ба ҳеч ваҷҳ араб набуд, агарчанде аксари осораш ба забони арабӣ, яъне забони илмии замонааш навишта шудаанд.

Хушбахтона, Абуалии Сино аз 456 номгӯй осори худ, 23-тои онҳоро ба забони модариаш – тоҷикӣ (порсии дарӣ) навиштааст. Бо ин рафтори худ ӯ аввал ин ки аз ҳувияти милии худ дарак дода, сониян собит намудааст, ки забони арабӣ барои ӯ танҳо нақши забони илмиро иҷро кардааст ва солисан бо навиштани асарҳо ба забони тоҷикӣ таъкид кардааст, ки забони тоҷикӣ низ ҳамчун забони илмӣ хизмат карда метавонистааст. Чунин мисолҳо дар таърихи илму техникаи тоҷикон фаровонанд, ки Абурайҳони Берунӣ низ аз 150 номгӯй осори худ ҳамагӣ 2-тояшро ба забони порсии дарӣ (тоҷикӣ) таълиф карда, боқимондаашро ба забони арабӣ навиштааст. Албатта, бо мурури замон ниёгони асримиёнагии мо, ки дар ташаккулу ишкишофи илмҳои риёзиву табииётшиносӣ нақши босазо гузоштаанд, кӯшидаанд таълифи асарҳои худро ба забони модариашон – тоҷикӣ (порсии дарӣ) бештар ба мерос гузоранд. Яъне Умари Хайём, Насириддини Тусӣ, Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ, Алӣ Қушчии Самарқандӣ ва дигарон дар баробари забони арабӣ ба забони модарии худ низ таълифоту таснифоте ба мерос гузоштаанд.

Аз ин ҷо мантиқан хулоса кардан мумкин аст, ки илми олами исломи асримиёнагиро ҳеч гоҳ «илми аъроб» ё «илми арабӣ» номидан мумкин нест,

агарчанде донишмандони мусулмони ғайриараб асарҳояшонро ба забони арабӣ навишта бошанд.

Вобаста ба рушди забон ва адабиёти тоҷику форс дар Хуросону Мовароуннаҳр, ки забони арабӣ онро аз байн бурда натавонист, назари академик Бобоҷон Ғафуров чунин аст: «Забони арабӣ ба сифати забони адабиёти хаттӣ танҳо дар байни қисмати миқдоран ночизи табақаи ашроф, шоирон ва олимони дарбор ривоҷ ёфта буд. Оммаи васеи аҳолии шаҳру деҳкадаҳои Моваруннаҳр, Хуросон, Систон, Эрони Ғарбӣ бошад, бо забони модарӣ суҳбат мекарданд, ба ин забон суруд ва достонҳои қаҳрамонӣ эҷод менамуданд. Забони арабӣ барои онҳо ҳамеша бегона монд... Дар ҳаёти таърихию маданӣ ва адабии халқҳои Эрон ва Осиёи Миёна нақши нисбатан муҳимро забоне бозидааст, ки дар сарчашмаҳо бо номи «забони порсӣ» ё «забони форсӣ» оварда мешавад. Бо ин забон эҷодиёти даҳанакии халқ, бе шакку шубҳа, ҳеҷ гоҳ (ҳатто дар замони истилои араб ҳам) қатъ нашудааст» [23, с.503-504].

Чӣ тавре ки дар боло ишора рафт, дар кишварҳои мусалмонии асрҳои миёна, новобаста аз забони таълифи асар, ки бештар ба забони арабӣ ва гоҳо ба забони порсии дарӣ (тоҷикӣ) сурат мегирифт, нафақат бештари олимон, балки аксарияти табибону шоирон низ аз нажоди эронӣ, хоссатан аз Мовароуннаҳру Хуросон будаанд. Дар муқоисаи осори олимон бо шоирону нависандагон, ҳаминро бояд қайд намуд, ки бештари адибон, яъне шоирону нависандагон осори худро ба забони модариашон эҷод мекарданд, агарчанде дар девони шоирони асримиёнагии форс-тоҷик гоҳо шеърҳои арабӣ ва мисраъҳои ҷудогонаи арабӣ дучор меояд, ки ин ҳам як навъ тақозову талаби замонаашон ба шумор меравад. Саид Ҳусайни Наср аксарияти олимони мусулмонро, ки осори хешро бо забони арабӣ таълиф менамуданд, тоҷик (эронинажод) будани онҳоро собит намудааст: «... Бешак аксарияти файласуфони мусулмонро мантиқан бояд эронӣ донист ва ҳамаи осори фалсафии дар қисми шарқии ислом ба вуҷуд омада низ мантиқан дар пояи осори фалсафии эронӣ арзи ҳастӣ намудааст. Махсусан дар солҳои баъдӣ Эрон маркази асосии фалсафаи исломӣ буд, ки сабаби пайдоиши мутафаккирони бузурги фалсафа шуд»[135, с. 64].

Азбаски таъсири осори илмии донишмандони Юнони Қадим ва Рими Қадим ба таълифоти илмии донишмандони асримиёнагии олами ислом бештар буд, аксари онҳо дар тарҷума ва хусусан шарҳи осори донишмандоне ба монанди Арасту (Аристотел), Аршимидус (Архимед), Фисоғуриус (Пифагор), Уқлидус (Евклид), Батлимус (Птолемей), Ибархус (Гиппар) ва дигарон саҳми босазо гузошта, ҳатто асарҳои махсусе таълиф кардаанд. Аммо шоирону нависандон аз ниёгони мо бештар ба Кайқободу Қайхусрав, Ҷамшеду Баҳром ва дигарон ашхоси миллӣ рӯй овардаанд, ки ба фикри мо, сабаби бештар ба забони порсии дарӣ (тоҷикӣ) назму наср эҷод кардани адибони мо низ бад-ин сабаб аст.

Оид ба таснифу раддабандии илмҳо бояд гуфт, ки ҳанӯз аз Юнони Қадим диққати донишмандонро масъалаи дифференсатсияи донишҳо ба худ ҷалб мекард. Агарчанде, аксари донишмандони дунёи қадим ва асрҳои миёна, хусусан асрҳои миёнаи олами ислом энсиклопедист буданд, маҳз бад-ин сабаб дар ҳамгироии чандин самтҳои дониш даст мезаданд. Ҳарчанд кӯшишҳо ба харҷ медоданд, ки самтҳои таҳқиқотро вобаста ба намуди муайяни дониш таҳқиқ намоянд.

Дар асрҳои IX-XII дар Ховари Наздику Миёна донишмандони овозадоре, ба монанди Абуюсуф Яъқуб ибни Исҳоқи Киндӣ (соли вафот 873), Абубакр Муҳаммад ибни Закариё ибн Яҳёи Розӣ (865-925), Абунаср Муҳаммад ибн Муҳаммади Форобӣ (873-950), Абуабдулло Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Юсуфи Хоразмӣ (асри X), Абуалӣ Ҳусайн ибни Абдулло ибни Алӣ ибни Синои Бухорӣ (980-1037), Абуҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммад Тӯсии Ғазолӣ (1058-1111) ва дигарон ба раддабандии илмҳои замони худ диққати махсус додаанд. Ҳатто баъзе аз онҳо, ба мисли Абунаср Муҳаммади Форобӣ, Шарафулмулк Абуалии Сино ва Абуабдуллоҳ ибни Аҳмади Хоразмӣ роҷеъ ба раддабандии илмҳо рисолаи махсусе низ тасниф намуданд. Абуабдулло Муҳаммади Хоразмӣ (набояд ӯро бо Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Мусои Хоразмӣ иштибоҳ кард) дар китоби худ «Мифтоҳ-ул-улум» («Калиди донишҳо») тамоми илмҳои замонаашро ба илмҳои арабӣ ва ғайриарабӣ раддабандӣ карда буд.

Ҳамаи он донишмандони асрҳои миёна ва муҳаққиқони муосир, ки ба раддабандии илмҳои асримиёнагии олами ислом машғул шудаанд, тамом навъҳои донишҳоро ба «арабӣ» ва «аҷамӣ » (ғайриарабӣ) ҷудо кардаанд. Ва шартан «илмҳои аҷамӣ»-ро «илмҳои ақлӣ» ва «илмҳои арабӣ»-ро «илмҳои нақлӣ» меноманд. Донишмандоне, ки ба илмҳои ақлӣ машғул буданд, умдатан ғайриараб, асосан аҷамӣ (эронинажод) буда, ба илмҳои нақлӣ бештар донишмандони нажодан араб машғул будаанд. Ва ҳатто бинобар баъзе маълумот пояи илмҳои ақлии юнониёни қадимро илмҳои эрониёну мисриёни бостонӣ ва бобулиён ташкил медодаанд. Барои аз сари мақсад дур нарафтан, ба овардани як маълумоти муътамад қаноатмандӣ хоҳем кард. Масалан, донишманди маъруфи асри чордаҳи араб Абусаид Абдурраҳмон ибни Муҳаммад ибни Халдун (1332-1406) дар ин бора овардааст, ки: «... эрониён бар шевае буданд, ки ба улуми ақлӣ аҳамияти азим медоданд ва доираи он улум дар кишвари эшон тавсиа ёфта буд, зеро давлатҳои эшон дар мунтаҳои паҳноварӣ ва азамат буд ва ҳам гӯянд, ки ин улум пас аз он ки Искандар Дороро кушт аз эрониён ба юнониён расидааст…» [64].

Дар чунин як вазъи хеле мусоид барои рушди илму адаб дар аҳди шоҳони сомонӣ садҳо нафар донишмандони табиатшиносу ҷамъиятшинос, табибону файласуфон, шоирону нависандагон умр ба сар бурдаанд, ки қариб ҳамаи онҳо барои таълиму тарбияи шогирдон ва насли наврас беаҳамият набудаанд ва ҳатто баъзан рисолаҳои махсуси дорои ақидаҳои табииётшиносӣ низ таълиф кардаанд.

Бояд гуфт, ки маҳз дар замони зиндагии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ, ки гӯё бо Бухоро низ қаробат доштааст, яъне дар асрҳои IX-X – дар замони Сомониён забони тоҷикии он замон, ки дар маъхазҳои хаттӣ порсии дарӣ номида мешуд, асосан ҳамчун забони давлатӣ пазируфта шуд. Забони порсии дарӣ (тоҷикӣ) дар баробари забони назму наср будан, бидуни шак то дараҷае забони илм ҳам буд. Масалан, Шайхурраис Абуалии Сино аз 456 номгӯй асарҳои худ 23-тои онҳоро маҳз ба забони тоҷикӣ (порсии дарӣ), яъне забони модариаш таълиф кардааст. Абурайҳони Берунӣ аз 150 асараш 2-тоашро бо забони тоҷикӣ (порсии дарӣ) навиштааст. Илова бар ин, ҳар ду донишманди маъруф ҳам дар бораи истилоҳоти илмӣ ба забони тоҷикӣ саҳми босазо гузоштаанд, ки инро дар асарҳои

энсиклопедии онҳо «Донишнома» ва «Китоб-ут-тафҳим» мушоҳида кардан мумкин аст.

Бо вуҷуди он ки бисёре аз осори хаттии асримиёнагӣ бо забонҳои арабию тоҷикӣ (порсии дарӣ) то ба замони мо нарасидаанд ва ё ҳанӯз пайдо нашудаанд, метавон гуфт, ки дастовардҳо дар соҳаҳои адабиёт, таърих ва илми тоҷику форс дар асрҳои IX-X бузург буданд ва дар тамоми гӯшаю канорҳои Шарқи исломӣ паҳн гардиданд.

Дар арсаи илму маърифат ва таълиму тарбият донишмандони бузурге фаъолият бурда, дар таърихи илму фарҳанги миллию ҷаҳонӣ саҳми босазо гузоштаанд, ки зикри номи баъзе аз онҳоро ёдрас хоҳем намуд:

Абуабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммади Рӯдакӣ, маъруф ба Рӯдакӣ (858 – 941), асосгузори адабиёти классикии форс-тоҷик, ашъори безаволаш саросар аз ақидаҳои панду ахлоқӣ ва илмию таълимӣ буда, гуфтан мумкин аст, дар баробари шоир будан, яке аз донишманди бузурги форс-тоҷик низ ба шумор меравад.

Ҳаким Абулқосим Мансур Ҳасан Фирдавсӣ (934 – 1020), ҳамосасарои овозадори форс-тоҷик, муаллифи «Шоҳнома»-и безавол, ки ҳамаи достонҳояш дорои ақидаҳои панду ахлоқӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ ва илмӣ-маърифатӣ мебошанд.

Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ (899 – 959) муаррихи маъруфи форс-тоҷик, муаллифи китоби «Таърихи Бухоро» мебошад, ки он яке аз манбаъҳои арзишманди таърихӣ ба шумор рафта, воқеаҳои аз замони Хилофати араб то замони давлатдории Сомониёнро дар мегирад. «Таърихи Бухоро» аввалин бор тахминан солҳои 948-949 бо забони арабӣ навишта шуда, борҳо таҳриру бозбинӣ гардидааст.

Абуабдуллоҳ Муҳамммад ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ (ваф. 922) – ҷуғрофидони овозадори форс-тоҷик, вазири Насри II Сомонӣ (солҳои 914 - 922), муаллифи китоби «Ашкол-ул-олам» мебошад, ки он асари ҷуғрофиявии замони Сомониён буда, бо забони арабӣ эҷод гардидааст. Китоби «Ашкол-ул-олам» дар бораи вазъи ҷуғрофиявии табиию иқтисодии мамлакатҳои Шарқ маълумоти пурарзише медиҳад.

Абуалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Абулфазли Балъамӣ, писари Абулфазли Балъамӣ (ваф. 976), маъруф ба Амир Балъамӣ ва Балъамии кӯчак – муаррих ва ходими давлатӣ, вазири Абдумалики I Сомонӣ (954 – 961) ва Мансури I Сомонӣ (961 – 976), муаллифи тарҷумаи тоҷикӣ (порсии дарӣ)-и китоби Муҳаммад Ҷарири Табарӣ – «Таърихи Табарӣ» маҳсуб меёбад. Тарҷумаи китоби «Таърихи Табарӣ» бо унвони «Тарҷумаи Таърихи Табарӣ» ва «Таърихи Балъамӣ» машҳур гардидааст.

Абулфазл Муҳаммад ибни Убайдуллоҳ Балъамӣ (ваф. 940), маъруф ба «Балъамии Кабир», «Мир Абулфазл», «аш-Шайх ал-Ҷалил»[98] донишманд ва ходими давлатӣ, вазири Наср ибни Аҳмади Сомонӣ (914 – 943), барҷастаи даврон мебошад. Ӯ муаллифи китоби «Талқеҳ-ул-балоға»[100,с.48] ва «Китоб-ул-мақолот»[32] маҳсуб меёбад, ки онҳо мутаассифона то имрӯз ба мо нарасидаанд.

Риёзидон ва ҳайатшиноси тавонои тоҷику форс Аббос ибни Саъиди Ҷавҳарӣ, маъруф ба Аббоси Ҷавҳарӣ (асри IX), дар расадхонаи Шаммосияи Бағдод солҳои тулонӣ ба мушоҳидаи ҷирмҳои осмонӣ машғул шуда, дар рушду равнақи илми нуҷуми ҷаҳон саҳми беназире гузоштааст. Ба қавли муаррихони шаҳири Шӯравӣ Б.А. Розенфелд ва А.П. Юшкевич: «... кӯшиши аввалини исботи постулати V ба Аббос ибни Саъиди Ҷавҳарӣ тааллуқ дорад» [80]. Ӯ бахшида ба улуми нуҷум ва риёзиёт чунин асарҳо ба амсоли «Ислоҳи китоби Уқлидус», «Китоб ашкол мақолот-ал-аввал китоб Уқлидус», «Зиҷ», «Рисола фӣ маърифат бӯъд-аш-Шамсан-марказ-ал-арзӣ» навиштааст.

Риёзидони тавонои форс-тоҷик Абулфазл Абдулҳамид ибн Восеъ ибни Турк Хуталии Ҳосиб, маъруф ба Абдулҳамиди Хутталӣ (асри IX), ватани аслиаш Гелон буда, баъзан бо лақаби ал-Ҷилӣ (шакли таҳрифшудаи Гилӣ, яъне Гелонӣ) дучор меояд.

Риёзидон, ҷуғрофидон ва ҳайатшиноси овозадори форс-тоҷик Абдураҳмон ибни Умар Муҳаммад ибни Саҳли Розӣ, маъруф ба Абдурраҳмони Суфӣ (08.12.903 - 25.05.986), дар соли 964 Галактикаи Андромедаро мушоҳида намуда, дар асари машҳури хеш «Китаб сувару-л-кавакиб ас-собита» («Китоби тасвири ситораҳои собита») онро шарҳ дода, «латхаи саҳобӣ» номидааст. Муаррихони

илм рисолаи «Китаб суварӯ-л-кавакиб ас-собита»-ро «Шоҳасари ҳайатшиносии мушоҳидавии асрҳои миёна» номидаанд.

Мутафаккири барҷаста, нобиғаи овозадори тоҷику форс, Шайхурраис Абуалӣ Ҳусейн ибни Абдулло ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Синои Бухорои Балхӣ (тақрибан соли 980, деҳаи Афшонаи вилояти Бухоро – соли 1037, шаҳри Ҳамадон), машҳур ба Абуалӣ ибни Сино (Авитсенна) маъруф ба Абуалии Сино (Авитсенна), ки осори ӯ фарогири соҳаҳои мухталифи илм буда, бо забонҳои гуногуни ҷаҳон тарҷума гардидааст.

Ибни Сино дар рушди илмҳои табииётшиносӣ, риёзиёт, фалсафа ва мусиқӣ саҳми пурарзише гузоштааст.

Файласуф, ҳайатшинос, риёзидон, табиб, ҷуғрофидон ва адиби забардасти форс-тоҷик Абу Зайд Аҳмад ибни Саҳли Балхӣ (850-934), маъруф ба Абузайди Балхӣ - ҳамзамони Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ (15 сол бузург ба сол), ки бар радди баъзе ақидаҳояш Абубакри Розӣ таълифоти мушаххасе таълиф карда буд.

Табиатшинос, ҳайатшинос ва риёзидони номии форс-тоҷик Абулаббос Эроншаҳрии Нишопурӣ, мулаққаб ба Абулаббоси Эроншаҳрӣ (нимаи дуюми асри IX) мебошад, ки мутафаккири барҷаста Носири Хусрав дар рисолаи барҷастаи худ «Зод-ул-мусофирин» («Тӯшаи мусофирон») аз ӯ ёд карда, номгӯйи осорашро қайд намудааст. Гуфтааст, ки Эроншаҳрӣ ҳакими забардаст ва файласуфи маъруф низ буда, нисбат ба Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ ҳаққи устодӣ доштааст.

Табиатшинос, мусиқишинос, ҳайатшинос ва яке аз бузургтарин риёзидони асримиёнагии форс-тоҷик Абдулвафо Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Яҳё ибни Исмоил ибни Аббос Бузҷонии Нишопурӣ, маъруф ба Абулвафои Бузҷонӣ (940, Бузҷон – 998, Бағдод) мебошад, ки намунаи осораш дар китобхонаҳои Димишқ, Истамбул, Қоҳира, Лондон, Машҳад, Милан, Париж, Рампур, Теҳрон, Тошканд ва Флоренсия боқӣ мондаанд ва қисме аз онҳо аз тарафи муаррихони илм К.К. Броккелманн, Ф.Вёпке, Ж.Деламбр, Г.Зутер, Ҷ.Кенеди, А.К. Кубесов, А.П. Юшкевич, Г.П. Матвиевская, Б.А. Розенфелд, М.М. Рожанская, И.Г. Колчинский, А.А. Корсун, М.Г. Родригес, М.И. Медовой, М.Боқирӣ, А.Қурбонӣ, Ж.Ф. Бертран,

Э.Мунк, Ш.Э. Седийо, К.Шой, П.Кунитш, У.И.Каримов, Х.Ф. Абдуллозода, И.Ҳоҷиев, А.Ахмедов ва дигарон таҳқиқ шудаанд.

Риёзидон, файласуф ва илоҳиётшиноси асри X форс-тоҷик Абулқосим Абдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Маҳмуд Каъбии Балхӣ, маъруф ба Абулқосими Балхӣ (ваф. 931) мебошад. Ӯ котиб ва дабири баъзе аз умарои Сомониён буд. Машҳуртарин осори Абулқосими Балхӣ «ат-Тафсири кабир фӣ-л-Қуръон», «Ғурар ва ан-наводир», «Мақолот» мебошанд. Бояд гуфт, ки ин донишманди овозадор бо Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар баҳсу мунозараи илмӣ буда, дар бораи ақидаҳои илмии якдигар таълифоте низ ба мерос гузоштаанд, ки намунаи беҳтарини тақризи илмӣ ба шумор меравад.

Риёзидон ва ҳайатшиноси тавонои форс-тоҷик Абулҳасан Алӣ ибни Аҳмади Насавӣ, маъруф ба Абулҳасани Насавӣ (такр.970-1070), ки дар сарчашмаҳо бо номи Аҳмад ан-Насавӣ вомехӯрад. Ӯ муаллифи рисолаи «Китоб ал-ишбоъ фӣ шарҳ аш-шакл ал-қитъа» («Китоб дар бораи фаҳмондадиҳии шакли қитъаҳо»), «Рисола фӣ маърифат ат-тақвим ва-л-устурлоб» («Рисола дар бораи маърифати тақвим ва устурлоб» (асбоб барои муайян намудани вазъи ситораҳо;оинаи нуҷум)) ва Рисолаи«Ал-муқнӣ фӣ-л-ҳисоб ил- ҳиндӣ» («Мукаммал дар бораи ҳисоби ҳиндӣ») мебошад. Нусхаи арабии рисолаи «Ал-муқнӣ фӣ-л-ҳисоб ил- ҳиндӣ» дар китобхонаи Лейден маҳфуз буда, дар он дар хусуси амалҳо бо ададҳои бутун, касрӣ, касрҳои омехта ва ҳисоби шастӣ қайд гардидааст.

Риёзидон, ҳайатшинос ва ихтироъкори бузурги форс-тоҷик Абумаҳмуд Ҳомид ибни Хизри Хуҷандӣ, маъруф ба Абумаҳмуди Хуҷандӣ (такр.930, Хуҷанд-1000, Бағдод), ки 2 рисолаи риёзӣ ва 6 рисолаи ҳайатшиносии ӯ дар китобхонаҳои мухталифи ҷаҳон: Теҳрон, Оксфорд, Қоҳира, Париж ва Бейрут маҳфуз мондаанд. Ин донишманди маъруфи тоҷику форс замоне дар ватани Абубакри Розӣ – шаҳри Рай фаъолияти илмии риёзиву ҳайатшиносӣ доштааст, ки Абурайҳони Берунӣ дар он шаҳр бо ӯ вохӯрда, аз ӯ ҳамчун донишманди мумтоз ва ихтироъкори асбоби ҳайатшиносӣ, махсусан сохтани намудҳои гуногуни устурлоб ёд кардааст.

Энсиклопедисти овозадори форс-тоҷик Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад Берунии Хоразмӣ маъруф ба Абурайҳони Берунӣ (04.09.973, Кот – 13.12.1048,

Ғазна) дар пешрафти илмҳои замонааш, аз ҷумла дар инкишофи илми нуҷум, риёзӣ, ҷуғрофия ва маълумоти арзишманд оид ба минералогия, фармакология ва ғайраҳо саҳми назаррас гузоштааст. Абурайҳони Берунӣ аз зумраи он донишмандон ва муаррихоне ба шумор меравад, ки дар бораи ҳаёту фаъолияти илмии Абубакри Розӣ маълумоти ҷолибу дақиқеро баён карда, ҳатто дар ин бора рисолаи махсусе бо номи «Фиҳраст кутуб Муҳаммад бин Закариё ар-Розӣ» («Номгӯйи навиштори Муҳаммад писари Закариёи Розӣ») таълиф кардааст.

Риёзидон, ҳайатшинос ва табиатшиноси тавонои форс-тоҷик Абусаҳл Виҷон (Вайҷон) ибни Рустам Кӯҳии Табаристонӣ, маъруф ба Абусаҳли Кӯҳӣ (940 – 1000), ки дар инкишофу равнақи илмҳои ҳайатшиносӣ ва табииётшиносии замонаашсаҳми пурарзише гузоштааст.

Риёзидон, файласуф ва ҳайатшиноси барҷастаи асри X форс-тоҷик Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасан Хозинии Хуросонӣ, маъруф ба Абуҷаъфари Хозин (900-971), ки дар сарчашмаҳо асосан бо номи ал-Хāзин ал-Хурāсанӣ вомехӯрад. Дар таърихи илм осори ӯ бо номи «Китоб зиҷ-ис-сафоиҳ»(«Китоби зиҷи сатҳҳо») ва «Китоб-ул-масоил-ил-ададия»(«Китоби масъалаҳои ҳисоб») машҳур аст.

Донишмандони овозадори асри IX форс-тоҷик, бародарон Муҳаммад, Аҳмад ва Ҳасан писарони Мӯсо ибни Шокири Хуросонӣ, маъруф ба Бану Мӯсо. Бану Мӯсо дар инкишофи илмҳои табиатшиносӣ, риёзӣ, нуҷум, илми ҳийал (механика) ва назарияи мусиқӣ саҳми арзанда гузоштаанд ва аз ин хотир, мутафаккири барҷаста Абурайҳони Берунӣ дар «Осору-л-боқия» («Ёдгори мондагор»)-и худ онҳоро аз нодирони асри худ меҳисобад. Намунаи осорашон дар китобхонаҳои Теҳрон, Машҳад, Санкт-Петербург, Флоренсия, Бомбай, Табрез ва Истамбул дар боқӣ мондаанд.

Илоҳиётшинос ва ситорашиноси асримиёнагии форсу тоҷик Абуалӣ Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳасан ибни Башири Ҳаким Тирмизӣ (859-932), ки дар маъхазҳо бо номи ал-Ҳаким Тирмизӣ вомехӯрад, муаллифи рисолаҳои «Солнома» ва «Наврӯзнома» мебошад. Донишманд ин рисолаҳоро бо забони форсӣ-тоҷикӣ таълиф намудааст, ки дар китобхонаҳои Душанбе, Бухоро,Тошканд

ва Санкт-Петербург маҳфузанд. Донишманди шаҳири Тирмизӣ бо донишманди дигари форсу тоҷик, яке аз шаш муҳаддиси маъруф Абу Исо Муҳаммад ибни Исои Тирмизӣ (824-892) ҳамшаҳр буда, дар дар яке аз шаҳрҳои бостонии тоҷикӣ – Тирмиз фаъолият кардааст.

Энсиклопедисти овозадори форс-тоҷик Абунаср Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Узлаг ибни Тархун ал-Форобӣ, маъруф ба Муҳаммади Форобӣ. (870 – 950), ки аз ҷумла ба илмҳои риёзӣ ва табиатшиносӣ саҳми сазоворе гузоштааст.Ӯро баъд аз Арастуи юнонӣ, ки муқаллаб бо унвони «муаллими аввал» буд, лақаби «муаллими сонӣ» - ро додаанд. Аз Муҳаммади Форобӣ бо забони порсии дарӣ (тоҷикӣ) ду рубоӣ сурудааш боқӣ мондаанд, ки мазмуни фалсафӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ дошта, чунинанд:

«Асрори вуҷуд хому нопухта бимонд,
В-он гавҳари бас шариф носуфта бимонд.
Ҳар кас ба далели ақл чизе гуфтанд,
Он нукта, ки асл буд, ногуфта бимонд» [49, с.3].

***

«Эй он ки шумо пири ҷавондидоред,
Азрақпӯшони ин куҳандеворед.
Тифле зи шумо дар бари мо маҳбус аст,
Ӯро ба халос ҳиммате бигморед» [49, с.20].

Риёзидон ва ситорашиноси барҷастаи садаи IX-X тоҷику форс Абу Довуд Сулаймон ибни Исмоили Самарқандӣ, ки маъруф ба Сулаймони Самарқандӣ мебошад, дар Самарқанд таваллуд шуда, фаъолияти илмиаш дар Балх гузаштааст.

Риёзидон, ситорашинос ва табиидони намоёни асримиёнагии форс-тоҷик Абулаббос Фазл ибни Хотими Найризӣ, маъруф ба Фазли Найризӣ (865 – 922), ки ҳамсоли Абубакр Маҳаммад Закариёи Розӣ буда, 3 сол пештар аз ӯ фавтидааст, дар Найриз наздикии Шероз таваллуд шуда, фаъолияти илмиаш асосан дар Бағдод гузаштааст. Эҳтимол дар як вақт бо Абубакри Розӣ дар Бағдод буда бошад. Дар Аврупои Ғарбӣ бо номи Anaritius шинохта шудааст. Дар баъзе сарчашмаҳо (Ҳоҷӣ Халифа) ба ҷойи «ан-Найризӣ» иштибоҳан «ат-Табризӣ» омадааст.

Риёзидони асримиёнагии форс-тоҷик Абу Барза ал-Фазл ибни Муҳаммад ибни Восеъ ал-Хутталӣ, маъруф ба Фазли Хутталӣ (асри IX-X), ҷияни риёзидони машҳури Хатлонӣ – Абдулҳамиди Хутталӣ мебошад. Ибни Надим ду рисолаи риёзии Фазли Хутталиро бо номи «Китаб ал-муамилат» («Китоб дар бораи муомилот») ва «Китаб ал-мисаха» («Китоб доир ба ченкуниҳо» қайд намудааст.

Риёзидон ва ситорашиноси шаҳири асримиёнагии форсу тоҷик Абулҳасан Кушиёр ибни Лаббон ибни Бошаҳрии Гелонӣ, бо лақаби ал-Ҷилӣ (970 – 1030) мебошад, ки яке аз чеҳраҳои барҷастаи таърихи илми ҳандасаву мусалласот дар замони салтанати Сомониён маҳсуб меёбад.

Риёзидони асримиёнагии тоҷик Абулҳаҷҷоҷ Юсуф ибни Аҳмади Нишопурӣ, маъруф ба Юсуфи Нишопурӣ (асри X), ки дар сарчашмаҳо бо шакли навишти арабии ан-Найсабурӣ вомехӯрад.

Риёзидони шинохтаи асримиёнагии форс-тоҷик Абуюсуф Яъқуб ибни Муҳаммади Розӣ, маъруф ба Яъқуби Розӣ (асри X), ҳамшаҳри Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ буда, ба монанди ӯ дар Райи Хуросон таваллуд шуда, дар Бағдод фаъолият намудааст.

Қобили тазаккур аст, ки дар таърихи тамаддуни тоҷик садҳо олимони табииётшинос ва ҷомеашинос, ки дар таърихи илм мақоми хоса доранд, зиндагӣ кардаанд ва яке аз онҳо Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ мебошад, ки ҳаёт ва фаъолияти ӯ дар параграфи махсус мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Замони ҳукумати Сомониён ба давраи гулгулшукуфии таърихи тамаддуни халқи тоҷик рост меояд, ки ин замонро ҳатто замони эҳё ҳам номидаанд. Дар ин замон натанҳо шеъру шоирӣ, ҳикоёту достоннависӣ ва фалсафаву пизишкӣ дар авҷи тараққиёт буданд, балки дар баробари ин, тамоми соҳаҳои илмҳои риёзиву табиатшиносӣ низ дар инкишофу такомули ҷаҳоншумулӣ қарор доштанд.

Як нуктаи ҷолиби фаъолияти донишмандони олами ислом аз он иборат буд, ки онҳо новобаста аз фаъолияти касбии худ ба тарбияву таълими насли наврас аҳамияти хосса медоданд ва ҳатто шеърҳои шоирон пур аз ақидаҳои тарбивию ахлоқӣ ба шумор меравад.

Бояд гуфт, ки дар маҷмуъ замони зиндагӣ ва фаъолияти Абубакр Муҳаммад Закариёи Розиро, новобаста аз баъзе ҳаводиси дохилии рӯзгор пурра муҳити мусоид ба таълифоту таҳқиқот ва давраи рушду илму фарҳанг номидан мумкин аст.

Дар замони ҳаёт ва фаъолияти Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ, ки аз 10-солагӣ то охири умраш пурра ба даврони салтанати Сомониён (819 – 999) рост меояд, яке аз даврони мусоидтарини ривоҷу равнаќи ҳаёти моддӣ ва маънавӣ, хосатан ташаккул ва инкишофи илму техника барои Хуросону Мовароуннаҳр ба ҳисоб мерафт. Мавҷудияти давлати тоҷикии Сомониён, ки фарогири кишварҳои имрӯзаи Эрон, Афғонистон, Покистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва қисмати ҷанубии Қазоқистон буд, барои пешравии илму фарҳанги минтақа шароити мусоидро созгор гардонида буд.

Ҳамин тавр, бо эътимоди комил метавон гуфт, ки муҳити ҳаёту фаъолияти Муҳаммад Закариёи Розӣ яке давраҳои бисёр мусоид барои ташаккул ва рушду нумуи илму фарҳанг ва умуман пешрафти ҳаёти моддиву маънавии ҷомеа дар таърихи тамаддуни тоҷикон ба ҳисоб меравад.

**Хулосаи боби I**

Азбаски давраи тулонитарин ва аз як лиҳоз, пурмаҳсулу шинохтатарин дар таърихи халқи тоҷик ҳамчун давлат ба сохти феодалӣ рост меояд, омӯзиши ин давраи дуру дарози тараққиёти иҷтимоию сиёсию иқтисодии кишвар яке аз вазифахои муҳимтарини таърихнигории тоҷик маҳсуб мегардад.

Дар давраи таҳқиқ сулолаҳои маҳаллии Хуросону Мовароуннаҳр (Фарорӯд) тавонистанд, ки ба элитаи феодалӣ ва оммаи ашроф, ки аз сиёсати андоз ва динии халифаҳои араб норозӣ буданд, такя карда, истиқлолияти худро эълон кунанд. Мардуми бумии Хуросон ва Мовароуннаҳр тақрибан пас аз дусад соли мубориза алайҳи ҳукмронии арабҳо дар шакли давлатҳои маҳаллии Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён истиқлолият ба даст оварданд, ки ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва илмию фарҳангӣ аз тамоми минтақаҳо таъсири ҳалкунанда расонд.

Давраи мавриди омӯзиши диссертатсияи мазкур дар таърихи халқи тоҷик давраи хеле муҳим аст, зеро маҳз дар ҳамин давра монархияи ягонаи феодалӣ

ташкил ва инкишоф ёфта, дар охири ҳамин давра ба ҳокимияти он зарари моддие расонд. Дар ин давраи таърихӣ ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр ба дараҷаи нашъунамои бемислу монанд расид.

Дар боби аввали диссертатсия вазъияти илмиву фарҳангӣ ва сиёсиву иҷтимоии Хуросону Мовароуннаҳр ҳамчун ватани бумии Муҳаммад Закариёи Розӣ дар асрҳои миёна ва муҳити илмию фарҳангии замони Абубакри Розӣ мухтасаран ва мушаххасан мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Маънии вожаҳои Хуросон ва Хуросони бузург (Хуросони кабир) аз лиҳози ҷуғрофиёи таърихӣ, маънии мафҳуми  Мовароуннаҳр (Фарорӯд, Варазрӯд) ва муҳимаш мазмуни вожаҳои Осиёи Миёна, Осиёи Марказӣ, Осиёи сағир, Осиёи ҷанубӣ ва ғайра низ дар боби аввали диссертатсия мавриди таҳлил қарор гирифта, собит гардидааст, ки истифодаи истилоҳи Осиёи Марказӣ ба ҷойи Осиёи Миёна аз лиҳози ҷуғрофиёӣ ғалат аст. Ва ин ғалатӣ натанҳо иллати тасодуфан, балки амдан ҳам роҳ ёфтааст, ки бо решаҳои сиёсии сиёсати фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ пайвастагӣ дорад. Зеро тибқи муқаррароти ЮНЕСКО Осиёи Марказӣ фарогири минтақаҳои Муғулистон, шимолу ғарби Чин (Шинҷон, Тибет, Муғулистони дохилӣ, Синхай, қисмати ғарбии Сичуан ва шимолии Гансу), Қазоқистон, чаҳор ҷумҳурии собиқ шӯравии Осиёи Миёна (Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон), Афғонистон, шимолу ғарбии Ҳиндустон, шимолу шарқии Эрон, шимолии Покистон ва ҳамчунин ноҳияҳои осиёии Русия (қисмати ҷанубии Тайга) дохил мешаванд. Аз ин рӯ, ва бо дарназардошта он, ки ватани бумии тоҷикон ва ниёгони онҳо маҳз Осиёи Миёна ва Афғонистону шимолу шарқии Эрон маҳсуб мешаванд, мо дар мавриди Мовароуннаҳри вожаи арабӣ ҳамоно Фарорӯдро дар назар доштаем.

Хулоса, дар Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои IX-X, ки пурра ҳаёт ва фаъолияти Абубакри Розӣ дар он давра сипарӣ шудааст, вазъи илму фарҳанг дар сатҳи баланд буд.

# БОБИ 2. ОСОР ВА ТАҲҚИҚОТИ МЕРОСИ ИЛМИИ АБУБАКРИ РОЗӢ

## 2.1. Мухтасари ҳаёт ва фаъолияти илмии Абубакри Розӣ

Акнун кӯшиш мекунем, дар асоси сарчашмаҳо ва пажӯҳишоти номбаршуда маълумотномаи шарҳиҳолиеро дар бораи Муҳаммад Закариёи Розӣ баён созем. Қабл аз маълумоти шарҳиҳолии ӯ як нуктаи муҳиммеро қайд намудан ба маврид аст. Дар асрҳои миёна ва дунёи қадим кам ва хеле кам донишмандонеро ёдрас шудан мумкин аст, ки худашон тарҷумаи ҳоли худашонро навишта ба ёдгор гузошта бошанд. Масалан, нобиғаи оламшумули тоҷик Шарафулмулк Бӯалии Сино чунин корро анҷом дода буд, ки хушбахтона то замони мо расидааст. Вақте пажӯҳишгаре дар бораи донишманде чизе менависад, арзишмандтар ва саҳеҳтару боэътимодтар маълумот нисбат ба маълумоти худи донишманд гуфта наметавонад. Муҳаққиқи тавонои ӯзбекистонӣ, арабшинос ва кимиёдони шинохта, розишиноси маъруф У.И. Каримов қайд мекунад, ки гӯё «...худи Муҳаммад Закариёи Розӣ ҳам тарҷумаи ҳоли худашро навиштааст, вале мутаассифона, то замони мо нарасидааст» [46]. Агар ин маълумотро ба назар бигирем, аз ниёгони асримиёнагии мо Муҳаммад Закариёи Розӣ қабл аз Абуалии Сино зиндагиномаи худро навиштааст, ки дар таърихи илм аввалин ба шумор меравад. Аз ин сабаб рӯ меорем ба ахбори сарчашмаҳои мавҷуда ва боқимонда то рӯзгори мо ва маълумоти пажӯҳишгарони дар боло қайдшуда таъйид гардад.

Бино бар маълумоти сарчашмаҳои муътамад Абубакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ дар таърихи якуми моҳи шаъбони соли 251 ҳиҷрии қамарӣ, мутобиқ ба солшумории григорянии Масеҳӣ 28 августи соли 865 дар шаҳри Райи Хуросон, Эрони кунунӣ дида ба ҷаҳони ҳастӣ кушодааст. Номи аслии ӯ Муҳаммад буда, Абубакр кунияташ ва Закариё номи падараш ва Яҳё номи бобояш мебошад. Розӣ ифодакунандаи зодгоҳаш, яъне шаҳри Рай аст. Одатан дар забони порсии дарӣ (тоҷикӣ) касе, ки дар Рай таваллуд шудааст, Розӣ мегӯянд, на Райӣ, дар Марв – Марвазӣ, Сиҷистон – Сиҷизӣ, дар Бухоро – Бухорӣ ва боқӣ Самарқанд – Самарқандӣ, Хуҷанд – Хуҷандӣ, Нишопур – Нишопурӣ ва ғайра.

Шаҳри Рай, ки ҳоло аслан дар навиштаҷот ёдаш мекунанд, дар асрҳои миёнаи замони Закариёи Розӣ яке аз бузургтарин шаҳрҳои Хуросон маҳсуб

мегардид. Аз ҷиҳати қадимият ҳам, шаҳри Рай яке аз кӯҳантарин шаҳри Эронзамин маҳсуб мегардад, ки таърихи беш аз 2500 сола дорад. Бинобар нигоштаи муаррихон, ин шаҳр ҳанӯз дар асри VI пеш аз милод шукуфоӣ дошта, номи ин шаҳр дар навиштаҳои Ҳахоманишиён чун – Рага (Raga) ва дар навиштаҳои юнониёни қадим чун Рагес (Ρα’γηζ) ёд шудааст. Дар қадим ин шаҳр яке аз марказҳои Мадия ва минбаъд Ҳахоманишиён ва Сосониён низ ба ҳисоб мерафт.

Дар нимаи дуюми асри X, дар поёни умри Муҳаммад Закариёи Розӣ ва даҳсолаҳои аввали пас аз марги ӯ Рай дар тамоми Ховари Миёна ва Наздик бузургтарин шаҳр буда, бинобар маълумоти ҷуғрофидони маъруф ал-Истахрӣ, ин шаҳр аз ҷиҳати сохтмонҳои мусоиди зиндагонӣ ва аҳолӣ баъд аз Нишопур дуюмин шаҳр ҳисоб меёфт. Зинданигоҳдорандаи ин шаҳри таърихӣ ва бостонӣ як силсила бузургмардоне ба шумор мераванд, ки дар обу хоки он парвариш ёфта буданд ва Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ, Абуҳотами Розӣ, Муҳаммад ибни Умари Фахриддини Розӣ, Шамси Қайси Розӣ ва дигарон аз зумраи ҳамин абармардонанд.

Ана дар ҳамин шаҳри овозадор Муҳаммад Закариёи Розӣ таваллуд ёфта, аввали солҳои ҷавониашро дар он гузаронидааст. Аз ҷавонӣ ӯ ба касби заргарӣ шуғл дошта, некӯ ӯд ҳам менавохтааст. Баъзе аз муҳаққиқони осори Муҳаммад Закариёи Розӣ бар он қоиланд, ки: «... ӯ дар овони ҷавониаш ба ғайр аз заргарӣ ва ӯднавозӣ ба шеъру шоирӣ иштиёқи зиёд дошта, шеър ҳам мегуфтааст ва мусиқӣ ҳам менавохтааст» [46]. Вақте ки Муҳаммад Закариёи Розӣ ба касби заргарӣ машғул буд, диққати ӯро ногузир илми кимиё ба худ ҷалб кардааст. Аз ин хотир, ӯ барои васеъ кардани ҷаҳонбинии худ ба дигар илмҳои табииётшиносиву риёзӣ ва фалсафа рӯ меоварад. Як нуктаи ҷолиб боиси таъкид аст, ки Муҳаммад Закариёи Розӣ баъди аз худ кардани ҳамаи илмҳои замонааш баъд ба илми тиб машғул шудааст, ки дар он ҳангом 30 сол доштааст. Ва маълуми ҳамагон аст, ки ӯ дар ҷаҳон пеш ва беш аз ҳама ҳамчун табиби ҳозиқ маъруфият касб кардааст. Дар ҳамин мавзуъ аз Абуалии Сино ёдовар мешавем, ки Шайхурраис ҳам баъди аз худ

кардани тамоми илмҳои замонааш охирон баъдан ба ба омӯзишу пажӯҳиши илми пизишкӣ машғул шуда буд ва тавонист, ки дар ҷаҳон “лақаби падари тиб”-ро дар баробари Буқрот (Гиппократ) касб кунад. Шояд ин кор шавқеро дар дили бархе аз ҷавонони муосире, ки дар туфулият орзуи табиб шудан доштанду бинобар дохил шуда натавонистан ба Донишгоҳҳои тиббӣ бедор кунад ва нагузорад, ки дар синни 20-25 солагӣ, ки ҳанӯз айёми илмомӯзӣ аст руҳафтода шаванд.

Дар бораи оғози шавқу завқ ва рағбати Муҳаммад Закариёи Розӣ ба илми пизишкӣ донишманди маъруфи эронӣ Маҳдии Муҳаққиқ бар асоси маълумоти андӯхтааш аз Насириддини Муншии Яздӣ [142] чунин ҳикоят кардааст: «Абубакр Закариёи Розӣ дар ибтидо ба касби заргарӣ ва саррофӣ машғул буд ва сипас ба илми кимиё рӯй овард. Дар натиҷаи таъсири буғу дудҳои кимёӣ ва наздикӣ ба оташ, ки дар ҷараёни кор рух медод, чашмони ӯ дардманд шуданд. «... ӯ барои ин ки дарди чашми худро дармон кунад назди куҳоле (чашмпизишк) рафт, куҳол барои дармони ӯ понсад динор аз ӯ дархост кард ва ӯ ночор шуд, ки бипардозад, сипас бо худ гуфт: «... Кимиёи воқеӣ илми тиб аст, на он ки ту бад-он машғулӣ» ва сипас аз он аз илми кимиё дурӣ ҷуст ва ба илми тиб пардохт» [142, с. 5]. Дар ниҳояти кор яке аз чаҳор табиби бузурги ҷаҳонӣ дар радифи Буқрот (Гиппократ), Ҷолинус (Гален) ва Абуалӣ ибни Сино (Авиценна) қарор гирифт. Дар ин хусус, донишманди шинохта Муҳаммади Наҷмободӣ мавқеи Закариёи Розиро дар соҳаи тиб хеле бузург шуморида, чунин қайд кардааст: «...Розӣ, тақрибан, аввалин табибест, ки худро аз қайди бисёре аз ақоиди ду устод – Буқроту Ҷолинус раҳо намуда ва аз муаллимини худ ҷудо шудааст, бад-ин маънӣ, он чи ки дар озмоиш саҳеҳ ба назар мерасида интихоб ва он чи ки дар амал носавоб буда, рад намудааст» [31, с.14].

Муҳаммад Закариёи Розӣ аз ҷавонӣ то охири умр ба китобхонию донишандӯзӣ саъю кӯшиши беандоза дошта, замоне, ки аз таълиму табобат фароғат меёфт, ба навиштану китобхонӣ машғул мешудааст. Ӯ дар маҳфилҳои илмии донишмандони замонааш ширкат намуда, баҳсу мунозирот менамудааст. Ин маълумотро дар рисолаи «Сирати фалсафӣ» чунин нигоштааст: «...Алоқаи ман ба дониш ва ҳирсу иҷтиҳодеро, ки дар андӯхтани он доштаам, онон, ки муошири

ман будаанд, медонанд ва дидаанд, ки чигуна аз айёми ҷавонӣ то кунун умри худро вақфи он кардаам, то он ҷо, ки агар чунин иттифоқ меафтод, ки китоберо нахонда ва ё донишмандеро мулоқот накарда будам, то аз ин кор фароғат намеёфтам, ба амри дигар намепардохтам. Ва агар ҳам дар ин марҳала зарари азим дар пеш буд, то он китобро намехондам ва аз он донишманд истифода намекардам, аз пой наменишастам» [31, с. 4]

Забони таълифоту таснифоти Муҳаммад Закариёи Розӣ забони илмии асримиёнагии кишварҳои исломӣ, яъне арабӣ буда, худаш парвардаи фарҳанги порсии дарӣ (тоҷикӣ) ва зодаи яке аз шаҳрҳои маъруфи Эрон - Рай мебошад. Эҳтимол меравад, ки забони юнонии қадимро низ медонистааст. Албатта, барои дилхоҳ донишманди воқеӣ дар ҳама давру замон донистани як забон кофӣ нест. Зеро барои омӯзиши амиқу дақиқи соҳаҳои гуногуни дониш барои донишмандон донистани забонҳои дигар, ғайр аз забони модарӣ шарт ва зарур мебошад. Беҳуда нагуфтаанд, ки « Забон донӣ, ҷаҳон донӣ » ва ҳикмати зарбулмасали мазкур аз он иборат аст, ки муҳаққиқон бо донистани забонҳои гуногун аз асрори илму фанни мардумони қабл аз худ огоҳ мегарданд. Возеҳ аст, ки ҳар гуна кашфиёти ихтироот бар мабнои донишҳои пешин ва ё ҳамгироии соҳаҳои гуногуни дониш ба амал меоянд.

Гарчанде ки Муҳаммад Закариёи Розӣ ягон асареро аз забони юнонӣ ба забони арабӣ нагардондааст, (то ҷое, ки ба мо маълум аст), аммо пажӯҳишгари шинохтаи осори ӯ табиб, тарҷумон ва муаррихи тибби Эрон - Маҳмуди Наҷмободӣ муътақид аст, ки Муҳаммад Закариёи Розӣ забони юнониро медонистааст. Бар далели гумони худ ӯ чунин қайд мекунад, ки: «...Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар охири дастнависи яке аз рисолаҳои тиббиаш «Китаб аш-шукук ала Ҷолинус» («كتاب الشكوک على جالينوس») мазмуни истилоҳоти тиббии юнониро шарҳ додааст» [46, с.207]. Дарвоқеъ, шахсе ки забони дигарро намефаҳмаду намедонад, ҳеҷ гоҳ бо он забон наменависад ва ҳаргиз калимаву иборaҳоро шарҳ намедиҳад.

Ҳарчанде фаъолияти илмиву эҷодии Муҳамммад Закариёи Розӣ асосан дар Рай ва Бағдод гузаштааст, ӯ бо донишмандони Бухороӣ робитаи хуб доштааст.

Маълумоти тарҷумаиҳолӣ дар бораи Муҳаммад Закариёи Розӣ то замони мо хеле кам боқӣ мондааст, ҳарчанд ки худи ӯ ҳолномаашро гӯё навишта буд. Бинобар маълумоти андӯхтаи донишмандоне чун Маҳдии Муҳаққиқ,Убайдулло Исроилович Каримов ва Мӯсо Диноршоев, гӯё Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ худаш ҳолномаи худро навиштаасту мутаассифона, то замони мо нарасидааст. Дар айни замон нахустин ҳолномаи донишманд дар таърихи илм мутааллиқ ба қалами худаш ин ҳолномаи Шайхурраис Буалии Сино ба шумор меравад.

Бинобар маълумоти сарчашмаҳои муътамад Абубакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ дар таърихи якуми моҳи шаъбони соли 251 ҳиҷрии қамарӣ, мутобиқ ба 10 шаҳревар (баробар ба 10 сунбула)-и соли 244 ҳиҷрии шамсӣ дар шаҳри Рай дида ба ҷаҳони ҳастӣ кушодааст. Бояд гуфт, ки он муҳаққиқони муосир, ки зодрӯзи Муҳаммад Закариёи Розиро 28 августи соли 865 григорянӣ қаламдод кардаанд, нодуруст мебошад. Пас ин иштибоҳ аз куҷо роҳ ёфтааст? Донишманди олмонӣ Юлиус Руска вақте санаи таваллуду вафоти Муҳаммад Закариёи Розиро бар асоси сарчашмаҳои таърихӣ аз тақвими ҳиҷрии қамарӣ ба солшумории муосир баргардонда, онро 28 августи соли 865 нишон додааст, боқӣ тамоми муҳаққиқон, аз ҷумла розишиносони маъруф ба монанди Убайдулло Каримов, Мӯсо Диноршоев ҳам ҳамин санаи 28 августи 865-ро рӯзи таваллуди ӯ тибқи солшумории григорянӣ қаламдод кардаанд, ки пажӯҳишгарони оянда ба монанди Сабоҳат Ҳайдарова, Баҳром Қурбонов ва дигарон низ таваллуди ӯро иштибоҳан 28.08.865 григорянӣ нишон додаанд. Баёни ин нуктаи аслӣ ба ҳеҷ ваҷҳ маънии сарзаниши иштибоҳоти амдан ё тасодуфани муҳаққиқони соҳибэҳтиром нест. Зеро баъзан донишмандон бо боварӣ ба яке аз нишондодҳо такя карда, баъзе санаҳои таърихиро такроран таъкид мекунанд. Мутаассифона, чунин иштибоҳот дар расонаҳои интернетӣ ҳам сабт гардидааст... Акнун ки хостем ба омӯзиши ҳаёту фаъолияти ӯ амиқтару фарохтар кор гирем, маълум гашт, ки санаи 28.08.865 ин бинобар солшумории юлианӣ будааст, на григорянӣ ва вақте онро ба солшумории григорянии мавриди истифодаи имрӯза бармегардонем, маълум мешавад, ки якуми шаъбони 251 ҳиҷрии қамарӣ ба 31 август ё 01 сентябри соли 865 григорянӣ (вобаста аз соати таваллуд) баробар

мешавад. Вобаста аз вақти таваллуд ба он хотир, ки ивазшавии рӯз тибқи солшумории григорянӣ ва юлианӣ аз соати 24 оғоз мешавад, вале тибқи солшумории ҳиҷрии қамарӣ тағйири рӯз аз вақти шом (вобаста аз фасли сол) ибтидо мегирад. Яъне агар таваллуди ӯ то вақти шоми рӯзи якуми шаъбони соли 251 ҳиҷрии қамарӣ иттифоқ афтода бошад, пас ба 31 августи 865 рост меояд ва агар баъди шом бошад, пас ба 01 сентябр рост меояд. Санаи вафоташ низ бад-ин минвол тибқи солшумории григорянӣ на 25, балки 30 октябри соли 925 мебошад.

Бояд гуфт, ки аз муҳаққиқони Розишинос - Абдулҳай Комилӣ низ чунин иштибоҳро дарёфта, дар навиштаҳои охиронаш санаи дурусти таваллуду вафоти Муҳаммад Закариёи Розиро нишон додааст.

Ҳоло санаи таваллуду вафоти ин бузургмарди дунёи илму фарҳангро, ки рӯзгору осораш тақдиран пурмоҷаро будааст, тибқи солшумории ҳиҷрии қамарӣ, ҳиҷрии шамсӣ, григорянӣ, юлианӣ, зардуштӣ ва яҳудӣ бо тақриботи чанд соат дар ҷадвали 2.2.1. нишон хоҳем дод.

**Ҷадвали 2.2.1. - Рӯзи ба дунё омадан ва фавти Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ мутобиқи солшумориҳои мухталиф***

| *Санаи таваллуди Абубакр Муҳаммад писари Закариё писари Яҳёи Розӣ тибқи солшумориҳои гуногуни зерин* | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳиҷрии қамарӣ | Ҳиҷрии шамсӣ | Григорянӣ | Юлианӣ | Зардуштӣ | Яхудӣ |
| 01 шаъбон соли 251 | 11 мурдод (сунбула) соли 234 | 31 август (01сентябр) соли 865 | 27/28 августи соли 865 | 05 амурдод (Amərətətātō) соли 1254 | 02 элул соли 4625 |
| *Санаи вафоти Абубакр Муҳаммад писари Закариё писари Яҳёи Розӣ тибқи солшумориҳои гуногуни зерин* | | | | | |
| Ҳиҷрии қамарӣ | Ҳиҷрии шамсӣ | Григорянӣ | Юлианӣ | Зардуштӣ | Яхудӣ |
| 05 шаъбон соли 313 | 25 меҳр (ақраб) соли 294 | 30/31 октябри соли 925 | 25/26 октябри соли 925 | 19 митра (Miθrahe) соли 1314 | 04 хешван соли 4686 |

*Манбаъ: Комилӣ, А.Ш. Зиндагиномаи Муҳаммад Закариёи Розӣ / А. Комилӣ. – Душанбе: СИЭМТ, 2016. - 64 с.

Лаҳзаҳои охири ҳаёти Муҳаммад Закариёи Розиро бо охирин лаҳзаҳои ҳаёти яке аз риёзидонони маъруфи асри XVIII-и швейтсариягӣ ва россиягӣ Леонард Эйлер (1707 – 1783) муқоиса карда, илмдӯстӣ ва ташнаи дониш будани онҳоро ҳамчун ибрат барои насли наврас баён хоҳем кард. Қаблан дар бораи «даҳрият»

(«атеистмаобӣ»)-и Муҳаммад Закариёи Розӣ гуфтани як нуктаи ҷолиб бамаврид ва ҳикматпазир хоҳад буд. Ҳанӯз аз замони зиндагиаш Муҳаммад Закариёи Розиро ба «бединӣ», «мулҳидӣ», «атеистмаобӣ» ва «бидъат» таъна мекарданд. Ҳарчанд ва воқеан ки ӯ яке аз барҷастатарин намояндагони фалсафаи «асҳоби ҳаюло» ба шумор меравад, вале Худоро инкор накардааст ва дар қоилияти панҷгонааш ҳамешагии Худо чунон тасдиқу эътироф карда мешавад, ки тамоми динҳои тавҳидӣ абадияти Ӯро чунон эътироф кардаанд. Илова бар ин, аз номгӯйи осори ӯ ба хубӣ ҳадс зада мешавад ва мантиқан натиҷабардорӣ карда мешавад, ки Муҳаммад Закариёи Розӣ ба ҳеҷ ваҷҳ Худоро инкор накардааст.

Дар радди ақидаи онҳое, ки Абубакр Муҳаммад Закариёи Розиро ба илҳод туҳмат мезаданд, ин ҷо овардани номи чанде аз осори илоҳиётшиносии ӯ кофист, то туҳматномаи эшон ботил шуда бошад:

1. كتاب في ان للانسان خالقاً متقناُ حكيماُ – «Китоб андар ин ки инсонро Халлоқи Ҳакиму Комиле ҳаст».

2. في وجوب دعوة النبي على من نقر بالنبوات – «Андар зарурати даъвати пайғамбар алайҳи онҳое, ки нубувватро дашном мекунанд».

3. في الامامة و المؤتم – «Андар имомон ва имомат».

4. في الامامة – «Андар имомат».

5. في الامامة على الكيال – «Андар имомат алорағми ал-Кийёл».

6. في النبوات و يدعى نقض الاديان – «Китоб андар пайғамбарие, ки «лағви адён» мекунад».

7. في حيل المتنبين و يدعى مخاريق الانبيا – «Андар ҳияли пайғамбарони дурӯғин, ки «пайғамбартарош» номида мешаванд».

Танҳо аз унвони ин таълифот бо возеҳият бармеояд, ки Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ бар панҷгонаи қоилияташ ба Халлоқи Ҳакиму Комил, замони мутлақу макони мутлақ ва ҳайуло комилан муътақид будааст. Ва ҳамчунин аз мутолиаи номи ин осор алайҳи ин ақидаи ботил, ки гӯё Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ пайғамбариро эътироф намекард, бармеояд, ки ӯ маҳз пайғамбарони козибро эътироф намекард. Дар ҳама давру замон мардуми сустаносире ёфт мешаванд, ки бинобар заифии имон ва адами дониш бар андак

сеҳру ҷоду (гипноз) ва ё ҳиллаҳои мардумфиребонае гаравида, онҳоро муқаддас эълом медоранд ва ҳатто дар радифи пайғамбарон ҷой медиҳанд, ки саҳафоти таърихи инсоният аз зуҳури чунин «муъҷизот» моломол аст...

Ва чунон ки бо суҳулат мушоҳада шуд, Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ воқеан ҳам ин рукни тавҳидро на танҳо инкор накардааст, балки баръакс, ҳақиқати онро бо далоили зиёд, ки ҳар кадом ба манзалаи китоби воҳидест, собит намудааст.

Дар ҳаёт, дар рӯзгори одамони наҷиб баъзе монандиҳои аҷиб ба чашм мерасад. Ҳоло поёни умри Муҳаммад Закариёи Розӣ ва Леонард Эйлерро қиёс хоҳем кард.

Дар нимаи дувуми асри IX ва чаҳоряки аввали асри X ҷомеулулуми бузурги форс-тоҷик Абубакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ (865 – 925) ва дар асри XVIII донишманди дараҷаи аввали замони хеш Леонард Эйлер (1707 – 1783) рӯзгори пурмоҷарое ва монанде доштанд. Закариёи Розӣ масалан, дар илми тиб натанҳо дар замонаш, балки то ҳоло аз чаҳор табиби маъруфи олам сеюм (якум Буқрот, дуюм Ҷолинус ва чаҳорум Бӯалии Сино) ҳисобида мешавад. Дар илми кимиё яке аз асосгузорони илми кимиё қаламдод шудааст, дар физика асосгузори физикаи амалии форс-тоҷик ва дар фалсафа, яке аз файласуфони бузурги инсоният ҳисоб мешавад, ки дар кимиёву физикаву фалсафа донишманди қадри аввали замонааш буд. Бо бисёре аз донишмандони замони худ дар баҳсу мунозара, ба забони илмии имрӯза дар танқиду тақриз буд. Муҳаммад Закариёи Розӣ дар поёни умраш, бинобар нишондоди сарчашмаҳо бо сабабҳои хондан ва навиштани зиёд, дар натиҷаи истифодаи барзиёди боқило, аз сабаби бар болои чашмаш афтидани китоб (китобро ба боло монда хонда хоб мекардааст, то мабодо хобаш барад китоб афтода бедораш кунад ва хонданро идома диҳад) комилан кӯр мешавад. Боқии асарҳояшро бо чашмони шогирдонаш мехондаасту бо дасти эшон китобҳои лозимаро менавиштааст. Дар хондану навиштан ба ӯ бештар аз ҳама яке аз шогирдонаш, ки аз Табаристон ба зиёраташ ба шаҳри Рай омада буд (монанде, ки Николай Фусс ба зиёрати Эйлер аз Базел ба Петербург омада буд), ёрӣ медодааст.

Роҷеъ ба саволи шогирдони содиқаш, ки шояд чашмонаш ба ҷарроҳӣ ниёз дошта бошанд ва онҳо омодаи табобати чашмони устодашон ҳастанд, чунин посух медиҳад, ки: «...Мурғи аҷал бар қасди ҷонаш парвоз кардааст ва намеарзад, ки дар поёни умраш худро дучори ранҷу шиканҷа гардонад». Ва бад-ин минвол бо чашмони шогирдон хондану бо дасти онҳо навиштани афкораш ӯро қонеъ мекард.

Дар ниҳояти кор, баъд аз нобино гардиданаш, Муҳаммад Закариёи Розӣ роҷеъ ба саволи душманонаш, ки нобиноии чашмонаш, ки гӯё нодурустии ақоидаш мебошад, чунин посух медиҳад, ки: «...Чашмони ман нобино нашудаанд, балки аз дидани дидори шумо хаста шудаанд!»

Ҳоло мухтасари поёни кори бузургтарин риёзидони асри XIX, ба қавли Пер-Симон Лаплас (1749-1827), устоди ҳамаи риёзидонони нимаи дуюми асри XIX – Леонард Эйлерро ба ёд меорем. Дар соли 1771 дар ҳаёти Леонард Эйлер 2 ҳолати нохушӣ рӯй дод. Моҳи май дар Санкт-Петербург, дар он мавзее, ки Эйлер зиндагӣ дошт, сӯхтори бузурге ба амал омад, ки дар натиҷа хонаи ӯ бо ашёаш сӯхт. Хушбахтии олим дар он буд, ки каме пештар аз ҳодисаи сӯхтор ба хонаи ӯ косибе бо номи Пётр Гримм аз ватанаш Базел ба меҳмонӣ омада буд ва Эйлерро маҳз ҳамин Пётр бо ранҷу азобе аз марги сӯхтор наҷот дод. Боз хушбахтии дигари олим дар он буд, ки қариб ҳамаи дастхатҳояш ҳам аз сӯхтор эмин монданд. Охирҳои тобистон Эйлер ба бемории шадиди чашм гирифтор шуд, ки сентябри ҳамон сол чашмпизишки машҳури олмонӣ Вентсел, ки низ ба Петербург омада буд, чашми чапи ӯро ҷарроҳӣ кард. Пас аз ҷарроҳӣ чашмони Эйлер боз хуб медиданд, вале табиб ӯро муддати мадиде аз хондану навиштан ва ҳатто аз рӯшноиро нигоҳ кардан манъ карда буд, то ки чашмонаш оҳиста-оҳиста барқарор гарданд. Аммо олими беқарор нахондану нанавиштан наметавонист ва ӯ зуд ба корҳои илмиаш машғул шуд, ки дар натиҷа, ин дафъа, чашмонаш тамоман кӯр шуданд. Леонард Эйлер фаъолияти илмии боқии умрашро ба воситаи чашму гӯши шогирдону мухлисон ва дӯстону меҳмононаш давом медодааст. Вобаста ба ин, донишманди шинохтаи тоҷик А.Комилӣ чунин қайд намудааст: «...Дар ин кор, хусусан, дар соли 1773 бо тавсияи Даниил (Дониёл) Бернулли яке аз шогирдони ӯ, ки бо номи Николаус Фусс (Николай Иванович) низ аз Базел ба Санкт-Петербург

омада буд, ёрии бемисл мерасонд. Сафари Николаус Фусс ба Петербург барои Леонард Эйлер бахти калон буд. Дар давоми 10 соли охири ҳаёташ (то дами марг) Эйлер бо чашмони Николаус Фусс мехонду бо дасти ӯ менавишт. Ҳар саҳар Фусс барои Леонард Эйлер аввал рӯзномаҳои нав ва мактуботи ирсолшударо мехонду баъд баъзан мақолоти риёзиро. Боз Фусс қайду эродҳои Эйлерро гӯш мекарду бо супориши устодаш баъди 2-3 рӯз ислоҳшудаашро оварда қироат мекард» [51].

Ин буд шаммае аз вопасин лаҳзаҳои умри ду тан аз донишмандони маъруфи олам Муҳаммад Закариёи Розӣ ва Леонард Эйлер.

Аз ин рӯ, ин донишманди бузурги арсаи ҷаҳонӣ ҳатто то вопасин лаҳзаҳои умраш аз хондану навиштан бознамонда, бо чашмони шогирдон мехонду бо дастони онҳо менавишт, ки пур аз панду сабақ ва намунаҳои ибратбор барои ҷавонони пажӯҳишгар аст.

Ҳамин тавр, Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ аз овони наврасию ҷавонӣ ба омӯзиши донишҳои мавҷудаи замонааш рағбати бузург дошта, ба қавле шеър низ мегуфтааст ва некӯ ӯд менавохтааст. Дар ибтидо пешаи заргарӣ ва тиҷоратро интихоб карда, ба хотири аз мис тилло сохтан, ки яке аз масъалаи асосии тамоми кимиёгарони дунёи қадим ва асрҳои миёна буд, ба омӯзиши илми кимиё шуғли бисёр касб кардааст.

Бинобар маълумоти сарчашмаҳои мавҷуда ва пажӯҳишоти арзанда ӯ бо сабаби таҷрибаҳои гуногун ва зиёди кимиёӣ гирифтори дарди чашм мегардад ва барои табобат назди куҳоле (пизишкчашме) меравад ва табиб барои давои чашми ӯ 500 динор талаб мекунад. Аз ҳамон рӯз ба баъд Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ ба худ андешидааст, ки илми воқеӣ – илми тиб будааст ва ба омӯзишу пажӯҳиши он ҷиддӣ машғул шудааст. Бояд гуфт, ки то оғози омӯзиши илми тиб ӯ аз тамоми соҳаҳои дониши замонааш ба таври вофӣ огаҳӣ дошта, охирон илме, ки омӯхтааст, илми тиб будааст ва билохила дар илми тиб мақомеро сазовор гардидааст, ки дар миёни чаҳор табиби оламшумули инсоният мақоми хосаеро касб кардааст.

Як нуктаи дигарро таъкид кардан лозим аст, ки Шайхурраис Абуалии Сино ҳам баъд аз омӯхтани ҳамаи донишҳои замонааш охирон ба омӯзиши илми тиб

даст зада, илми тибро осон баён кардааст. Албатта, ба назари мо, ҳар нафаре, ки тамоми донишҳои мавҷудаи замонааш, ба хусус донишҳои кимиёӣ (химия), зистшиносӣ (биология), табиӣ (физика) ва ҳатто риёзиёту дигар илмҳоро ба пуррагӣ аз худ мекунад, барояш илми тиб осон менамояд, вагарна бидуни донистани донишҳои номрафта, ба ҳеҷ ваҷҳ илми тибро омӯхтан мумкин нест.

Дар охири зербоби мазкур лозим донистем намунаҳое аз тасвири хаёлии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ, ки ҳар рассом ба таври худ тасвир кардааст, чун ҳақиқати ҳол маълум нест, нишон диҳем.

Бояд гуфт, ки расми тамоми бузургмардони дунёи қадим ва асрҳои миёна тасвири хаёлии рассомони замонҳои гуногун ба шумор меравад. Зеро маълум буд, ки дар даврони қадим ва ҳатто ибтидои асрҳои миёна дастгоҳи расмбардорӣ вуҷуд надошт. Аммо тасвири хаёлии бузургмардони таърих асосан дугуна рӯйи кор омадаанд. Яке ин ки рассомони моҳир дар асоси сарчашмаҳои боқимондаи таърихӣ, ки сифатҳои зоҳирии ин ва ё он ашхоси таърихиро, хушбахтона, сабт намудаанд, кӯшиш кардаанд, ки ҳада-л-имкон расмкашӣ намоянд.

Масалан, дар бораи Шайхурраис Абуалии Сино ба ғайр аз он ки бо супориши Маҳмуди Ғазнавӣ барои дастгир кардани ӯ чеҳраи зоҳирии Шайхурраис паҳн карда шуда буд, иловатан маълумоти фолклорӣ ҳам боқӣ мондааст, бад-ин мазмун. Одат будааст, ки беморон одатан дар сари роҳи Шайхурраис Абуалии Сино менишастаанд ва ӯ ҳангоми аз назди беморон гузаштанаш ба ҳар яки онҳо маслиҳатҳои шифоҳӣ ба истеъмоли дору ва ғизо медодааст. Гоҳо ба баъзе беморон чизе нагуфта, сӯйи бемори дигар мерафтааст. Чунин хомӯшона аз назди бемор гузаштани Шайхурраис ба ду мазмун будааст, ки яке ба хотири душворпайдокунии даво аз ҷониби бемор ва тарси бемор аз бемориаш, ки ин ҳам, албатта, мазмуни равонӣ дорад. Ба ҳамин мазмун ба ёд меорем ҳодисаи нӯшидани шири заҳрдорро аз ҷониби беморе, ки давояш ба захри мор вобаста будааст. Сабаби дигари аз назди бархе аз «беморон» хомӯш гузаштани Шайхурраис ин будааст, ки ҳамон «беморон» аслан бемор набуда, танҳо барои дидани чеҳраи Бӯалии Сино сари роҳи ӯ менишастаанд. Ва бино бар ривоёти мавҷуда Бӯалии Сино аз се ҷиҳат нодири замонааш будааст: нерӯйи зеҳнӣ (хираду дониш); нерӯйи

боҳ ва чеҳраи зебо. Аз ин ҷо хулоса мешавад, ки баъзе аз тасвирҳои ғайризебои Бӯалии Сино ба ӯ аслан иртиботе надошта, танҳо тахайули рассом ва ё ҳайкалтарошони гуногун, ки гоҳо ҷанбаи фармоишӣ дорад, ба шумор мераваду халос.

Дар бораи Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ ҳамчунин ҳар гуна расми рассомон тахаюли рассомии онҳост. Тасвирҳои Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ ба хотири посдошти эҳтироми хотираи некаш ва инчунин муҷассамаи ӯ дар радифи 3 нафари дигар аз донишмандони бузурги форс-тоҷик Абуалии Сино, Абурайҳони Берунӣ ва Умари Хайём, ки дар қароргоҳи СММ воқеъ аст, дар сафҳаҳои гуногуни сомонаҳои байналмилалӣ дарҷ гардидаанд.

## 2.2. Марҳалаҳои таҳқиқи рӯзгору осори Абубакри Розӣ

Бояд гуфт, ки кору пайкор ва рӯзгору афкори донишмандони пешин маъмулан дар марҳалаҳои гуногун омӯхта мешаванд. Фаъолияти илмии баъзе донишмандон ҳанӯз аз замони зиндагиашон диққати муҳаққиқони зиёдеро ба худ ҷалб мекунад. Аммо осору афкори бархе аз донишмандон дар замони зиндагиашон норӯшан боқӣ монда, бо гузашти солҳо аз ҷониби муаррихони мутахассис маълум карда мешаванд.

Осору афкори Муҳаммад Закариёи Розӣ ҳанӯз аз замони зиндагиаш натанҳо диққати ҷомеаи илмии замонаашро ба худ ҷалб карда буд ва ҳатто мавзуи баҳси шадиди дигарон низ қарор гирифта буд. Марҳалаҳои омӯзишу пажӯҳиши кору рӯзгор ва фаъолияти илмии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розиро метавон дар чанд марҳала раддабандӣ кард, ки инак ҳазору дусад сол (12 аср!) аст мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор дорад. Вале аз ҳама муҳим ду марҳалаи асосӣ мебошад, ки яке омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои мавҷуда роҷеъ ба зиндагинома ва корномаи ӯ ва дигаре баррасии таълифоту таснифоти муҳаққиқони гуногун дар ин бора ба шумор меравад.

Таҳқиқи зиндагиномаву фаъолияти илмии Муҳаммад Закариёи Розиро дар асоси чанд сарчашмаи муътамад ва пажӯҳишоти муҳаққиқине, зикрашон ёдовар мешавад, баррасӣ кардан лозим аст. Маълумоти ҷудогона дар бораи ӯ дар сарчашмаҳои гуногун боқӣ мондаанд, ки муаллифони онҳоро аз рӯйи замони

зиндагиашон ёдовар хоҳем шуд: Ибни Надим, Абурайҳони Берунӣ, Носири Хусрав, Байҳақӣ, Ибни Қифтӣ, Ибни Аби Усайбиа, Ибни Халликон, Фахриддини Розӣ, Носириддини Муншӣ, Абдураҳмони Хозинӣ ва шояд дигарон ҳам бошанд, ки камина ҳамчун муаллифи диссертатсияи мазкур аз он огаҳӣ надошта бошам. Аз ин рӯ, ба маълумоти он донишмандоне иктифо хоҳам кард, ки дар вақти омӯзиши осори Муҳаммад Закариёи Розӣ дар ҷараёни таълиму тадрис дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо онҳо сари кор доштаам. Ва баъд аз сарчашмаҳои муътамад ба якчанд таҳқиқоти пажӯҳишгарони муосири хориҷию ватанӣ роҷеъ ба ҳаёту фаъолияти Муҳаммад Закариёи Розӣ қаноат хоҳем кард, ки таҳқиқоташон воқеан илмист.

Воқеан, вобаста ба ҳаёту фаъолияти Муҳаммад Закариёи Розӣ таълифоту таснифот зиёд буда, баъзе аз онҳо бештар ҷанбаи талфифӣ дошта, фақат бозгӯйи дигар таълифот мебошанд. Он сарчашмаҳое, ки маълумоташон эътимодбахш асту боиси интихоби кори диссертатсионии мазкур гардидааст, чунинанд.

1. Ибни Надим (909-999) – муаллифи асари машҳуре бо номи «Фиҳраст ал-улум» мебошад, ки онро барои осонии кор муҳаққиқон мухтасаран «Ал-Фиҳрист» меноманд. «Ал-Фиҳрист» як навъ асари ба истилоҳ энсиклопедие мебошад, ки дар бораи илм ва олимони чаҳор асри аввали ислом маълумот медиҳад. Номи пурраи муаллифи ин асар – Абулфараҷ Муҳаммад ибни Исҳоқ ибни Муҳаммад ибни Исҳоқи Надим мебошад. Ин асар ба забони арабӣ навишта шуда, дар ҳамин забони асл дар замони муосир се маротиба: дар Қоҳира, дар Теҳрон ва дар Лейпсиг нашр гардидааст. Инчунин тарҷумаи комили форсии он чоп шудааст. Эҳтимол дигар чопҳояш вуҷуд дошта бошад, вале агар сад бор нашр шавад, ҳам маълумот тағйир намеёбад ва ба мо маълумоти он заруртар аст. Бояд гуфт, ки аз ҷониби муҳаққиқи рус В.В. Полосин таҳқиқоти ҷолибе дар бораи асари мазкур (на тарҷумаи он) бо забони русӣ низ рӯйи чоп омадааст. Вобаста ба омӯзиши ҳаёту фаъолияти Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ «Ал-Феҳрист» қадимтарин сарчашма маҳсуб меёбад, чунки муаллифи он ҳамагӣ баъди 65 соли марги Муҳаммад Закариёи Розӣ фавтидааст ва ин асари ҷовидонаи худро 3 сол пеш аз марги худ ба анҷом расонидааст. Аз ин ҳисоб «Ал-Фиҳрист» баъди 62 соли марги

Муҳаммад Закариёи Розӣ таълиф гардидааст. «Ал-Фиҳрист», бидуни шак, яке аз арзишмандтарин сарчашмаи қадима барои пажӯҳишгарони олами ислом маҳсуб мегардад.

2. Абурайҳони Берунӣ (973-1048). Дуюмин сарчашмаи қадима дар бораи Муҳаммад Закариёи Розӣ ин рисолаи донишманди маъруфи тоҷик Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Берунӣ аст, ки дар таърихи илм бо номи «Рисолат фи фиҳрист кутуб Муҳаммад бин Закарийа ар-Розӣ» таълиф гардидааст Номи пурраи донишманд Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Берунии Косии Хоразмӣ мебошад. Бино бар маълумоти Маҳмуди Наҷмободӣ рисолаи Берунӣ «...дар таърихи илм аввалин асари шарҳиҳолӣ мебошад, ки як донишманд махсус дар бораи донишманди дигар эҷод кардааст» [57]. Ин рисола дар асри XX соли 1936 дар Париж аз тарафи шарқшиноси маъруфи яҳудиасоси олмонӣ Паул Краус дубора ба забони асл нашр гардида буд [105] ва хушбахтона нусхаи ин сарчашмаи нодир дар китобхонаи давлатии Русия (собиқ китобхонаи ба номи В.И. Ленин) нигаҳдорӣ мешавад. Нусхаи ҳамин сарчашмаи нодир дар китобхонаҳои шахсии донишмандони тоҷикистонӣ устодон Мӯсо Диноршоев ва Абдулҳай Комилӣ низ вуҷуд дорад. Дар ҳамин рисола санаи дақиқи таваллуд ва марги Муҳаммад Закариёи Розӣ дарҷ гардидааст. Аксари пажӯҳишгарони ҳаёту фаъолияти Муҳаммад Закариёи Розӣ, рисолаи зикршудаи Беруниро муҳимтарин ва саҳеҳтарин сарчашма меҳисобанд. Худи Берунӣ ҳам дар бисёр масъалаҳои илмӣ тарафдор ва пайрави Муҳаммад Закариёи Розӣ буда, шояд ба хотири эҳтироми ӯ дар поёни рисолааш баъди рӯйхати осори Муҳаммад Закариёи Розӣ рӯйхати осори худашро низ собит намудааст. Аз ин рӯ, яке аз паҳлӯҳои муҳимми омӯзиши осори Муҳаммад Закариёи Розӣ, махсусан осори табиию риёзии ӯ дар он аст, ки ба шарофати рисолаи фавқуззикри Абурайҳони Берунӣ то замони мо пурра боқӣ мондааст ва ин рисола натанҳо барои Розишиносон, балки барои Берунишиносон низ аҳамияти муҳимми илмӣ ва таърихӣ дорад, ки дар он Муҳаммад Закариёи Розӣ ба ҳайси яке аз устодони Берунӣ шинохта шудааст.

3. Абуалии Сино (980-1037) – нобиғаи овозадори тоҷик. Номи пуррааш Абуалӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Алӣ ибни Синои Балхии Бухорӣ, ки ҳарчанд

дар бораи Муҳаммад Закариёи Розӣ рисолаи алоҳида ненавиштааст, вале дар муҳокимарониҳояш аз ӯ ёдовар шуда, бад-ин минвол мавқеъ ва саҳми ӯро дар таърихи илм муайян намудааст. Масалан, Абуалии Сино дар бораи Муҳаммад Закариёи Розӣ ба илова андешаҳои пизишкиаш махсусан дар мукотибаи илмиаш бо Абурайҳони Берунӣ дар бораи «Китоби самоъи»-и Арасту, ки дар осори мунтахабаш шомили «Донишнома»-аш гардидааст, ёдоварӣ кардааст. Масалан, дар ҷавоби саволи дуюми Берунӣ баъд аз ташреҳи савол, ки мақсади Арасту аз чи иборат буд, идома дода иброз доштааст, ки: «... ё магар ту ин ақидаро аз Муҳаммад писари Закариё гирифтай, ки ӯ ...» [33].

4. Носири Хусрав (1004-1088) – нависандаи барҷаста, файласуфи тавоно, шоири нуктасанҷ ва сайёҳи маъруфи тоҷик. Номи пурааш Абумуиниддин Носир ибни Хусрави Қубодиёнии Балхии Марвазӣ мебошад. Гарчанде Носири Хусрав бахшида ба Закариёи Розӣ рисолае ҳам ненавишта бошад, аммо дар ду асари машҳури худ «Ҷомеъ-ул-Ҳикматайн» («Дарбаргирандаи ду ҳикмат») [72] ва «Зод-ул-мусофирин» («Тӯшаи роҳравон») [71] роҷеъ ба афкори фалсафии ӯ ёдрас намудааст. Ҷавҳари фалсафаи назарияи дониш (гносеология)-ро аз назари Носири Хусрав дар асоси «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн» чунин дарёфтан мумкин аст: Худо; ақли кул; руҳи кул; ҳайуло; чаҳор унсур (обу хоку боду оташ). Ва ба ёд меорем, ки асоси фалсафаи назарияи дониш аз назари Муҳаммад Закариёи Розӣ ҳамчун барҷастатарин намоянда асҳоби ҳайуло ва эътиқодмандони назарияи панҷгона чунинанд: Худо; руҳи мутлақ; ҳайулои мутлақ (мабдат-ул-аввал – нахустмодда); фазои мутлақ; макони мутлақ. Аз ин ҷиҳат ва ба он сабабе, ки Носири Хусрав худ ҳам шоир ва ҳам файласуфи тавоно ва риёзидони шинохтаи замони худ буд, нигоштаҳояш нисбати Муҳаммад Закариёи Розӣ маълумоти боэътимоде ба шумор хоҳад рафт. Дар ҳамин асно бояд гуфт, ки риёзиёти Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ натанҳо дар таърихи илму техникаи ҷаҳонӣ, балки дар таърихи илму техникаи ватанӣ на дар Тоҷикистон ва на дар Афғонистону Эрон ҳанӯз мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

5. Байҳақӣ (1105-1169) – муаллифи сарчашмаи машҳури асримиёнагӣ бо унвони «Татиммат сивон ал-ҳикма» мебошад. Ин сарчашмаи муҳим дар соли 1160

таълиф гардидааст. Номи пурраи муаллифи асар Алӣ ибни Абулқосим Зайди Байҳақӣ мебошад. «...Матни интиқодии «Татиммат сивон ал-ҳикма» бо шарҳи форсии он соли 1935 дар Лоҳур аз тарафи Муҳаммад Шафиъ нашр шудааст» [11]. Як нуктаи ҷолибро таъкид кардан ба маврид аст, ки агарчанде Байҳақӣ дар миёни муаррихону мусташриқон бештар ҳамчун талфифгар эътироф гардидааст, вале ин асари талфии ӯ маълумоти нодиреро дар бораи донишмандони пешин фарогир аст, ки баъзан асли сарчашмаҳо то замони мо нарасидаанд ва ё то ҳанӯз макшуф нашудаанд.

Дар «Татиммат сивон ал-ҳикма»-и Абулқосим Зайди Байҳақӣ баъзе маълумот дар бораи овони ҷавонии Муҳаммад Закариёи Розӣ аз асари Ибни Надим «ал-Фиҳрист» ва Абурайҳони Берунӣ «Рисолат фи фиҳрист кутуб Муҳаммад бин Закарийа ар-Розӣ» талфифгарона собит гардидааст, ки албатта аз аҳамияти илмию таърихӣ холӣ нест. Бояд гуфт, ки пажӯҳишгарони кору рӯзгори Муҳаммад Закариёи Розӣ «Татиммат сивон ал-ҳикма»-и Байҳақиро хеле кам истифода кардаанд, ки шояд ба хотири талфифияти он бошад. «Яке аз шинохтатарин пажӯҳишгари осори Муҳаммад Закариёи Розӣ академик У.И. Каримов дар китоби хеле арзишманди худ «Неизвестное сочинение ар-Рази Книги тайны тайн» ҳамагӣ ду маротиба ба дастхати «Татиммат сивон ал-ҳикма» иқтибос кардааст, ки таҳти рақами № 1148 дар китобхонаи Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Узбекистон маҳфуз аст» [46].

6. Ибни Қифтӣ (1172-1248) – муаллифи асари муътабаре бо номи «Китоб ихбор ал-уламо би ахбор ал-ҳукамо». Номи пуррааш Ҷамолиддин Абулҳасан Алӣ ибни Юсуф ибни Иброҳим Шайбонии Қифтӣ зодаи Қифт (Коптос) мебошад, ки дар қисмати болооби Миср воқеъ аст. Фаъолияти Ибни Қифтӣ асосан дар шаҳрҳои Қоҳира (Миср), Байтулмуқаддас (Исроил) ва Ҳалаб (Сурия) гузаштааст ва ӯ муддате вазири салтанате дар Ҳалаб низ ба шумор мерафт. Ибни Қифтӣ асари номрафтаашро соли 1200 тасниф кардааст ва ҳангоми забт кардани шаҳри Ҳалаб аз тарафи муғулон, баъди 20 соли марги муаллиф нусхаи аслии китоби ӯ гум шуда буд. «Танҳо шакли мухтасари аз тарафи ал-Зузанӣ тартибдодашудаи он соли 1903 дар Лейпсиги кишвари Олмон рӯйи нашрро дидааст» [106]. «Китоб ихбор ал-

уламо би ахбор ал-ҳукамо»-ӯ яке аз сарчашмаҳои муҳимест, барои омӯзиши зиндагӣ ва фаъолияти Муҳаммад Закариёи Розӣ, ки муҳақиқону муаррихон аз он бештар истифода менамоянд.

7. Ибни Аби Усайбиа (1203-1270). Муаррих, табиб ва дорушиноси номдори замони хеш буда, номи пуррааш Муваффақиддин Абулаббос Аҳмад ибни Қосим ибни Аби Усайбиа ибни Халифа ибни Юнус ас-Саъдӣ ал-Хоразмӣ мебошад. Ҳатто ӯро «…аввалин муаррихи тиб дар Шарқи Наздик» [85] номидаанд. Ибн Аби Усайбиа дар бемористонҳои Қоҳира ва Димишқ фаъолият намудааст. Асари пурарзиши дучилдаи ӯ, ки «Уйун ал-анбо фи-табақот ал-атиббо» ном дорад, барои омӯзиши ҳаёту фаъолияти Муҳаммад Закариёи Розӣ ва махсусан таърихи тиб яке аз сарчашмаҳои муътамаде ба ҳисоб меравад. Ибни Аби Усайбиа «Уйун ал-анбо фи-табақот ал-атиббо»-ро соли 1242 навиштааст, ки он дар асрҳои миёна бо забони лотинӣ тарҷума шудааст.

8. Ибни Халликон (1211-1282). Муаллифи асари арзишманд бо номи «Китаб вафайат ал-аъйн ва анба абна аз-заман» («Китоби (дар бораи) марги(шахсони) маъруф ва маълумот (дар бораи) фарзандони замон Китоби дар бораи) марги (шахсони) маъруф ва маълумот (дар бораи) фарзандони замон») ба шумор меравад, ки онро тақрибан солҳои 1256-1274 дар Қоҳира таълиф намудааст. Номи пурраи ӯ Шамсиддин Абулаббос Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Абубакр ибни Халликон ал-Бармакӣ ал-Ибрилӣ аш-Шафиъӣ мебошад.

Шарқшиноси барҷаста, донишманди тавоно ва ҳақиқатнигори замони шуравӣ Ю.Н. Завадовский муътақид бар он буд, ки: «...асари Ибни Халликан таҳрири мухтасари асари Байҳақӣ буда, асари Ибни Аби Усайбиа таҳрири махтасари асари Ибни Қифтӣ ба шумор меравад» [29]. Қобили тазаккур аст, ки: «...рисолаи Ибни Халликан якчанд маротиба нашр гардида, ҳатто ба забони англисӣ ҳам тарҷума шудааст» [109].

9. Абдураҳмони Хозинӣ (асри XII)**.** Абулфатҳ Абдураҳмон Мансури Хозинии Марвазӣ файласуф, риёзидон, ситорашинос, кимиёдон ва табиидони барҷастаи асримиёнагии олами ислом маҳсуб меёбад. Ин марди бузурги аслан юнониасли румӣ (византиягӣ) дар ибтидо ғуломи Абулҳусайн Алӣ ибни Муҳаммад Хазинии

Марвазӣ ном хазинадори дарбори султон Санҷар буд ва дини исломро пазируфта, лақаби Хазинӣ (ал-Хазинӣ)-ро бад-ин сабаб ба номи хонаводагиаш пазируфт ва ба дарбори султон роҳ ёфт ва тақрибан 15 соли ҳаёту фаъолияташро (1115-1131) дар дарбори султон Санҷар сипарӣ намудааст. Замоне, ки Ҳуҷҷатулҳақ Умари Хайём дар Марв чанд муддат мезист, Абдураҳмон Мансури Хозинӣ бо ӯ ошноии наздик пайдо карда, баъдан яке аз беҳтарин шогирдони Ҳаким Умари Хайём дар илми табиӣ пас аз Абулҳошим Музаффари Исфизорӣ маҳсуб меёфт. Ӯ зиндагӣ ва фаъолияташро дар шаҳри бостонии Марви Хуросон (воқеъ дар ҳудуди Туркманистони имрӯза) гузаронидааст. Абдураҳмони Хозинӣ дар баробари физикдон, ҳандасадон ва ҳайатшиноси барҷаста буданаш зиндагии фақирона ва сӯфиёнаи ҳикматбореро пешаи худ қарор дода буд ва дар хӯроку пӯшок ба андозаи ҳаддалақал кифоят мекард ва аз ҳар гуна туҳфаю мукофот дасткашӣ мекард, ки яке аз воқеаҳои рӯзгораш чунин аст. Боре султон Санҷар ба ӯ ба ивази зиҷҷи тартибдодааш, ки ба султон бахшида шуда буду дар таърихи илм бо номи «Зиҷҷи Санҷарӣ» ёд мешавад, ҳазор динор мефиристад. Абдураҳмони Хозинӣ баъд аз миннатдорӣ аз қабули он қадар маблағи калон даст мекашад ва иброз медорад, ки ҳанӯз 10 динор дорад ва масрафи харҷи яксолааш 3 динорро ташкил медиҳад, дар хонааш каси дигаре зиндагӣ намекунад, ба ғайр аз як гурба, аз ин рӯ ин маблағи калон бар нафъи ӯ нахоҳад буд. Аз ин ҷо бармеояд, ки ӯ зану фарзанд надошта (ақалан дар ҳамон замон) кунияти Абулфатҳро назариявӣ ба худ пазируфтааст ва ё ба ӯ илқо кардаанд.

Воқеан, аз Абдураҳмони Хозинӣ ғайр аз асари «Зиҷҷи Санҷарӣ» ва «Рисола фи-л-олот» асаре бо унвони «Мизон-ул-ҳикма»(«Тарозуи ҳикмат») боқӣ мондааст, ки маҳз тавассути ҳамин асар рисолаи физикии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ бо унвони «Мизон-ут-табиийа» («Тарозуи физикӣ») то замони мо расидааст. Ӯ дар вақти таълифи асари худ «Мизон-ул-ҳикма» аз осори пешгузаштагони худ, хусусан аз Муҳаммад Закариёи Розӣ, Абурайҳон Муҳаммади Берунӣ, Ҳуҷҷат-ул-ҳақ Умари Хайём фаровон истифода бурда, чун рамзи эҳтиром рисолаи «Мизон-ут-табиийа»-и Муҳаммад Закариёи Розиро дар дохили рисолаи худ пурра ҷой додааст.

Абдураҳмони Хозинӣ дар бораи Муҳаммад Закариёи Розӣ маълумоти ҷолибу нодире собит намудааст [65, с.336].

10. Фахриддини Розӣ (1149-1209). Яке аз донишмандони машҳур ва ҳамшаҳрии Абубакри Розӣ буда, номи пурааш Абу Абдулло Муҳаммад ибни Умар ибни Хатиб ал-Ҳусайн ат-Тайми ал-Бакрӣ ат-Табаристонӣ Фахриддин ар-Розӣ мебошад. Фахриддини Розӣ низ ба монанди Муҳаммад Закариёи Розӣ 60 сол умр дида, байни таваллуду вафоташон шонздаҳ сол кам се аср (284) фарқият вуҷуд дорад. Ӯ дар шаҳри Райи Хуросон ба дунё омада, соли 1209 дар шаҳри Ҳироти Хуросон (Афғонистони кунунӣ) вафот кардааст. Азбаски падараш хатиби шаҳри Рай буд, дар исми пурраaш калимаи «Ибн ал-Хатиб» илқо шудааст. Фахриддини Розӣ намояндаи барҷастаи ҷараёни каломи ашъария ба шумор меравад ва бештари умр дар дарбори салтанати Ғуриён ва Хоразмшоҳиён хизмат кардааст. Бо намояндагони мутазаллитиҳо, ҳанбалиҳо, исмоилиён ва қарматиён баҳсу мунозараҳо анҷом додааст. Ӯ муаллифи тафсири маъруф ва нотамоме бо номи «Мафотиҳ ал-ғайб» мебошад, ки дар ҷавоби тафсири мутазаллити машҳур Абулқосим Маҳмуд ибни Умари Замахшаҳрӣ (18.03.1075 - 12.06.1144) навишта шудааст. Аз осори маъруфи ӯ «Мафотиҳ ал-ғайб», «Асос ат-тақдис фи илм ал-калом», «Ҷомеъ ал-улум», «Чаҳордаҳ рисола», «Ал-мубоҳис аш-шарқия», «Лубоб ал-ишорат», «Муҳассал афкор ал-мутақаддимин ва-л-мутаахирин» ва ғайра боқӣ мондаанд.

Аз пажӯҳишгарони муосири осору афкори Муҳаммад Закариёи Розӣ, ба тадқиқоти онҳое қаноат хоҳем кард, ки онҳо сазовори эътирофу эътимоди умум гардидаанд ва инҳоанд:

11. Маҳмуд Наҷмободӣ (1282ҳ./1904м.-1379 ш./2001м.) – яке аз машҳуртарин табиб, тарҷумон, нависанда, рӯзноманигор, устоди донишгоҳӣ ва муаррихи тибби Эрони муосир ба шумор меравад. Ба қалами ӯ бештар аз 145 таълифот (дар маҷмуъ китоб ва мақолот) дар бораи тибби муосир ва таърихи тибб мутааллиқ аст. Маҳмуд Наҷмободӣ баъд аз хатми бомуваффақияти донишгоҳи тиббӣ дар бемористон фаъолияти амалӣ бурда, ҳамзамон дар донишгоҳ дарс мегуфт. Маҳмуд Наҷмободӣ аз овони ҷавонӣ ба тиб ва таърихи тиб шуғл варзида, дар тули

умри пурбаракоти худ асосан ба омӯзиши осори пизишкии Муҳаммад Закариёи Розӣ ва Абуалии Сино – ду тан аз бузургтарин табибони арсаи ҷаҳонӣ, ки мояи ифтихори тоҷикон ва эрониён мебошанд, машғул будааст. Китобҳои зерини ӯ хонандагону мухлисони зиёде пайдо карда, номи Маҳмуд Наҷмободиро дар таърихи илми пизишкӣ ҷовидона гардонидаанд: «Муқаддима бар тибби исломӣ», «Таърихи тибби Эрон», «Феҳрасти китобҳои чопии форсии тиббӣ», «Муаллафот ва мусаннафоти Муҳаммад Закариёи Розӣ» [57], «Усули беҳдошт», «Обила ва сурхак» (тарҷума), «Ойини пизишкӣ ё Пандномаи Аҳвозӣ»(тарҷума), «Тасҳҳеҳи «Рисолаи Ҷавдия», «Роҳнамои пизишкон», «Мухтасаре аз тибби исломӣ, ба хусус хидмати эрониён», «Балои азими насли башар: сифилис ва сӯзок» ва ғайра.

12. Маҳдии Муҳаққиқ (тав.1308ҳ./1930м.) – муаррихи илм, забоншинос, адиб ва файласуфи номдори Эрони муосир буда, мутарҷими 82 асари илмию муаллифи зиёда аз 140 мақолаҳои калонҳаҷм иборат аз ҳафт ҷилд мебошад. Ҳарчанд Маҳдии Муҳаққиқ устоди забону адабиёти порсӣ бошад ҳам, аммо мусаннифоти бисёре оид ба таърихи илм, фалсафа ва тиб дорад. Донишманд узви пайвастаи Анҷумани байналмилалии таърихи пизишкӣ, Анҷумани байналмилалии фалсафа дар қуруни вусто, Фарҳангистони забони араб дар Миср, Фарҳангистони забони араб дар Сурия, Фарҳангистони улум ва тамаддуни исломӣ дар Урдун, Фарҳангистони улуми исломӣ дар Ҳиндустон, Анҷумани байналмилалии таърихи илму фалсафаи арабӣ ва исломӣ дар Фаронса, ҳайати таҳририяи маҷмуаи матнҳо ва таҳқиқоти исмоилия маҳсуб меёбад. Ӯ вобаста ба ҳаёт ва фаъолияти Муҳаммад Закариёи Розӣ асарҳои зеринро таълиф намудааст: «Ас- сират ал-фалсафия» ( السیره الفلسفیه رازی) дар ду нашр (1343ҳ./1965м. ва 1371ҳ./1993м.); «Ад-дароса ал-таҳлила ли китоб ат-тиб ар-руҳонӣ ли Муҳаммад бин Заркариё Розӣ» ( لمحمد بن زکریای رازی الدراسه التحلیله لکتاب الطب الروحانی) соли 1378 ба забонҳои арабӣ, форсӣ ва англисӣ; «Файласуфи Рай Муҳаммад бин Закариёи Розӣ» 1349 ҳ./1971 М., 1352 ҳ./1974 М., 1368 ҳ./1990 М., 1376 ҳ./1998 м.) ва шояд боз таълифоти дигаре бошаду мо огоҳӣ надошта бошем. Ҳаройина ҳамин пажӯҳишоти номрафта дар омӯзиши зиндагиномаву фаъолияти Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ хеле арзишманданд. Дар Тоҷикистон, беш аз ҳама, асари «Файласуфи Рай»-и ӯ мавриди муҳаққиқон

қарор гирифтааст, ки дар таълифоти Закариёшиносии академик Мӯсо Диноршоев бештар ҳамин асари Маҳдии Муҳаққиқ иқтибос гардидааст. Ҳаройина Маҳдии Муҳаққиқ номи худро дар Розишиносии ҷаҳон воқеан ҳамчун муҳаққиқ, на талфифгар собит намудааст, ки ҳар гуна пажӯҳишоти Розишиносии донишмандони оянда бидуни истифодаи корҳои ӯ комил нахоҳад буд.

13. Каримов Убайдулло Исроилович (01.04.1920, Тошканд - 11.10.1997, ҳамон ҷо) – маъруфтарин мусташриқу муаррихи узбекистонӣ мебошад, ки дар розишиносӣ хусусан таҳқиқи осори кимиёии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ нафақат дар Узбекистон ва собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, балки дар ҷаҳон шинохта шудааст. Натанҳо дар асри XX, балки то кунун таҳқиқоти пурарзиши ӯ бо номи «Книга тайны тайн ар-Рази» («Китаб сир-ул-асрар»-и Розӣ) беҳтарин асар дар бораи омӯзиши осори кимиёии Муҳаммад Закариёи Розӣ ба ҳисоб меравад. У.И. Каримов аз 22 асари кимиёии Муҳаммад Закариёи Розӣ танҳо яке аз онро ки «Китаб сир-ул-асрар» ном дорад, чунон таҳқиқ намудааст, ки чунин пажӯҳиш на ба ҳар муаррихи илм даст медиҳад. Яъне ин асарро аз забони арабӣ ба забони русӣ ҳамчун арабшиноси тавоно тарҷума карда, баъдан аз ҷиҳати илми кимиё ҳамчун кимиёшиноси донишманд таҳлили пурра намудааст. Таҳқиқоти арзишманди номрафтаи ӯ «Книги тайны тайн ар-Рази»[46] соли 1957 дар Тошканд ба чоп расидааст. Инак, қариб 70 сол сипарӣ мешавад, ки ҳеҷ кимиёшиносе дар ҳеҷ гӯшаи дунё мисли таҳқиқи Убайдулло Исроилович Каримов осори кимиёии Муҳаммад Закариёи Розиро ба таври густурда ва амиқу дақиқ таҳқиқ накардааст.

14. Мӯсо Диноршоев (07.11.1934 29.09.2020) – файласуфи тавонои муосири тоҷик. Муаллифи китобу мақолаҳои мутааддаде доир ба таърихи илму фарҳанги тоҷикон буда, андар шинохти фалсафаи Муҳаммад Закариёи Розӣ дар Тоҷикистон айни замон мақоми аввалро сазовор аст. Дар бораи ҳаёту фаъолияти фалсафии Муҳаммад Закариёи Розӣ асари арзишмандеро бо номи «Аз таърихи фалсафаи тоҷик» [27] таълиф намудааст, ки воқеан арзиши воло дорад. Академик Мӯсо Диноршоев дар баробари он ки дар фалсафа, таъриху таҳлили афкори фалсафии ниёгон хеле тавоно ҳаст, ки ҳамагон эътироф доранд, аз забони арабӣ ба хубӣ бархӯрдор буда, ҷанбаи таҳқиқии пажӯҳишоташ аз ҷанбаи талфифиаш хеле

бештаранд. Яъне муҳаққиқ ҳаст на талфифгар. Бояд гуфт, ки устод Диноршоев Мӯсо дар баробари пажӯҳишоти фалсафии Муҳаммад Закариёи Розӣ ва Абуалӣ ибни Сино, инчунин баъзе аз масъалаҳои илмҳои табиатшиносиро ба монанди мафҳумҳои фазо ва вақт, ҳайуло ва ҳаракат низ дар осори онҳо мавриди баррасӣ қарор додааст. Қобили тазаккур аст, ки мантиқи пажӯҳишоти Мӯсо Диноршоев хеле қавист, зеро маълуми ҳамагон аст, ки таълифоти он пажӯҳишгар арзиши воло дорад, ки аз илми мантиқ ба хубӣ бархӯрдор бошад. Маҳз бад-ин хотир Мӯсо Диноршоев дар радифи Розишиносони шинохтаи ҷаҳони муосир аз қабили Убайдулло Исроилович Каримов, Маҳмуд Наҷмободӣ ва Маҳдии Муҳаққиқ, Парвиз Азкоӣ ва дигарон барҳақ шомил аст.

15. Абдулҳай Комилӣ (тав. 1962) физик, файласуф ва муаррихи илм, доктори илмҳои физикаю математика, номзади илми таърих, профессор. Ӯ аввалин муҳаққиқи соҳаи физикаи Муҳаммад Закариёи Розӣ ва Абуалӣ ибни Сино ба шумор меравад [50], ки Муҳаммад Закариёи Розиро асосогузори физикаи классикии форс-тоҷик номидааст.

16. Қурбонов Баҳром (тав. 1965) кимиёшинос ва муаррихи илм, доктори илмҳои таърих, профессор. Ӯ асосан баъзе аз ҷанбаҳои осори кимиёии Муҳаммад Закариёи Розиро мавриди омӯзиш қарор додааст [54].

17. Ҳайдарова Сабоҳат муҳаққиқи фалсафаи Муҳаммад Закариёи Розӣ мебошад, ки рисолаи илмиаш ба ақидаҳои фалсафӣ ва ахлоқии Муҳаммад Закариёи Розӣ бахшида шудааст [97].

Чанде аз мақолаҳои муаллиф низ дар бораи таҳқиқи осору афкори Муҳаммад Закариёи Розӣ ба нашр расидаанд, ки дар охири диссертатсия оварда шудаанд.

Муҳаммад Закариёи Розӣ, бинобар маълумоти андӯхтаи муаррихи илм, адиб ва файласуфи номдори Эрони муосир Маҳдии Муҳаққиқ, аз шумори фарзандони аслӣ нуҳ духтар дошт. Мутаассифона, дар бораи писараш чизе намедонем. Ҳар кас аз худаш ду гуна «фарзанд» боқӣ мегузорад: яке фарзанди аслӣ (хоҳ писар бошаду хоҳ духтар); дигаре «фарзанд»-и маънавӣ, масалан, барои шоирону нависандагон – назму наср, барои олимон – кашфиёту таълифот, барои боғпарварон – боғу роғ ва ғайра, ҳатто метавон гуфт барои ҳар кас аъмолаш низ

фарзандаш аст. Фардои таърих ҳар киро тавассути амалҳояш, яъне ба қавли Зардушт тавассути рафтору кирдору гуфтораш ёдовар мешавад.

Дар бораи фарзанди аслӣ бояд гуфт, ки фарзанд – фарзанд аст ва нигоҳдорандаву посдор ва идомадиҳанди номи падари худ мебошад, новобаста ба писариву духтариаш, ки дар бораи духтарони арзандаву сазовор шоире чунин гуфтааст:

*Машав ғамгин агар духтар бизодӣ,*
*Ки аз духтар бувад пайваста шодӣ.*
*Басе духтар, ки соҳибтоҷ гардад,*
*Ба наздаш сад писар муҳтоҷ гардад.*

Аммо маълуми ҳамагон аст, ки фарзандони аслӣ сад солу ду сад сол (тақрибан) зинданигоҳдорандаи номи падар мебошанд, «фарзандони маънавӣ» бошанд, абадан зинданигаҳдорандаи номи кас мебошанд. Яъне Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ аз худ мероси пурғановате боқӣ гузоштааст, ки тавассути онҳо нафақат хешовандону пайвандон ва ҳамватанону ҳамфарҳангон, балки тамоми инсонияти мутамаддин, ҳамеша ёдкунандаи номи ӯ мебошанд.

Аз рӯйи маълумоти маъхазии мавҷуда шумораи теъдоди таълифоту таснифоти Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ гуногун аст. Чунончи: «...Ибни Надим дар асари машҳураш «ал-Феҳрист» – 167 номгӯй осори ӯро ёдовар шудааст. Абурайҳони Берунӣ – 184 номгӯй; Ибни Аби Усайбиа – 238 номгӯй ва Ибни Қифтӣ – 130 номгӯй таълифоти Муҳаммад Закариёи Розиро нишон додаанд». [31, с.11]. Табиб ва муаррихи тиб, донишманди эронӣ – Маҳмуди Наҷмободӣ дар «Муаллафот ва мусаннафоти Абубакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ» ном асараш шумораи осори ӯро 266 адад сабт намудааст.

Мутаассифона, бештари таълифоти ӯ дар ҳаводиси носозгори рӯзгор аз байн рафтаанду танҳо номи онҳо бо шарофати кори тазкиранависону таърихнависон, адибону файласуфон ва донишмандони гуногунсоҳа собит шудаанд. Пажӯҳишгари маъруфи осори Муҳаммад Закариёи Розӣ – Маҳмуди Наҷмободӣ муътақид аст, ки: «...аз тамоми осори илмии ӯ дар китобхонаҳои ҷаҳон на бештар аз 40 номгӯй боқӣ мондаанду халос» [57, с.123]. Қобили таъкид аст, ки Муҳаммад

Закариёи Розӣ қисми бештари осори худро дар Бағдод эҷод намудааст. Абурайҳони Берунӣ осори Абубакр Муҳаммад Закариёи Розиро ба соҳаҳои гуногуни дониш бад-ин тартиб раддабандӣ кардааст: «...56 асар доир ба тиб, 16 - фалсафа, 6 - мобаъдуттабиа (метафизика), 14 - илоҳиётшиносӣ, 7 - мантиқ, 10 - математика ва астрономия, 22 - химия ва 33 - физика» [9, с. 432].

Гарчанде ки вобаста ба осори пурғановати мутафаккири барҷаста омӯзишу таҳқиқоти зиёде ба табъ расида бошанд ҳам, аммо бояд қайд кард, ки баъзе аз соҳаи фаъолияти Закариёи Розӣ то ҳанӯз ба таври зарурӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Дар бораи баъзе фаъолияти ӯ мушаххасан чунин ибрози ақида кардан мумкин аст. Фалсафаи ӯро дар замони муосир бештар аз ҳама ду донишманд таҳлили ҳамаҷониба ва нисбатан пурратар кардаанд: яке Мӯсо Диноршоев, дигаре Маҳдии Муҳаққиқ. Тибби ӯро бештар аз ҳама Маҳмуди Наҷмободӣ ва камобеш Х. Ҳикматуллаев таҳқиқ кардаанд. Кимиёи ӯро беш ва пеш аз ҳама ҳамаҷониба У.И. Каримов ва Ю. Руска таҳқиқ кардаанд.

Бояд гуфт, ки омӯзиш ва пажӯҳиши осори гаронбаҳои Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ ҳанӯз аз замони зиндагии худаш оғоз гардида, то ба замони мо идома дорад. Дар вақти зиндагии худаш ӯ бо чандин тан аз донишмандони замонааш ба баҳсу мунозара ва муколама пардохта, алайҳи баъзе аз онҳо асари махсусе ҳам таълиф кардааст. Барои Аврупои ғарбии асримиёнагӣ бошад, аз асри XII тарҷума ва омӯзишу пажӯҳишу татбиқи осори ӯ аз ҷониби донишмандони насронӣ ва баъзан яҳудии Аврупо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ҳамин тавр, дар бораи марҳалаҳои таҳқиқу таҳлили осори Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ бояд гуфт, ки чӣ осори табииётшиносӣ ва чӣ осори фалсафию тиббии ӯ ҳанӯз аз замони зиндагиаш оғоз гардида буд. Барои тасдиқи ин фикр кофист, ки ба номгӯйи осораш назар афканем ва аз он ба хубӣ ҳувайдост, ки таълифоти таснифоти ӯ то чӣ андоза ҷолиб ва ҳамзамон боиси баррасии тарафдорону муқарризонаш будааст.

Ҳоло барои ба хубӣ дарк кардани ин матлаб чанде аз осори ӯро ба таври мухтасар муоина хоҳем кард. Нуктаи дигар ин аст, ки барои Розишиносони оянда номгӯйи чунин осори баҳсбарангези Абубакри Розиро ба ғайр аз забони таълиф –

арабӣ, ҳамчун забони илмии талаботи замонааш инчунин ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нишон хоҳем дод, ки барои муҳаққиқони ояндаи осору афкори Абубакри Розӣ муфид хоҳад буд:

1. باتك كوكشلا ىلع سونيلاج (Китобу-ш-шукуки ало Ҷолинус) – Китоби шубҳаҳо бар Ҷолинус – Книга сомнения Галену – Book of doubt for Galen

2. الرد على الجاحظ في مناقضته الطب (Ар-рад ало-ал-Ҷоҳиз фӣ муноқизатиҳи-т-тиб) – Инкори Ҷоҳиз андар ихтилоф бо тибби Ҷоҳиз – Опровержение О несогласии с врачебной наукой Джахиза – Refutation of Jahiz on disagreement with medical science of Jahiz

3. الرد على الناشي في نقضه الطب (Ар-рад ало-н-Ношӣ фӣ нақзиҳи-т-тиб) – Инкори Ношӣ андар радди тибби Ношӣ – Опровержение «Об отрицании медицины» ан-Наши – Refutation On the denial of medicine by an-Nashi

4. فيما جرى بينه و بين جرير الطبيب في التوت عقيب البطيخ (Фӣ моҷаро байнаҳу ва байна Ҷарири-т-табиб фӣ-т-тути ақиба-л-битих) – Мубоҳиса бо Ҷарири табиб андар истеъмоли тут пас аз харбуза – О диалоге между ним и врачом Джариром о приеме тутовых ягод после приема дыни – About the dialogue between him and the doctor Jarir about taking mulberry berries after taking melon

Бояд гуфт, ки дар сарчашмаҳо ва пажӯҳишоти мавҷудаи истифодашуда ба забонҳои гуногун дар кишварҳои мухталиф асосан бар мабнои яке аз манбаи асосӣ - «Феҳраст кутуб Муҳаммад бин Закарийё ар-Розӣ» («Номгӯйи китобҳои Муҳаммад Закариёи Розӣ»)-и Абурайҳони Берунӣ қарор гирифтааст.

Абубакри Розӣ ҳамчун мутафаккири ҳамаҷониба дар соҳаҳои мухталифи донишҳои замонааш, махсусан илмҳои табииётшиносӣ саҳми босазо ва мондагор гузоштааст, ки онҳо дар беш аз 200 дастхати ӯ инъикос ёфта, тавассути омӯзишу пажӯҳишоти донишмандони Шарқу Ғарб то андозае омӯхта шудаанд. Худи Абубакри Розӣ теъдоди асарҳояшро дар «Сирати фалсафӣ» ном рисолааш чунин навиштааст: «...Иҷтимолан то ин таърих, ки китоби мазкур навишта мешавад, қариб ба дувист китобу мақолаю рисола дар фунуни мухталифаи фалсафа ва улуми илоҳӣ ва ҳикматӣ аз зери дасти ман берун омадааст» [31, с.10]

Дар хулосаи зербоби мазкур бояд таъкид кард, ки марҳалаҳои омӯзиши осори Муҳаммад Закариёи Розӣ ҳанӯз аз замони зиндагиаш оғоз гардида то ба имрӯз давом дорад ва аз тарафи пажӯҳишгарони кишварҳои мухталиф ба забонҳои гуногун нашр шудан доранд.

**Хулосаи боби II**

Дар масъалаи зиндагиномаи Абубакри Розӣ бори аввал дар таҳқиқоти диссертатсионӣ санаи таваллуду вафоти ӯ мутобиқи тақвимҳои григорианӣ, юлианӣ, ҳиҷриии шамсӣ, ҳиҷрии қамарӣ, зардуштӣ ва яҳудӣ нишон дода шудааст. Дар он собит гардидааст, ки дар аксари таҳқиқоти бахшида ба ҳаёту фаъолияти Муҳаммад Закариёи Розӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ, махсусан Федератсияи Русия санаи таваллуду вафоти ӯ ба ҳисоби тақвими григорианӣ ғалатӣ роҳ ёфтаанд, ки ин гуна ғалатӣ дар зербоби дуюми боби мазкур ислоҳи худро ёфтааст.

Хулоса, таҳқиқу таҳлили мухтасар ва мушаххаси вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, фарҳанги моддиву маънавии Хуросону Мовароуннаҳри асримиёнагӣ, ки барои соҳибистиқлолии кишвар ва эҳёи илму фарҳанг дар саросари минтақа шароити мусоид фароҳам овард, дар натиҷа садҳо нафар донишмандони энсиклопедист (ҳамадон) – табиатшиносони хориқулистеъдод ва оламшумули тоҷик то ба арасаи тамаддуни моддиву маънавии таърихи башарият, хоссатан таърихи тамаддуни тоҷикон саҳми пурарзише гузоштаанд.

Яке аз ҳамин гуна донишмандони энсиклопедист, ки дар таърихи тамаддуни тоҷикон, ҷаҳони ислом ва умумибашарӣ асосан ҳамчун табиби ҳозиқ ва файласуфи тавоно эътироф гардидааст, аммо осори риёзиву табииётшиносии ӯ то ҳанӯз ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст, Абубакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ ба шумор меравад. Дар натиҷаи таҳқиқи начандон доманадор, ки ба назари мо, сарҳади он бисёр фаррох буда, сазовори чандин диссертатсияҳо хоҳад буд, гуфтан мумкин аст, ки ӯ натанҳо дар пешрафти илмҳои тиббу фалсафа, балки инчунин дар радифи илмҳои гуманитарии замони худ, дар ташаккул ва пешрафти донишҳои табииётшиносиву риёзӣ ва ҳатто зистшиносиву ситорашиносӣ ва техникии замонааш саҳми арзанда дорад.

# БОБИ 3. НАҚШИ ОСОРИ АБУБАКРИ РОЗӢ ДАР РУШДИ ИЛМҲОИ ТАБИИЁТШИНОСӢ ВА РИЁЗӢ ДАР ЗАМОНИ СОМОНИЁН

## 3.1. Аз таърихи раддабандии илмҳо дар асрҳои V-X

Барои дарк кардан ва нишон додани мавқеи ақидаву афкори илмии донишмандони асримиёнагии олами ислом, ба истилоҳ, муайян кардани ҷойгоҳи «илму техника» дар системаи донишҳои мавҷудаи он замон ба раддабандии донишҳои асримиёнагӣ рӯ овардан лозим аст. Бояд гуфт, ки дар асрҳои IX-X дар кишварҳои Шарқи исломӣ раддабандии илмҳо, ки аз тарафи Афлотун ва Аристотолиси юнонӣ (Арасту) пешниҳод шуда буд, маълуми ҳамаи донишмандон буд.

Донишмандони асрҳои миёна ҳамаи илмҳои замонаашонро ба илмҳои арабӣ ва ғайриарабӣ табақабандӣ карда буданд. Илмҳои ғайриарабиро илмҳои ақлӣ ва илмҳои арабиро илмҳои нақлӣ меноманд. Доир ба ин масъала муаррихи тоҷик Мақсадов Ҳ.И. чунин навиштааст: «...дар Хуросону Мовароуннаҳри асри миёна ҳамаи илмҳоро асосан ба ду гурӯҳ ҷудо мекарданд:

1. Улум ал-исмоилия ё улум ал-ақлия ё ки улум аш-шаръия, яъне гӯё илми расмӣ, дар тарҷума илми исломӣ ё ки илми шариат. Дар ин ҷо фиқҳ (ҳуқуқи исломӣ), калом, сарфу наҳв, таърих, назм, вазни шеър ва ғайраҳо дохил мешуд.

2. Улум ал-аҷам ё улум ал-ақлия ва ё улум ат-табиъия, яъне ақлонӣ, тарҷумааш аз арабӣ «илми ғайриарабӣ». Ин ҷо ҳисоб (арифметика), ҳандаса (геометрия), механика, нуҷум (астрономия), алсафа, кимиё, илм оид ба табиат, яъне физика ва дигарҳо дохил мешуд.

Бояд зикр намуд, ки дар Шарқи асри миёнаи мусулмонӣ олимони араб (олимони арабнажод) асосан ба илмҳои «динӣ-расмӣ» ё «шариатӣ» сарукор доштанд, барои ҳамин аксаран «илми арабӣ» меноманд. Ба илмҳои «ғайрирасмӣ» ё ки «ақлонӣ» асосан олимони мусулмони ғайриараб, аксаран тоҷикон (эрониён), инчунин яҳудони арабзабон машғул буданд. Барои ҳамин ин илмҳоро бисёр вақт «аҷамӣ»меномиданд» [118, с.123].

Раддабандии илмҳои Арасту ҳамчун «муаллими аввал» барои донишмандони асримиёнагии олами ислом мисли тамоми мероси ӯ ба пешрафти минбаъдаи илму

фарҳанг, гарчанде он сатҳи инкишофи донишҳои ақливу нақлии даврони бостонро инъикос менамуд, таъсири зиёде гузоштааст. Раддабандии илмҳои Арасту дар асараш ба забони арабӣ тарҷума шуда, дар Шарқи мусулмонӣ машҳур гардида буд. Дар баробари ин, ба раддабандии илмҳои Арасту табақабандии илмҳои Афлотун таъсири бузургро гузоштааст. Бояд қайд намуд, ки олимони асримиёнагӣ ин раддабандии таҳиянамудаи Арасту ва олимони дигари бостонро омӯхта, онро инкишоф дода, илова ва коркард намуданд. Раддабандии илмҳо аз назари Афлотуни юнонӣ дар расми 3.1.1. пешниҳод гардидааст.




.

**Расми 3.1.1. Таснифоти илмҳо аз ҷониби Афлотун***

*Манбаъ: муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия намудааст.

Қобили тазаккур аст, ки дар асрҳои миёна ҳамаи илмҳои дақиқ ва табииётшиносиро зери истилоҳи «фалсафа» меомӯхтанд, ки далели ин гуфтаҳо

нигоштаи Муҳамад Закариёи Розӣ мебошад: «...Ман файласуф онеро меномам, ки илми кимиёро дастболо бошад»[31,с.29].

Пеш аз он ки дар бораи раддабандии илмҳои риёзиву табииётшиносии асримиёнагии олами ислом, хосатан замони зиндагии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ маълумоти кофӣ биоварем, моро месазад, ки дар бораи вазъи илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ ва риёзии он замон маълумоти мухтасару мушаххас биоварем.

Илмҳои риёзиву табииётшиносӣ дар асрҳои миёнаи олами ислом фарогири донишҳои риёзӣ (арифметика, алгебра, геометрия, тригонометрия), нуҷум (астрономия ва астрология), илми табиӣ (физика), кимиё (химия), зистшиносӣ (биология) ва амсоли инҳо буда, илмҳои ақлӣ номида мешаванд.

Риёзиёт яке аз илмҳои қадима буда, дар асрҳои миёнаи олами ислом дар радиф ва ҳамгироии илми ситорашиносӣ рушд карда, дар пешрафти он ниёкони мо чун асосгузорони ин илм маъруф гардидаанд. Аз ин сабаб асосгузорони соҳаҳои мухталифи илми риёзӣ дар олами исломи асримиёнагӣ аҷдодони тоҷикон буданд. Ба шарофати осори гаронбаҳои ниёгони риёзидони мо илми риёзиёт, ки дар Аврупо математика мехонанд, ба ҷаҳони Ғарб роҳ ёфтааст.

Аз ниёгони риёзидони форс-тоҷик номи Абуабдуллоҳ (Абуҷаъфар) Муҳаммади Хоразмӣ (783-850) ҳамчун асосгузори илми алгебра, ки номи ин фан ҳам аз як калимаи рисолаи ӯ “Ал-ҷабр ва-л-муқобала” гирифта шуда, вожаи “алгоритм” аз куният аш Ал-Хоразмӣ пайдо шудааст, маълуми ҳамагон аст. Мо ба зикри он риёзидонони асримиёнагии форс-тоҷик иктифо мекунем, ки дар пешрафти ин соҳаи дониш саҳми бузург гузошта, то ҳанӯз камтар шинохта шудаанд. Яке аз онҳо Абу Ҷаъфар Аҳмад ибни Абдуллоҳи Марвазӣ мебошад, ки ӯ аз зумраи он донишмандони асрисимиёнагии тоҷик ба шумор меравад, ки дар ташаккул ва инкишофи донишҳои риёзиву ситорашиносӣ дар бузургтарин маркази илмии замона бо номи мактаби илмии «Байту-л-ҳикма» («Хонаи хирад») дар яке аз шаҳрҳои бостониву шукуфои асрҳои миёнаи олами ислом – Бағдод саҳми босазо гузоштааст.

Аҳмади Марвазӣ соли 766 дар яке аз шаҳрҳои бостонии тоҷикӣ – Марв, ки аз ҷумлаи шаҳрҳои бузурги Хуросон буда, дар ҳамон давра маркази илму фарҳанги олами ислом дар сарзамини ғайриарабӣ, яъне аҷамӣ маҳсуб меёфт, аз модари хушбахте дида ба ҷаҳони ҳастӣ кушодааст.

Зодгоҳи Аҳмади Марвазӣ шаҳри қадимии Балх мебошад. Дар замони зиндагии Мавлоно шаҳри Балх ба монанди дигар шаҳрҳои бостонии тоҷикон Нишопуру Балху Ҳирот яке аз чаҳор шаҳри бузурги Хуросон ва яке аз марказҳои фарҳангии олами ислом ба ҳисоб мерафт. Дар асрҳои миёна мардуми бумии Хуросону Фарорӯд ( Мовароуннаҳр) ба шаҳрҳои бузурге, ки маркази тамаддуни он замон буданд, лақаб медоданд. Масалан, лақабҳои «Қибта-л-ислом» («Мисри ислом») ва «Умму-л-билод» («Модари шаҳрҳо») ба Балх, «Қуввати ислому дин» ба Бухоро, «Сайқали рӯйи замин» ба Самарқанд, «Гули рӯйи замин» ба Хуҷанд ва ғайра дар миёни мардум роиҷ буду то имрӯз низ маълум аст. Ин як навъ тафаккури зеҳнии мардуми бумии Хуросону Фарорӯд – тоҷикон мебошад, ки натанҳо ба шаҳрҳо, балки одамон низ лақабҳои гуногун медоданду медиҳанд. Ҳамин тавр, Марв бо лақаби «Марви шоҳи ҷаҳон» шинохта мешуд. Чунин лақабгузорӣ хоси ниёгони мо буда, то имрӯз ба мушоҳида мерасад. Чи тавре дар бораи Самарканду Бухоро гуфтем, Исфаҳонро бо лақаби «Исфаҳон – нисфи ҷаҳон» мешиносанд. Шерозиён мегӯянд «Исфаҳон – нисфи ҷаҳон, ба шарте Шероз набошад». Аз ин рӯ, марвазиён шаҳри худро «шоҳи ҷаҳон» номидаанд. Дарвоқеъ, дар забони тоҷикӣ (порсии дарӣ) зодагони Марвро – Марвазӣ, Райро – Розӣ, Бухороро – Бухорӣ меноманд.

Риёзидони дигари форс-тоҷик, ки дар пешрафти донишҳои риёзӣ саҳми бузург гузоштааст, Абулҳасан Кушёр ибни Лаббони ибни Бошаҳрии Гелонӣ (941-1010) мебошад, ки дар шакли таҳрифшудаи Кушёри Ҷилӣ бештар ёд мешавад. Ӯ муаллифи асарҳои зерини риёзӣ мебошад: «Китоб фӣ усули ҳисоб-ил-ҳинд» («Китоб андар бунёди шуморномаи ҳиндӣ»), «Уюн-ул-усул фӣ-л-ҳисоб» («Сарчашмаҳои тарзҳои шумор»), «Рисола фӣ ҳалли шубҳат-ил-аразат фӣ-л-мақолоти-с-солисата ашара мин китоб-ил-усул» («Рисола андар исботи робитаи синусҳо дар мусалласи ҳамвор ва дар мусалласи куравӣ») ва ғайра.

«Китоб фӣ усули ҳисоби-л-ҳинд» аз муҳимтарин асарҳои Кушёри Гелонӣ буда, дар ду бахш иншо шудааст. Бахши аввал фарогири 9 фасл ва бахши дуюм фарогири 16 фасл буда, дар онҳо чаҳор амали арифметикӣ ва роҳҳои азрешабарорӣ ба тафсилу пурра мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Абулҳасан Алӣ ибни Аҳмади Насавӣ (1010, Нисо – 1075, Бағдод) аз риёзидони дигари тоҷик тоҷик ба шумор меравад, ки дар шаҳри қадимаи тоҷикии Нисо (ҳоло дар Ҷумҳурии Туркманистон) ба дунё омада, дар шаҳрҳои Рай, Исфаҳон, Ғазна ва Бағдод кору фаъолият кардааст.

Ӯ ҳамчун риёзидони бузург ва ситорашиноси маъруф ба ғайр аз асарҳои «Рисола фӣ маърифат-ит-тақвим ва-л-устурлоб» («Рисола андар донистани гоҳшуморӣ ва ситораёб»), «Мукаммал дар бораи ҳисоби ҳиндӣ» ба забони форсӣ-тоҷикӣ, инчунин ба асарҳои Аршимидиусу Уқлидус шарҳҳо навиштааст.

Яке аз қадимтарин илмҳои ақлии асримиёнагӣ дар тамоми кишварҳои Шарқи исломӣ илми ситорашиносӣ ба ҳисоб мерафт, ки ҷанбаҳои амалиаш аз ҷанбаҳои назариаш бештр буд. Яке аз вазоифи ситорашиносони асримиёнагӣ мисли ситорашиносони дунёи қадим тартиб додани ҷадвалҳои ситорашиносӣ бо номи «зиҷ» буд. Набояд фаромӯш кард, ки ниёгони асримиёнагии мо гӯё тартиб додани зиҷҳоро аз юнониёни қадим омӯхтаанд, балки ин соҳаи дониш решаҳои маҳаллӣ дошта, ҳанӯз дар аҳди Ҳахоманишиён ниёгони донишманди мо ҷадвал (зиҷ)-е таҳия намуда буданд, ки далели он тасвири шере аст дар сиккаҳои подшоҳони ин хонадон, ки дар болои сари ин шер Муштарӣ ва зери пойҳои он ҳилоли Моҳ қарор дорад.

Бояд гуфт, ки расадхонаи Систон аз қадимтарин расадхонаҳо ба шумор меравад, ки анъанаи илми ситорашиносии ниёгони моро гувоҳ аст.

Абулҳасан Кушёр ибни Лаббон ибни Бошаҳрии Гелонӣ, ки зикриномаш рафт, дар баробари риёзидони бузург буданаш, инчунин аз ситорашиноси моҳири замонааш ба шумор мерафт. Ӯ дар зодгоҳаш Гелони бостонӣ расадхонае бунёд карда, ба корҳоирасад мепардохт ва дар илми ситорашиносӣ таълифоти зиёдеро анҷом додааст, ки машҳуртарини онҳо «Зиҷ-ал-ҷомеъ» ном дорад. Ин асарро донишманд соли 965 бо забони арабӣ навиштааст ва он соли 1090 аз ҷониби

Муҳаммад ибни Умари Табрезӣ ба забони форсӣ тарҷума карда шудааст. Хушбахтона, чанд нусхаи он то замони мо боқӣ монда ҳоло дар китобхонаҳои Донишгоҳи Лейден, Теҳрон ва Қоҳира маҳфуз аст.

Асари мазкур аз 2 китоб (қисм) иборат буда, китоби аввал фарогири 9 бахш ва китоби дуюм фарогири 14 бахш мебошад. Асари дигари ӯ бо номи «Китоб-ул-мадхал фи синоати аҳком-ин-нуҷум» соли 993 таълиф гашта, аз сарсухан ва 4 бахш иборат аст. Тарҷумаи форсиаш бо номи «Муҷмал-ул-усул андар аҳкоми нуҷум» маълум буда, дастнависаш дар китобхонаҳои Бейрут, Берлин, Димишқ, Душанбе, Қоҳира, Лондон, Машҳад, Оксфорд, Рампур, Санкт-Петербург Теҳрон, Тошканд ва дигар шаҳрҳо маҳфуз аст.

Аз ситорашиноси дигари форс-тоҷик, ки дар илми астрономия саҳми босазо дошта, устоди Абурайҳони Берунӣ ба шумор меравад, Абунаср Мансур ибн Алӣ ибниИроқи Ҷаъдӣ (960, Хоразм – 1036, Ғазна) мебошад. Ӯ муаллифи асари ҷолибе бо номи «Рисола фи-л-устурлоб» («Рисола андар ситораёб») буда, ба асарҳои донишмандони Юнони қадим Уқлидус (Евклид) ва Менелаус (Менелай) шарҳҳо навиштааст.

Ситорашиноси маъруфи дигари форс-тоҷик Абусаҳл Бежан ибни Рустами Кӯҳӣ (940, Табаристон – 1014, Бағдод) ба шумор мравад, ки сарвари расадхонаи Шарафуддавла дар шаҳри Бағдод буд. Ӯ бо фармони Шарофуддини Дайламӣ соли 988 расадхонае бино намуда буд, ки он қитъаи мудавваре буда бо ғафсии 25 зироъ (ҳудуди 12,5 метр) ва дар маркази он сӯрохе дар сақфи бино қарор дошт, ки шуоҳои офтоб аз он сӯрох вориди бино мешуд.

Абусаҳли Кӯҳӣ ба ғайр мушоҳидаҳои ситорашиносӣ, инчунин дар сохтани асбобҳои илми нуҷум мутахассис буда, ин расадхонааш асбобҳои мушоҳидавии сохтаи худро насб намуда бо онҳо ба кори мушоҳида мепардохт.

Абулҳусайн Абдураҳмон ибни Умари Суфӣ (903, Рай - 986, Шероз) аз бузургтарин ситорашиноси форс-тоҷик ба шумор меравад, ки бештари фаъолияти илмиашро дар Исфаҳон сипарӣ намуда, аз соли 960 ба Шероз кор кардааст. Абдураҳмони Суфӣ осори гаронбаҳое аз худ ба мерос гузоштааст, ки машҳуртарин асари ситорашиносиаш «Китоб-ул-кавокиб-ус-собита» («Китоби

ситорагони собита») ном дошта, дар он дар бораи 1017 ҷирмҳои осмонӣ маълумоти муфассал фароҳам омадааст. Дар он тасвири рангини хар як бурч, инчунин чадвали ситорахо бо координатахои эклиптики ва бузургии ситорахо оварда шудааст.

Абдураҳмони Сӯфӣ бар асоси мушоҳидаҳои шахсии худ маълумоти пешиниёнаш, асосан Батлимуси Қалузиро таҳлил ва такмили интиқодӣ намуда, галактикаи Андромедаро ҳамчун абри хурде тавсиф намудааст, ки дар соли 964 ҳамчун Абри бузурге (бузургтарин Галактика, радифи Роҳи Каҳкашон) ба «Китоби ситораҳои собита» дохил кардааст. Зиҷи Абдураҳмони Сӯфӣ ба рушди минбаъдаи астрономия таъсири калон расондааст. Донишмандони маъруфе аз қабили Абурайҳони Берунӣ, Насириддини Тусӣва ҳатто донишмандони андалусӣ (испанӣ) ва то ситорашиносони мактаби илмии Самарқанд бо номи расадхонаи Улуғбек аз он истифода бурдаанд.

Аббос ибни Саиди Ҷавҳарӣ (800, Фороб - 860, Бағдод) аз ситорашиносони шинохтаи тоҷик ба шумор меравад, ки дар расадхонащои Бағдод (соли 830) ва Димишқ (соли 833) фаъолият кардааст. Асари машҳури ӯ «Аз-зиҷ ал-Маъмунӣ ал-мустаҳан» («Зиҷи озмудашудаи Маъмун») ном дошта, ҳамчунин бар осори донишманди Юнони Қадим - Уқлидус шарҳҳо навиштааст.

Аббоси Ҷавҳарӣ яке аз аввалин донишмандони асримиёнагии тоҷик буд, ки ҳатто пеш аз Умари Хайём (1048-1131) ва Насириддини Тусӣ (1201-1274) барои исботи постулати панҷуми Уқлидус кӯшиш кардааст. Фарзияи асосии ин далел ин аст, ки кунҷҳои буриши ду хат ҳангоми убури онҳо бо хати сеюм баробар бошанд, он гоҳ дар ҳолати буриши як хатҳо боҳар як хати дигар бояд ҳамин чиз дуруст бошад.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки Аббоси Ҷавҳарӣ дар ҷараёни исботи постулати панҷуми Уқлидус теоремаро исбот мекунад, ки тавассути ҳар нуқта дар дохили кунҷ хате кашидан мумкин аст, ки ҳарду тарафи кунҷро буриш мекунад. Бояд гуфт, ки ин изҳорот ба тарзи ғайримустақим ҳамчун асоси далели ризидони маъруфи фаронсавӣ Андриен Мари Лежандр (1752-1833) дар соли 1800 истифода шудааст.

Дар асрҳои миёнаи олами ислом садҳо нафар донишмандон ба илми ситорашиносӣ машғул буданд, ки бештарашон эронинажод буда, аз ниёгони тоҷикон маҳсуб мешаванд. Як нуктаи ҷолиб қобили ёдоварӣ ва боиси таъкид аст, ки дар радифи донишмандони мардон, инчунин занони донишманд низ ба пажӯҳишоти риёзиву ситорашиносӣ, аз қабили Сутайтаи Махмалии Бағдодӣ (911-987), Марями Устурлобии Димишқӣ (асри X), Бибӣ Мунаҷҷимаи Нишопурӣ (1203-1280) машғул будаанд, ки барои муҳаққиқзанони муосир намунаи ибратанд.

Дар замони зиндагии Абубакр Муҳаммад Закарии Розӣ ва баъд аз ӯ доир ба ташаккулу инкишофи донишҳои риёзиву табииётшиносӣ як зумра донишмандони тавоное аз қабили Абусаҳл Рустами Куҳӣ (940-1014), Абубакр Муҳаммад ибни Ҳусайни Караҷӣ (953-1029) Абуалӣ ибни Ҳайсам (965-1039), Абурайҳони Берунӣ (973-1048), Абуалӣ ибни Сино (980-1037), Абусаид ибни Бахтишуъ (962-1058), Баҳманёр ибни Марзбони Озарбойҷонӣ (993-1067), Абуабдуллоҳ ибни Юсуфи Чаёнӣ (989-1080), Абусаҳл Исо ибни Яҳёи Ҷузҷонии Масеҳӣ (977-1011) Ҳаким Абуҳотам Музаффар ибни Исмоили Исфизорӣ (1038-1119), Аҳмад ибни Ҳусайни Аҳвозӣ (асри X), Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Юсуфи Хоразмӣ (асри X) ва дигарон дар Хуросону Мовароуннаҳр фаъолияти густурдаи илмӣ доштаанд.

Абуалии Сино асари маъруфи худ «Донишнома»-ро барои амир Алоуддавла дар Исфаҳон, Абубакри Караҷӣ китоби «Истихроҷи обҳои пинҳон»-ашро бо супориши Абуғаноим маъруф ба Ибни Муҳаммад дар Табаристон ва Абурайҳони Берунӣ «Китоб-ут-тафҳим»-и худро дар Ғазна барои Райҳона менависанд. Ин 3 асари зикршуда комилан фарогири донишҳои риёзиву табииётшиносӣ буда, дар онҳо масъалаҳои гуногуни арифметика (шуморнома), геометрия (ҳандаса), тригонометрия (илми мусалласот), астрономия (ситорашиносӣ), астрология (санъати танҷим), физика (илми табиӣ) мвриди баррасии муаллифон қарор гирифтаанд.

Дар асари фавқуззикри Абубакри Караҷӣ ҳатто масъалаҳои илми заминшиносӣ низ матраҳ шудаанд. Ӯ дар асараш перомуни дидаҳои худ аз

дониши заминшиносӣ мепардозад ва дар бораи қонуни ҷозиба, курравияти Замин ва масъалаи чигунагии ҳаракат изҳори ақида кардааст.

Абубакри Караҷӣ дар бораи пайдоиши об умуман (обҳои зеризаминиву рӯйизаминӣ) се гуна изҳори ақида кардааст:

1. Дар натиҷаи барфу борон дар сӯрохиҳои Замин муодил бо қонуни гироиш дар мавсими зимистон;

2. Рахнашавии бухори об ва чакидани он дар сӯрохиҳои Замин;

3. Болоравии обҳои пинҳон аз замин дар натиҷаи бухоршавӣ ва табдилшавии ҳодисаи бухорот ба об.

Дар натиҷаи мутолиаи асари фавқуззикри Абубакри Караҷӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ӯ дар бораи хосиятҳои табии хок ва корбурди муҳандисии он низ дорои дониши васеъ будааст. Абубакри Караҷӣ дар таҳияи усулҳо ва абзорҳои андозагирӣ дар таърихи муҳандисӣ саҳми арзанда гузоштааст.

Бояд гуфт, ки асари номрафтаи Абубакри Караҷӣ, ки фарогири 31 гуфтор мебошад, ки дар он гуфторҳо масъалаҳои марбут ба об, замин, гоҳшуморӣ ва ҳатто ҷуғрофиё мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Таҳқиқоти Абуалӣ ибни Ҳайсами Басрӣ (965-1039) дар илми нуршиносии ҳандасӣ (оптикаи геометрӣ) аз беҳтарин таҳқиқоти физикӣ ба шумор меравад, ки то замони эҳёи Аврупо эътирофи тамоми донишмандони Шарқу Ғарб гардида буд. Асари маъруф ва муҳимтарини ӯ «Китоб-ул-манозир» дар ташаккул ва инкишофи оптикаи ҳандасӣ нақши муҳим бозидааст.

Абуалӣ ибни Ҳайсами Басрӣ ҳамчун физикдони барҷастаи олами исломи асримиёнагӣ ба ғайр аз масъалаҳои математикӣ ва астрономӣ бештар ба илми физика машғул буд, ки ӯро ҳатто бо лақаби “падари  оптика” низ мешиносанд. Воқеан ӯ асосан ба қисми оптикаи физика, албатта дар назар аст оптикаи ҳандасӣ (на оптикаи физикӣ) дастовардҳои зиёде дорад. Ӯ ҳар се ки масъалаҳои оптикаи ҳандасӣ қонунҳои паҳншавӣ, шикаст ва инъикоси нурро муфассал мавриди баррасӣ қарор дода, ҳатто ба масъалаҳои оптики биологӣ муваффақиятҳои назаррасеро ноил гардидааст.

Бинобар ақидаи муаррихони илм: «...Абуалӣ ибни Ҳайсами Басрӣ аз қонуни инъикоси нур дар ҷисмҳои шаффоф, қонунҳои инъикоси нур, каҷроҳии сатҳӣ ва курравӣ ва қонуни шикаст, ки баъдан ба номи қонуни Снелл А.К. Shell's Law шинохта шудааст, огоҳӣ дошт» [44, с.36-37].

Аз донишмандони асримиёнагии олами ислом дар соҳаи физика дар Аврупо бештар Абуалӣ ибни Ҳайсами Басрӣ шинохта шудааст, ҳарчанде дар баъзе масъалаҳои физикӣ Абубакри Розӣ ва Абуалии Сино аз ӯ пешдастӣ доранд. Масалан, Шайхурраис Абуали Сино ҳатто ба масъалаи оптикаи фиҳи низ изҳори ақида кардааст, ки аврупоиён мутаассифона, то ҳол аз он огаҳӣ надоранд.

Зери таъсири «Китоб-ул-манозир»-и Ибни Ҳайсам донишмандони бузурги аврупоӣ ба монанди Роҷер Бэкон (1214-1929), Леонардо да-Винчи (1452-1519) ва дигарон, ки ба илми нуршиносӣ сару кор доштанд, озмоишҳои физикӣ гузаронидаанд.

Бояд гуфт, ки Ибни Ҳайсам яке аз олимони замони худ буд, ки сирф ба масъалаҳои физикӣ шуғл дошт. Ӯ дар таърихи илм ба ҳайси яке аз поягузорони илми оптика шинохта шудааст. Китоби «Мабоҳиси нур» («Оптика»)-и ӯ чанд муддат барои физикдонони Шарқу Ғарб китоби асосӣ ба шумор мерафт. Барои исботи ҳодисаҳои оптикӣ баъзе масъалаҳои ҳаракати механикӣ, яъне усули қиёси механикаро истифода мебарад. Барои муайян намудани акси рушноӣ ҳодисаи бархӯрди ду ҷисм (зарбаи оинаи филизӣ ва баргаштан аз он)-ро мавриди омӯзиш қарор додааст. Ибни Ҳайсам се ҳодисаро мушоҳида мекунад: 1) партоб шудани гулӯлача бар болои оинаи филизии ҳамвор хобидашуда; 2). партоб намудани гулӯлача аз манҷаниқ ба оинаи нисбатан ба сатҳи ҳамворӣ рост истода; 3). партоб намудани гулӯлача аз манҷаниқ ба оинае, ки дар кунҷи дилхоҳе нисбат ба ҳамворӣ гузошта шудааст. Ибни Ҳайсам инъикоси нурро на танҳо аз оинаи ҳамвор, балки аз оинаи каҷ (доиравӣ) низ мушоҳида кардааст. Дар ниҳоят, вай муайян намуд, ки: «...кунҷҳои афканиш ва инъикос таносубнок нестанд ва бад-ин восита ақидаҳои баъзе аз пешгузаштагони худ, аз ҷумла Героне Александриягиро дар усули беохири суръати рӯшноӣ ботил сохт ва исбот намуд, ки рӯшноӣ бо суръати барҳамхӯранда паҳн мешавад» [52, с.28-31].

Дарвоқеъ, донишмандони маъруфи тоҷик Давлатзода С.Х. ва Комилӣ А.Ш. вобаста ба осори Муҳаммад Закариёи Розӣ оид ба илми табииётшиносӣ дар таълифоти илмии хеш чунин қайд намудаанд: «... Маъруфтарин асари Муҳаммад Закариёи Розӣ дар бораи оптикаи ҳандасӣ «Китоб фӣ кайфиййа ал-абсор буййина фиҳи ан ал-абсар лайса йакуну би шуъа йухраҷу мин ал-айн ва йункаду фиҳи ашкал мин китаб Уқлидус фи-л-маназир» («Китоб андар хосияти биноӣ, ки дар он исбот гардидааст, ки биноӣ тавассути нури чашм ҳосил намегардад ва ақидаи китоби Уқлидус дар бораи биноӣ инкор карда мешавад»). Дар замони асрҳои миёнаи олами ислом ақидаи ботиле вуҷуд дошт, ки бинобар он гӯё сабаби дидашавандагии ҷисмҳо он аст, ки аз чашм нур берун меояд ва ба ҷисм меафтад, ки пайдоиши дидор мегардад. Ин ақидаи нодуруст аз китоби «Оптика»- и донишманди Юнони Қадим Уқлидус сарчашма мегирифт, ки онро Муҳаммад Закариёи Розӣ дар рисолаи номрафтааш исбот кардааст. Ӯ тарафдори он буд, ки нур аз арҷоми мунир ба моданди Офтобу ситораҳо пайдо шуда, ба ҷисмҳо меафтад ва инъикоси он дар чашми инсон боиси пайдоиши дидор мегардад. Бояд гуфт, ки маҳз Муҳаммад Закариёи Розӣ дар бораи оптикаи ҳандасӣ ба Абуалӣ ибни Ҳайсами Берунӣ низ таъсир расонидааст» [123, с. 113-117]

Бояд зикр намуд, ки дар таърихи илму техникаи тоҷик Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ аз поягузорони физикаи амалӣ ба ҳисоб меравад. Агарчанде баъзе муаррихони илм Абурайҳони Беруниро поягузори физикаи амалӣ дар асрҳои миёнаи олами ислом меҳисобанд, ба ақидаи мо Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ, ки камаш як аср пеш аз Абурайҳони Берунӣ зиндагӣ карда ба масъалаҳои илми табиӣ аз ҷиҳати корбурдӣ (амалӣ) машғул шудааст, барҳақ ӯро поягузори илми таҷрибӣ ҳисобидан равост.

Албатта Абурайҳони Берунӣ ҳамчун шогирди Муҳаммад Закариёи Розӣ дар роҳи муайян намудани вазни хоси ҷисмҳо ба дастовардҳои чашмгир ноил гашта, натиҷаҳои бадастовардаи вай аз натиҷаҳои имрӯза, ки бо дастгоҳҳои дақиқтар ва техникаҳои ҷадид ба даст омадааст, тафовути хеле кам дорад. Физикдони рус О.Д. Хволсон дар асари худ «Курс физики» соли 1923 усули ба миён овардаи

Абурайҳони Беруниро барои муайянсозии вазни хоси ҷисмҳо дар радифи усули тарзҳои муосир қарор додааст.

Албатта Абурайҳони Берунӣ масъалаҳои марбут ба илмҳои риёзиву табииётшиносиро дар чандин асарҳои энсиклопедиаш ба монанди «Қонуни Масъудӣ», «Китоб-ут-тафҳим» ва рисолаҳои махсуси ҷудогонааш ва ҳамчунин дар мукотибааш бо Шайхурраис Абуалии Сино роҷеъ ба «физика»-и Арасту низ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Қобили тазаккур аст, ки Абурайҳони Берунӣ баъд аз Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар баробари Абуалӣ ибни Сино амалияи усулҳои таҷрибавиро ба таърихи илм ворид намудааст. Абурайҳони Берунӣ тавассути асбоби ихтироъкардаи худ (Ҷадвали 3.1.1.) вазни хоси чандин навъи моддаҳоро муайян кардааст, ки аз нишондоди замони муосир фарқи кам дорад. Ҳоло барои намуна чанде аз онҳоро дар шакли ҷадвал меорем.

**Ҷадвали 3.1.1. – Муқоисаи вазни хоси моддаҳо аз рӯйи нишондоди Абурайҳон Берунӣ бо нишондоди замони муосир***

| Модда | Нишондоди Берунӣ | Нишондоди муосир |
|---|---|---|
| Тилло | 19,05 | 19,25 |
| Нуқра | 10,43 | 10,50 |
| Мис | 8,70 | 8,93 |
| Оҳан | 7,87 | 7,86 |
| Қалъагӣ | 7,31 | 7,28 |
| Симоб | 13,58 | 13,55 |
| Сурб | 11,33 | 11,34 |
| Зумуррад | 2,75 | 2,67-2,77 |
| Каҳрабо | 0,85 | 1,05-1,10 |

*Манбаъ: Комили Абдулхай. Вклад Абу Райхана Беруни в развитии физико-математических наук // Abu Rayhon Beruniy ilmiy merosining jahon fani rivojidagi o’rni. – Toshkent, 2023. [– С. 202-211].

Гуфтан ба маврид аст, ки Абурайҳони Берунӣ ва Абуалӣ ибни Сино дар мукотибаи илмиашон масъалаи суръати нур ва суръати садоро аз ҷиҳати назариявӣ бо мисоли мушаххас мавриди баррасӣ қарор додаанд, ки дар ин мукотиба суолкунанда Абурайҳони Берунӣ ва ҷавобдиҳанда Абуалии Сино буд.

Азбаски ҷанбаҳои риёзиву табииётшиносии осори Абурайҳони Берунӣ ва Абуалӣ ибни Сино ба пурраги омӯхта нашудаанд ва ин масъала аз доираи таҳқиқи мо берун аст, ҳаройина бояд гуфт, ки баъзе аз суолҳои вобаста ба илми физикаро дар осори энсиклопедии Ибни Сино аз қабили «Донишнома», «Китоб-уш-шифо», «Китоб-ун-наҷот», «Ал-Қонун фи-т-тиб», ҳамчунин дар рисолаҳои фалсафию табииётшиносии донишманд аз қабили «Меъёр-ул-уқул дар фанни ҷарри исқол», «Рисола фи асбоб-ар-раъд», «Қурозаи табииёт» вохӯрдан мумкин аст.

Рисолаи «Меъёр-ул-уқул»-и Абуалӣ ибни Сино доир ба илми ҳийал (механика) ба забони форсӣ-тоҷикӣ таълиф гаштааст. Ин асар иборат аз панҷ боб буда, дар он тарзи корҳои фашанг, бо кӯмаки қувваи андак бардоштани ҷисмҳои вазнин, истифодаи фона, ғарғара, пайвастакунии ғарғараву фашанг ва истифодаи дигар асбобҳои «илми ҳийал» нишон дода шудааст.

Лекин як нукта ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки ҳам Абурайҳони Берунӣ ва Абуалӣ ибни Сино дар таърихи илм шогирдони Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ маҳсуб мешаванд. Ва ҳатто Абурайҳони Берунӣ, чуноне ки зикр кардем, рисолаи махсусе дар бораи осори Муҳаммад Закариёи Розӣ таълиф карда, ба хотири эҳтироми устодаш феҳрасти осори худро низ баъд аз осори ӯ нишон додааст.

Аз ин хотир бояд гуфт, ки таъсири осори Муҳаммад Закариёи Розӣ натанҳо дар ҷаҳонбинии илмии Абуалӣ ибни Синою Абурайҳони Берунӣ ва дигар донишмандони табииётшиноси Хуросону Мовароуннаҳр, ба монанди Абдураҳмони Хозинию Музаффари Исфизорӣ ва дигарон нақши муҳим бозидааст, балки дар ташаккулу ҷаҳонбинии донишмандони Аврупои лотинӣ низ нақши муайян гузоштааст.

Дар асрҳои минбаъда ҳангоми омӯзиши масъалаҳои раддабандии илмҳо, донишмандони Шарқи асримиёнагӣ фалсафаро ба ду бахш: назариявӣ ва амалӣ тақсим намудаанд. Дар ин ҷо донишҳои илмӣ, ки талаботи рушди иҷтимоию иқтисодии ҷамъияти феодалиро инъикос менамуданд, дар асоси ин пояи нави таърихию фарҳангӣ боз ҳам инкишоф ёфтанд. Зуҳури соҳаҳои нави дониш, таснифоти илмӣ ва аниқ муайян кардани доираи масъалаҳоеро, ки ба ҳар кадоми онҳо дохил мешаванд, талаб мекард. Таҳти таъсири рушди илмҳо бар мабнои

донишҳои Юнони Қадим ҳанӯз дар асри IX талошҳои ба низом даровардани донишҳои ҷамъшуда ва таҳияи раддабандии илмҳо сурат гирифтанд.

Донишмандони машҳури асрҳои миёнаи олами ислом барои таҳқиқ ва омӯзиши раддабандии илмҳои замони худ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамудаанд. Ба монанди: «…Яъқуб ибни Исҳоқ ибни Саббоҳ ал-Киндӣ (801-873), Абубакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳё ар-Розӣ (865-925),Абунаср Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-Форобӣ (870-950), Абуалӣ Ҳусайн ибни Абдулло ибни Сино(980-1037), Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибн и Юсуф ал-Котиби Хоразмӣ (асри X) Абулфараҷ Муҳаммад ибни Исҳоқ ан-Надим (909-990), Шаъия ибни Фариғун, Абухайён ат-Таҳидӣ, Ҷалолиддин ас-Суютӣ (1445-1505), Абулҳасан ал-Ҳуҷвирӣ, Фахруддин ар-Розӣ (асри XII) Абуҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-Ғаззолӣ (1058-1111), Шиҳобиддин ас-Сухравардӣ (асри XII), Абусаид Абдураҳмон ибни Муҳаммад ибни Халдун (1332-1406) ва дигарон» [43, с.559].

Ал-Киндӣ дар Шарқи исломӣ аз аввалин донишманде ба ҳисоб меравад, ки ба омӯзиши масъалаи таснифи илмҳои замонааш машғул шудааст. Номи пурраи ӯ Абуюсуф Яъқуб ибни Исҳоқ ибни Сабоҳ ал-Киндӣ буда, соли 801 дар шаҳри Куфаи Ироқ ба дунё омадааст. Донишманд аз нажоди араб аст, аз ин рӯ, ӯ лақаби ифтихории «Файласуфи араб»-ро гирифтааст.

Ал-Киндӣ дар ибтидои авҷи эҷодиёти худ ба Бағдод омада, фаъолияташро назди халифаҳои Аббосиён – Маъмун (813-833) ва Муътасим (833-842) оғоз карда, шуҳратёр гардид. Ӯ аввалин файласуфи араб, энсиклопедисти маъруфи асрҳои миёна дар адабиёти лотинӣ бо номи Alkindus-Алкиндус машҳур аст.

Ал-Киндӣ ҳамчун файласуф ва риёзидони маъруфи замонааш мероси юнониён, ҳиндуҳо ва форсҳои бостонро хеле хуб медонист. Ӯ осори худро ба бахшҳои мухталифи дониш бахшидааст, махсусан мантиқ, фалсафа, тиб, риёзиёт, ҳандаса, нуҷум ва мусиқӣ.

Дар хусуси осори ал-Киндӣ сухан ронда, бояд қайд намуд, ки фикру ақидаҳо оид ба шумораи онҳо мухталифанд, зеро дар бораи теъдоди осори ӯ дар осори Ибни Надим (ал-Феҳрист), ал-Кифтӣ (Ахбори Ҳукома) маълумот мавҷуд аст, ки

онҳо тахминан 238 ададро ташкил медиҳанд, аммо Саид Андалусӣ қайд мекунад, ки тақрибан панҷоҳ адад аст.

Аксарияти асарҳои ал-Киндӣ аз байн рафтааст. Дар солҳои 30-юми асри XX шарқшиноси немис Х. Риттер дар китобхонаи Айя-Сафия (Истамбул) таҳти рақами 4832 нусхаи аслии маҷмуаи рисолаҳои ал-Киндиро бо забони арабӣ пайдо кард, ки дар он мавзуоти улуми мухталиф ва масоили марбут ба фалсафа таҳқиқ карда шудааст. Ба ақидаи ал-Киндӣ вуҷуди ҳар чиз вуҷуди панҷ асли бо ҳам алоқамандро пешбинӣ мекунад, ки онро имконпазир мегардонад - материя, шакл, макон, ҳаракат ва замон.

Ал-Киндӣ яке аз аввалинҳоест, ки ҷаҳонбинӣ, тарзу усулҳо ва осори Арастуро на танҳо ба таври комил ва ҳаматарафа омӯхтааст, балки дар осораш ҷойгоҳи аслиро ба ӯ бахшидааст, ки дар асари «Рисола дар бораи теъдоди китобҳои Арасту ва он чи барои азхудкунии фалсафа зарур аст» («Рисола фи каммия кутуб Аристутолис мо яхтаз илайҳи фи таҳсил ал-фалсафа») инъикос ёфтааст.

Андешаҳои фалсафии ӯ имкон дод, ки дар партави бозёфтҳои ӯ ашё ва кашфиёти зиёде дида шаванд. Ал-Киндӣ бо мутолиаи осори файласуфони юнонӣ ва тарҷумаи китобҳои онҳо дар эҷоди истилоҳоти фалсафии арабӣ саҳми бузурге гузоштааст, ки аз он тамоми файласуфони минбаъдаи мамлакатҳои Шарқи Миёна ва Наздик истифода кардаанд. Ӯ ҳам дар соҳаи мусиқӣ ва тиб, инчунин равоншиносӣ ва фалсафа бо як равиш пурсамар кор кардааст.

Ал-Киндӣ яке аз аввалин мутафаккирони араб буд, ки ба таснифи илмҳои замони худ кӯшиш карда, ба он як қатор асарҳо бахшидааст: «...Таснифи дониши инсонӣ», «Моҳияти илм ва таснифи он», «Рисола дар бораи теъдоди китобҳои Арасту ва он чи барои азхудкунии фалсафа зарур аст» [42, с.18] ва ғайра. Аммо, мутаассифона, ба ҷуз рисолаи охирин чизе то замони мо нарасидааст. Вобаста ба ин, мо таснифоти илмии ӯро, ки дар «Рисола дар бораи теъдоди китобҳои Арасту ва он чи барои азхудкунии фалсафа зарур аст» овардааст, ки дар расми 3.1.2. нишон дода шудааст.

Ҳамин тавр, чуноне ки маълум мегардад, ал-Киндӣ дар таснифоти худ ба фалсафа ҷойгоҳи зиёде додааст. Ӯ мисли Арасту «дониши ҳар чизи мавриди таҳқиқ»- ро ба бахши фалсафа нисбат дода, онро «дониш дар бораи ҳама чиз» номидааст. Ӯ фалсафаро ба дониш ва фаъолият, хиради назарӣ ва амалӣ тақсим кардааст.




**Расми 3.1.2. - Таснифоти теъдоди китобҳои Арасту***

*Манбаъ: муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия намудааст.

Дониш ба ақидаи ӯ ҷузъи ақлонӣ ва фаъолият ҷузъи нафсонист. Илми назариявӣ (ё ҳикмат) ба ақидаи ал-Киндӣ шомили риёзиёт, табиатшиносӣ ва илоҳиёт аст. Илми амалӣ - ахлоқ, манзил, сиёсати маданиро дар бар мегирад. Ӯ таълимоти худро дар бораи се марҳалаи маърифати илмӣ (марҳалаи аввал мантиқ ва риёзиёт, дуюм табиатшиносӣ ва сеюм ба донишҳои метафизикӣ бармегардад) бо аҳкоми калом муқоиса кардааст. Ал-Киндӣ бар асоси донишҳои табиатшиносии (натурфалсафии) худ тахминҳои схоластикии мутакаллиминро рад карда, ба нақши умдаи улуми риёзӣ ва табиатшиносӣ таъкид кардааст.

Бояд гуфт, ки ал-Киндӣ дар андешаронӣ ва муайян кардани вазифаҳои фалсафа ба Арасту хеле наздик буд ва гуфтан мумкин аст, то андозае пайраи ӯ ҳам буд. Аз ин рӯ, волотарин фалсафа, аз назари ал-Киндӣ «фалсафаи аввал» аст, ки ба андешаи ӯ ин илм ҳақиқати аввал мебошад.

Ба ақидаи ал-Киндӣ: «...ашёи олами моддӣ танҳо аз тариқи омӯзиши сифатҳои аслии онҳо – миқдор ва сифат шинохта мешаванд ва асоси ҳамаи илмҳои дигар фанҳои риёзӣ мебошанд, ки аз онҳо арифметика (ҳисоб) ва гармония (мусиқӣ) ба миқдор, ҳандаса ва нуҷум ба сифат сарукор доранд. Пас аз риёзиёт, мантиқ, илми табиӣ (физика), равоншиносӣ, метафизика, ахлоқ, сиёсат меояд » [144, с.130-146].

Ҳамин тавр, ал-Киндӣ дар таҳқиқи масъалаҳои фалсафӣ ба риёзиёт мавқеи махсус додааст. Ба ақидаи донишманд: «...фалсафа ҳамчун илм бар пояи риёзиёт бино ёфтааст» [42, с.19].

Бинобар таснифоти ал-Киндӣ ба илмҳои риёзӣ, илми ҳисоб (арифметика) ва мусиқӣ (гармония), ҳандаса (геометрия) ва нуҷум (астрономия ва астрология) шомил мешаванд [42, с.44]. Илми ҳисоб (арифметика), аз назари ал-Киндӣ, миқдори оддиро меомӯзад, яъне миқдоре, ки ҳисоб кардан, ҷамъ ва тарҳ кардан мумкин аст. Ба гуфтаи ал-Киндӣ, дониши мукаммали фалсафиро, пас аз гирифтани дониши риёзӣ ба даст овардан мумкин аст, ки ба андешаи мо низ дуруст аст.

Таснифоти ал-Киндӣ дар асоси омӯхтани хусусияти ашёи объективӣ, ашёи олами беруна ва фарқ кардани аломатҳои онҳо, минбаъда дар таҳқиқ ва муайян

намудани ашё ва ҳалли масъалаҳои илмии назариву амалӣ нақши муҳиме бозидааст.

Тафаккури ақлгароёна (ратсионалистӣ)-и ал-Киндӣ барои ташаккули ва инкишофи ҷаҳонбинии мутафаккирон ва донишмандони баъдина, махсусан ниёгони тоҷикон аз қабили Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ, Абунаср Муҳаммади Форобӣ, Абурайҳон Муҳаммади Берунӣ, Абуалӣ ибни Сино ва дигарон таъсир гузоштааст.

Донишмандони арабзабони асрҳои миёна дар баробари низомҳои таснифот, ки барои фарогирии ҳамаи илмҳо пешбинӣ шудаанд, ҳамчунин «... низомҳои мушаххасеро, ки соҳаҳои муайяни донишро дар бар мегиранд» [47, с.13]. таҳия кардаанд. Чунин низом таснифоти химияро дар бар мегирад, ки Закариёи Розӣ онро анҷом додааст.

Бояд гуфт, ки Абубакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ воқеан яке аз зумраи он мутафаккирони бузурги форс-тоҷик ба шумор меравад, ки дар ташаккул ва инкишофи донишҳои ақлӣ ва афкори пешқадами фалсафии доншмандони баъд аз худ таъсири бузурге гузоштааст.

Дар ҷавонӣ бештар адабиёт мехонд, шеър менавишт ва ба мусиқӣ алоқа дошт; зебо месуруд ва удро хуб менавохт. Пас аз он, ӯ ба омӯзиши фалсафа, риёзиёт, нуҷум ва алхимия шуруъ кард.

Аммо Абубакри Розӣ дар пизишкӣ ва кимиё истеъдоди хоссае дошт: «...Ӯ, ки соҳиби донишҳои энсиклопедӣ буд, аз худ дар бахшҳои мухталифи илми он замон осори пурарзиши зиёде гузоштааст» [46; 88; 95]. Маълумот дар бораи теъдоди осори ӯ гуногун аст. Теъдоди таълифоту таснифоти ӯро муҳаққиқон аз 164 то 236 номгӯй баршуморидаанд. Осори Абубакри Розӣ ҳамчун дастури илмӣ ва таълимӣ барои омӯзиши кимиё дар Аврупо солҳои тулонӣ хидмат кардааст. Ӯ дар баробари рисолаҳои фалсафӣ ва тиббиаш, инчунин асарҳои зиёде оид ба дигар илмҳо, аз ҷумла илми кимиё, илми табиӣ (физика), риёзиёт (математика), илми ҳайат (астрономия), ки ёдовар шудем, низ таълиф намудааст.

Абубакри Розӣ дар дарбори ҳокими Хуросон Абусаҳл ибни Исҳоқи Мансур (ваф. 915) ба унвони як пизишки мумтоз шуҳрат дошт ва китоби маъруфи тиббии

худро, ки бо номи «Тибби Мансурӣ» машҳур аст, ба ӯ бахшидааст. Яке аз машҳуртарин асари нисбатан хурди ӯ роҷеъ ба илми пизишкӣ «Дар бораи обила ва сурхак» ном дорад, ки дар миёни табибон ва муаррихони илми тиб машҳур мебошад.

Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ таснифоти худро оид ба илми кимиё, яъне химия, ки дар «Китоби сирри асрор» («Китаб сирр ал-асрор») фароҳам омадааст, чунин баён кардааст:

I. Шинохти моддаҳо.

«Моддаҳои маъданӣ.

1) «арвоҳ», яъне моддаҳое, ки дар зери таъсири оташ бухор мешаванд; ба онҳо симоб, аммиак, аутрипигмент ё реалгар ва сулфур дохил мешаванд;

2) «ҷисмҳо», яъне фулуз(металл): тилло, нуқра, мис, оҳан, қалъа, сурб, руҳ;

3) сангҳо: марказит, маъданҳои марганест, маъдани оҳани қаҳваранг, лазурӣ, малахит, фируза, маъдани оҳани сурх, сулфиди сурб ва сулфиди сурма, гаҷ, шиша ва ғайра;

4) витриол: витриоли сиёҳ, витриоли сафед, витриоли сабз, витриоли зард, витриоли сурх;

5) бурак: бураки нон, сода, бураки заргар, бураки зараванд, бураки араб;

6) намакҳо: намаки хуб, намаки талх, намаки санг, намаки сафед, намаки нафт, намаки ҳиндӣ, намаки чинӣ, намаки пешоб, оҳак ва намаки хокистар..» [92, с.38]

Ҳосилаҳо.

II. Моддаҳои наботӣ.

III. Моддаҳои бунёди ҳайвонидошта .

1. Мӯй.
2. Устухон.
3. Косахонаи сар.
4. Мағзи сар.
5. Сафро.

6. Хун.

7. Шир.

8. Тухм.

9. Пӯст

10. Шоххо.

Чи тавре ки мебинем, Розӣ ҳамаи мавзуи фанни химияро ба се бахши асосӣ тақсим мекунад:

1. Маърифати (донистан, шинохтан) моддаҳо;

2. Маърифати асбобҳо;

3. Маърифати амалиёт.

Ҳамин тариқ, ҳамаи моддаҳое, ки тавассути химия мавриди омӯзиш қарор мегиранд, ба се гурӯҳ тасниф мешаванд: «..маъданӣ, наботӣ, ҳайвонӣ» [46, с.60]. Дар навбати худ, моддаҳои минералиро олим ба шаш гурӯҳ тақсим намудааст.

Абубакри Розӣ дар хусуси моддаҳои наботӣ навишта буд, ки олимон ба ин моддаҳо кам аҳамият медиҳанд ва онҳоро кам истифода мебаранд. Аз моддаҳои бунёдии ҳайвонот ӯ даҳ номро номбар кардааст, ки чунин мебошанд: «...мӯй, устухон, косахонаи сар, майна, сафро, хун, шир, тухм, пӯст, шох» [46, с.61].

Ин таснифи кимиёиест, ки Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ таҳия кардааст. Олими машҳури ӯзбекистонӣ академик У.И. Каримов, ки осори кимиёии ӯро таҳқиқ кардааст, чунин қайд менамояд: «..Розӣ кимиёшиноси барҷастаи Шарқи асримиёнагӣ мебошад. Вай бори аввал дар таърихи кимиё таснифоти то ҳол маълуми моддаҳоро (маъданӣ, наботӣ, ҳайвонӣ) дод ва ба як низоми мутаносиб миқдори зиёди маводи воқеиеро, ки ба асбобҳо ва амалиёти кимиёӣ дахл доранд, овард» [46, с.71].

Ҳамаи гуфтаҳои боло, ба назари мо, бешубҳа далели саҳми донишманди маъруфи Шарқи асримиёнагии исломӣ Абубакри Розӣ дар таснифи илмҳои алоҳида буда, он ибтидои коркарди таснифоти илмҳо мебошад. Таснифоти илмии Закариёи Розӣ дар расми 3.1.3. оварда шудааст.

Яке аз асосгузорони таснифоти улум баъд аз Абубакри Розӣ дар Шарқи асримиёнагии исломӣ мутафаккири барҷастаи тоҷик Абунасри Форобӣ мебошад.




***Расми 3.1.3. Таснифоти илмии Закариёи Розӣ****

*Манбаъ: муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия намудааст.

Абунаср Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Тархун (Тарғун)-и Васичии Форобӣ, ки бо муқаллаби «муаллими сонӣ» (дар радифи Бӯалии Сино) яке аз маъруфони олами фалсафаи ҷаҳон маҳсуб меёбад, дар мавзеи Фороб ба дунё омадааст. Ӯ маълумоти ибтидоро дар зодгоҳаш гирифта, сипас дар Бухоро ва Бағдод таҳсили илмро идома дода, муддате дар Эрон зиндагӣ кардааст. Барои дониши энсиклопедистӣ доштан ва хеле машҳур будан, ӯ унвони «Арастуи Шарқ» ва «Муаллими сонӣ»-ро (пас аз Арасту) гирифтааст. Абунасри Форобӣ охирин солҳои умри худро дар Ҳалаб ва инчунин дар Димишқ гузаронида, дар ҳамон ҷо вафот кардааст.

Абунаср Муҳаммад ибни Тархун ал-Форобӣ зиёда аз 160 асар таълиф намудааст, ки метавон онҳоро ба ду гурӯҳ тақсим кард: асарҳое, ки дар шакли шарҳ ба рисолаҳои олимони Юнони Қадим навишта шудаанд ва таҳқиқоти аслие, ки ба таҳияи масъалаҳои мубрами табиатшиносӣ ва афкори иҷтимоӣ ва фалсафии асримиёнагӣ бахшида шудаанд.

I. Рисолаҳое, ки ба шарҳу тавзеҳ, тарғиб ва омӯзиши мероси илмии файласуфон ва табиатшиносони Юнони Қадим бахшида шудаанд, барои ӯ мактаби хубе гардида, барои тадқиқоти мустақилона оид ба масъалаҳои мубрами афкори ҷамъиятию фалсафии асримиёнагӣ замина гузоштаанд.

II. Рисолаҳое, ки дар онҳо масъалаҳои мухталифи соҳаҳои гуногуни илми асримиёнагӣ мустақилона таҳия гардида, масъалаҳои алоҳидаи афкори ҷамъиятию фалсафӣ таҳқиқ карда шудаанд.

Шарҳи муфассали мазмуни осори ал-Форобиро дар таҳқиқоти М.М. Хайруллоев меёбем, ки онҳоро ба ҳафт гурӯҳи зерин тақсим кардааст: «...рисолаҳо оид ба масъалаҳои умумии фалсафӣ; оид ба ҷанбаҳои фалсафии фаъолияти маърифатии инсон; дар бораи ибтидо, мавзуъ, мазмун ва муҳтавои фалсафа ва илмҳои гуногуни мушаххас; оид ба омӯзиши муносибатҳои миқдорӣ, фазоӣ ва ҳаҷмии материя ва ғайра»[93, с.168]. Тавре ки М.М. Хайруллоев дуруст ишора намудааст: «...рисолаҳои Абунасри Форобӣ аз ҷиҳати мавзуъ тақрибан ҳамаи соҳаҳои илми асримиёнагиро фаро мегиранд. Дар маҷмуъ метавон онҳоро доиралмаорифи дониши он замон номид. Чуноне ки аз мазмуни рисолаҳо

бармеояд, Абунасри Форобӣ бештар ба ҷанбаи назариявии улуми мухталиф ва маънои фалсафии онҳо таваҷҷуҳ дошт. Ӯ ҳатто масъалаҳои мушаххаси алоҳидаи як риштаи илмиро ба назар гирифта, ба онҳо на ҳамчун таҷрибагаро, балки ҳамчун назариячӣ, файласуф муносибат мекард» [93, с.168].

Таълимоти ал-Форобӣ қариб ҳамаи масъалаҳои фалсафии он давраро дар бар мегирифт: материя ва инкишофи он, ҳастӣ ва категорияҳои он, хосияти олами органикӣ ва ғайриорганикӣ, иртиботи ҷисмонӣ ва равонӣ, шаклу марҳалаҳои маърифат, таълимот дар бораи ақл, тафаккури мантиқӣ, алоқаи тафаккур ва забон ва ғайра.

Инкишофи таснифи илмҳои Абунасри Форобӣ. Пеш аз гузаштан ба масъалаи таснифи илмҳои ал-Форобӣ, мо бояд дар бораи нуқтаи назари ӯ оид ба масъалаҳои омӯзиши табиат ва вазифаҳои илмие, ки дар осори мутафаккир васеъ инъикос ёфтаанд, мухтасар таваққуф намоем. Абунасри Форобӣ дар осораш ба дониш аҳамияти зиёде медод. Ӯ як фарди бофарҳанг ё бо таври куллӣ як ҷомеаи мутамаддинро бе илму маърифат тасаввур карда наметавонист. Илова бар ин, азхудкунии дониш, ба назари ӯ, шарти асосии мавҷудияти ҷомеаи идеалист.

Ал-Форобӣ дар бисёре аз рисолаҳо борҳо ба нақши дониш дар рушди сифатҳои маънавии инсон баргашта, масъалаи мавзуъ, мазмун, вазифа ва сохтори илмро матраҳ кардааст. Ӯ донишро ба ду бахш: амалӣ, ки онро «ҳунар» ва «санъат» меномид, яъне ба маънои донистани техникаи ягон навъи коре (монанди бофандагӣ, табобатӣ, дуредгарӣ ва ғайра) ва ба назариявӣ, ки тамоми намудҳои илмро дар бар мегирад, ҷудо кардааст.

Бояд гуфт, ки дар ҷодаи донишҳои назариявӣ барои ӯ фалсафа мавқеи асосиро ишғол менамояд. Яке аз барҷастатарин ҷабҳаҳои низоми фалсафии Форобӣ таълимот дар бораи дониш аст, ки ӯ дар бисёре аз рисолаҳои худ ба он таваҷҷуҳи зиёде додааст: «Саволҳои фалсафӣ ва посухҳо ба онҳо», «Моҳияти хирад», «Мулоҳизаҳо», «Сиёсати шаҳрвандӣ», «Дар бораи пайдоиши шаклу ҳодисаҳо» ва ғайраҳо. Ин асарҳо чунин масъалаҳо, ба монанди пайдоиши дониши инсонӣ, муносибати он ба воқеият, донистани воқеияти объективӣ, дараҷаи

шинохти ҷаҳон, шаклу намудҳои дониш, робитаи конкретӣ ва абстракт дар дониш, муносибати байни ҷисм ва рӯҳ ва ғайраро дар бар мегиранд.

Вобаста ба ин, дар асар вазифаи таҳлили рисолаю осори ӯ гузошта шудааст, ки куллан ба таърихи илм, аз ҷумла таснифоти улум, бахшида шудааст. Чуноне ки қаблан ишора гардид, Абунасри Форобӣ дар бисёре аз заминаҳои илмӣ дониши амиқ дошт. Инчунин таъкид кардан мехоҳем, ки ӯ, пеш аз ҳама, ба илмҳои назариявӣ: риёзиёт, мантиқ, тибби назариявӣ, назарияи мусиқӣ ва ғайра алоқаманд буда, дар айни замон илмҳои табиатшиносӣ, филология, назм ва ғайраро ба муваффақият аз худ кардааст. Дониши ҷаҳонӣ ва дониши бузурги илмӣ ба Форобӣ имкон дод, ки аввалин ва мукаммалтарин таснифи илмҳоро барои замони худ офарад, ки он энсиклопедияи донишҳои илмии он замон ба ҳисоб мерафт.

Ба шарофати дониши энсиклопедии худ Абунасри Форобӣ илмҳоро ба таври муфассал тасниф намуда, ин масъаларо аз нуқтаи назари мухталиф таҳлил кардааст. Фаъолияти Абунаср Муҳаммади Форобӣ дар ин самт ва таснифоти муфассали илмҳо дар таърихи инкишофи табиатшиносӣ, афкори фалсафӣ ва дар маҷмуъ маданияти маънавии асрҳои миёна аҳамияти калон дошт. Ҳамин тавр, ӯ дар «Шарҳи душвориҳои муқаддимаи китобҳои якум ва панҷуми Уқлидус» донишро чунин тақсим мекунад, оне ки бо иштироки бевоситаи инъикоси ҳассос (конкретӣ) ба даст оварда мешаванд ва оне ки танҳо бо ақл (абстрактӣ) ба даст оварда мешаванд.

Абунасри Форобӣ дар рисолаи «Китоби расидан ба хушбахтӣ» («Китаб ат-таҳсил-ас-саъадат») ҳамаи донишҳои маъруфро ба назариявӣ ва амалӣ тақсим карда, дар «Китоби дастури роҳи бахт» таснифи илмҳоеро, ки дар асрҳои миёна ба таври умум пазируфта шудаанд, додааст. Ӯ дар асоси анъана фалсафаро ба назариявӣ ва амалӣ ҷудо кард, ки ахлоқ ва сиёсатро фаро гирифтааст.

Абунасри Форобӣ дар рисолаи «Китоби расидан ба хушбахтӣ» фалсафаро ба ду қисмати асосӣ тақсим кардааст:

« 1. фалсафаи назариявӣ (риёзиёт, физика, метафизикаро фаро гирифтааст), ки ҳадафи он донистани ҳақиқат аст.

2. фалсафаи амалӣ (ахлоқ ва фалсафаи сиёсиро фаро гирифтааст), ки ҳадафи он ноил шудан ба некӣ аст» [14, с.34-35].

Ал-Форобӣ асари махсусеро ба масъалаи таснифи илмҳо «Китоб дар бораи тасниф ва таърифи илмҳо» («Китоб фи иҳсо ал-улум ва ат-таъриф») бахшидааст, ё ба таври мухтасар «Таснифи илмҳо»(«Иҳсо ал-улум») меноманд, ки дар сохтори зерин оварда шудааст:

I. Илми забон (забоншиносӣ)

«Калима. Қоидаҳои калима.

1. Илми калимаҳои сода.
2. Илми калимаҳои мураккаб.
3. Илми қоидаҳои калимаҳои сода.
4. Илми қоидаҳои калимаҳои мураккаб.
5. Илми қоидаҳои имло.
6. Илми қоидаҳои қироати саҳеҳ.
7. Илми қоидаҳои назмшиносӣ.

Қоидаҳо:

а) исм ва феъл, ки бо тартиби муайян аъзои як ҷумла ҳастанд, маънии додашударо ифода мекунанд;

б) қоидаҳое, ки барои ифодаи ҳолати ибораҳо ва тартиби калимаҳо таъин шудаанд, яъне қоидаҳое, ки тартиби ибораҳо ва ҳолати онҳоро дар ин ё он забон ифода менамояд»[49, с.60].

Илми мантиқ

Ин илм азбаски бо илми забон шабоҳат дорад, се ҷузъро дар бар мегирад.

II. Илмҳои дақиқ (риёзиёт).

1. Илми ададҳо:

а) илми ададҳо барои мақсадҳои амалӣ;

б) илми ададҳо барои мақсадҳои назариявӣ.

2. Ҳандаса:

а) ҳандасаи амалӣ;

б) ҳандасаи назариявӣ.

3. оптика.

4. астрономия (ситорашиносӣ):

а) астрология;

б) Улуми назариявии ситораҳо (асрономияи риёзӣ) се самтро ба назар мегирад.

5. Мусиқӣ (илми мусиқӣ)

а) илми амалии мусиқӣ;

б) илми назариявии мусиқӣ.

(Илми мусиқӣ ба панҷ бахши калон тақсим мешавад).

6. Илми вазнҳо.

7. Механика.

Навъҳои зиёде дорад. Яке аз ин навъҳо амалист, ки ба қавли донишмандони мо, ҳамчун алгебра ва муқобала маъруф аст. Ин илм, дар ҳақиқат байни илми ҳисоб ва ҳандаса қарор дорад; илми меъморӣ; масоҳати ашё; сохтани асбобҳои нуҷумӣ ва мусиқӣ.

III. Илми табиатшиносӣ

1) Фанҳои табиӣ – гӯш додан ба табиат.

2) Ашёи оддӣ – атмосфера (осмон) ва ҷаҳон.

3) Ташаккул ва нобудшавии ашёи табиӣ.

4) Асоси ҳадафҳо ва фаъолиятҳо.

5) Ашёҳое, ки аз элементҳо иборатанд.

6) Маъданшиносӣ - китоби минерология.

7) Намудҳои растаниҳо – китоби растаниҳо.

8) Намудҳои ҳайвонот – китоби ҳайвонот (зоология) ва ҷонҳо(руҳҳо) (шахс).

Илми илоҳиёт.

1) Мавҷудот ва унсурҳои онҳо.

2) Манбаъҳо.

3) Мавҷудоти бе бадан.

IV. Илми идоракунии шаҳрвандӣ ба ду намуд тақсим машавад:

а) амалҳо, қоидаҳо (суннат, урф) ва хосиятҳои онҳоро «Амал ва меъёрҳои ахлоқӣ» меноманд, ки он дар навбати худ ду фасл ва бахше дорад, ки илми дарки саодатро дар бар мегирад;

б) аммо дигаре қоидаҳоеро тавсиф мекунад, ки барои рушди расму оинҳои наҷиб дар шаҳрҳо ва байни мардум заминаи мусоид фароҳам меоварад.

V. Фиқҳ.

Идеология;

амал.

VI. Илоҳиёти догматикӣ (калом).

Дар ин ҷо вай натанҳо таснифоти аслии дониши инсониро ба миён гузошт, балки ба ҳамаи соҳаҳои илми асримиёнагӣ таърифу таҳлили амиқ дод.

«Иҳсо ал-улум» натанҳо аз он сабаб асари асил дониста шуд, ки ин таснифоти илмҳо аз илмҳои қаблӣ тафовут дошта, аз нуқтаи назари комилан нав дида мешуд, балки аз ҷиҳати миқёс ва амиқи таҳлили масъала ин рисола барои он замон аввалин ва ягона буд. Асари таснифотии ал-Форобӣ, ҳам дар Шарқ ва ҳам дар Ғарб шуҳрати зиёде пайдо кард. Муҳаққиқони минбаъда ҳақиқатан «Иҳсо ал-улум» - ро доиралмаъорифи (энсиклопедияи) илми асримиёнагӣ медонистанд.

Илова бар ин, ал-Форобӣ дар муқаддимаи «Иҳсо ал-улум» ишора кардааст, ки ҳадафи китоб пайваста номбар кардани илмҳои эътирофшудаи умум, баррасӣ намудани муҳтавои фаслҳо ва қисматҳои ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ мебошад, то ба ин васила, ба хонанда имкон диҳад, ки илмҳоро муқоиса намояд, ки кадоме аз онҳо муфидтар, боварибахш ва асосноктаранд. Дар ин ҷо ӯ ҳамчунин таъкид кардааст, ки кӯшиши фош кардани онҳоест, ки аслан аз илм бехабаранду худро ҳамчун ҳамадон ва олим муаррифӣ мекунанд. Дар баробари ин, ал-Форобӣ бо номгӯйи (феҳрист) одии соҳаҳои мухталифи илм маҳдуд нашуда, дар бораи мавзуъ ва ҳар як соҳаи дониши баррасишаванда муфассал истода мегузарад.

Донишманд ҳамаи илмҳоро ба панҷ гурӯҳи калон тақсим карда, ба ҳар яки он нуқтаи назари худро баён менамояд.

Дар илми забон, ки ҳафт бахш дорад, аввал калимаҳоро шарҳ медиҳад ва сипас қоидаҳои онҳоро шарҳ медиҳад.

Мантиқ аз назари Форобӣ илм дар бораи қонунҳо ва қоидаҳои тафаккур аст, ки инсон метавонад бо ёрии он тафаккурро инкишоф дода, андешаҳояшро равшану пайгирона баён намояд ва дар раванди муҳокимаронӣ ба хатоиҳои мантиқӣ роҳ надиҳад. Ӯ ҳамаи қисм ва бахшҳои мантиқро таҳқиқ намуда, воситаҳои гуногуни баёни афкори мантиқиро тавсиф намуда, осори Арастуро оид ба мантиқ шарҳи муфассал додааст. Сохтори умумии таснифоти илмҳои ал-Форобӣ дар расми 3.1.4. оварда шудааст.

Раддабандии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ асосан ба илми кимиё алоқаманд аст ва яке аз беҳтарин раддабандии илмҳо, ки раддабандии умумии донишҳои мавҷудаи он замон мебошад, ин таснифоти арзишманди Абуалии Сино ба шумор меравад, ки ӯ ҳатто дар ин бора рисолаи махсусеро бо номи «Рисала-фи-ақсом-ал-улум» (رساله فی اقسام العلوم) низ таълиф кардааст.

Аз ин рӯ, барои ба хубӣ дарк кардани ҷойгоҳи ақидаҳои табииётшиносӣ, бо номи ахлоқ (этика) мо раддабандии илмҳои асримиёнагиро аз диди Абунасри Форобӣ ва Абуалии Сино муойина хоҳем кард.

Ба ақидаи Ибни Сино ҳамаи илмҳои фалсафӣ ба ду қисм ҷудо мешаванд: назариявӣ ва амалӣ. Ҳадафи қисми назариявӣ донистани ҳақиқат, ҳадафи қисми амалӣ ноил шудан ба некӣ мебошад.

«Илмҳои фалсафа, - мегӯяд Ибни Сино, ба ду намуд тақсим мешаванд: якумаш моро аз аъмоли худи мо огоҳ мекунад ва илми амалӣ номида мешавад, зеро манфиати он ба мо таълим медиҳад, ки мо бояд чи кор кунем, то дар ин дунё корамонро ба тартиб орем ва дар он ҷаҳон умед ба наҷот вуҷуд дошта бошад. Дуввум моро аз ҳолати ҳастии ашё хабар медиҳад, то рӯҳи мо дар дунёи охират шакл бигирад ва саодат бахшад, чунон ки дар ҷои худ шарҳ дода мешавад - ин илмро назариявӣ меноманд» [4].

Ҳар яке аз ин қисмҳо боз ба се намуд тақсим мешаванд. Бахши амалӣ илми идоракунии мардумро дар бар мегирад, яъне сиёсат, илми идоракунии хонаводагӣ, яъне иқтисодиёт ва илми худ, яъне ахлоқ. Ибни Сино вазифаҳои ин илмҳоро равшан нишон медиҳад. Масалан, «...ахлоқ илмест, ки инсон дар нисбати худ чӣ гуна бояд бошад; Иқтисоди хонагӣ илм дар бораи муносибатҳо дар оила,




***Расми 3.1.4. Сохтори умумии таснифоти илмҳои ал-Форобӣ****

*Манбаъ: муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия намудааст.

байни זану шавҳар, падар ва фарзандон, хоҷа ва хизматгорон мебошад...» [4].

Бояд гуфт, раддабандии илмҳоро аз тарафи Абуалии Сино дар шакли нақша аввалин маротиба донишманди тоҷик Абдулҳай Комилӣ дар асараш «Физические труды ар-Рази и Ибн Сины» [155] тартиб додааст ва мо онро барои возеҳ нишон додани ҷойгоҳи дигар илмҳо, масалан илми ахлоқ дар шакли пурратар дар расми 3.2.5. нишон медиҳем. Ва як нуктаи ҷолиброҷ қайд мекунем, ки ҳанӯз дар асри X Шайхурраис Абуалии Сино илми ахлоқро ҷудогона дар радифи илмҳои сиёсат ва иқтисодиёт таъриф додааст ва ин ҷавоби хубест барои онҳе, ки гумон доранд, ки гӯё илми педагогика дар асрҳои миёна вуҷуд надошта бошад.

Қайд намудан лозим аст, ки таснифоти илмҳои асримиёнагӣ аз ҷониби Закариёи Розӣ, Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино ягона набуда, дигар олимоне, ки номи баъзе аз онҳо дар боло зикр гардид, низ дар раддабандии илмҳои замонаашон саҳми босазо гузоштаанд.

Абубакри Розӣ агарчанде ба монанди Абунасри Форобӣ ва Абуалии Сино рисолаи махсусе бо номи «Раддабандии илмҳо» нанавишта бошад ҳам, аммо чи тавре ки дидем, дар раддабандӣ ва таснифи элементҳои химиявӣ дар замони худаш саҳми бузурге гузоштааст.




***Расми 3.1.5. Нақшаи умумии таснифоти илмҳои Ибни Сино****

*Манбаъ: Комилов А.Ш. Физические труды Ар-Рази и Ибн Сины: диссертация ... кандидата исторических наук: 07.00.02 Душанбе, 1991.

## 3.2. Таъсири фаъолияти илмии Абубакри Розӣ ва саҳми ӯ дар таърихи илму техникаи асрҳои миёна

Номи Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар ҷаҳони лотинии аврупоиён асосан дар шакли таҳрифшудаи Абубатер (Abybater) ва Разес (Rhazes, Razes) шинохта мешуд. Дар ин ҷумла вожаи «асосан»-ро ба он хотир зикр кардем, ки номи ӯ баъзан дар шакли таҳрифшудаи бештаре ба монанди Abucbare filins Zacbarie Rafis ва ё Abu bare Zacharias Rafi навишта мешуд. Ва аммо дар Машриқзамин бо лақаби «Ҷолинуси мусулмонон» машҳур буд.

Дар бораи таъсири осори илмии Абубакри Розӣ ба фаъолияти донишмандони Шарқу Ғарб пеш аз ҳама аз асари махсуси Абурайҳони Берунӣ бо номи «Феҳрист кутуб Муҳаммад бин Закарийа ар-Розӣ» («Номгӯйи китобҳои Муҳаммад писари Закариёи Розӣ») бояд ёдовар шуд, ки ӯ дар рисолаи номрафтаи худ баъд аз маълумотномаи ҷолибу дақиқ дар бораи Абубакри Розӣ номгӯйи китобҳои ӯро бо соҳаҳои гуногуни илм раддабандӣ карда нишон додааст. Як нуқтаи ҷолиби дигари асари номрафтаи Абурайҳони Берунӣ дар он аст, ки ӯ ҳамчун рамзи эҳтиром баъд аз номгӯйи асарҳои Абубакри Розӣ, номгӯйи асарҳои худашро то ҳамон соли таълифи рисолааш нишон додааст.

Нуқтаи дигари таъсири осори Абубакри Розӣ ба Абурайҳони Берунӣ дар ин аст, ки Берунӣ дар масъалаи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо аз асари Абубакри Розӣ бо номи «Мизон-ут-табиийа» («Тарозуи табиӣ (физикӣ)») фаровон истифода бурдааст.

Бояд таъкид кард, расмҳои 3.2.2. ва 3.2.3., яъне асбоби ихтироъкардаи Абурайҳони Берунӣ дар бораи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо ва «тарозуи хирад»-и Абдураҳмони Хозинӣ бевосита дар зери таъсири «тарозуи физикӣ» («мизон-ут-табиийа»)-и Абубакри Розӣ пайдо шудаанд.

Абубакри Розӣ дар рисолаи худ «Мизон-ут-табиийа» («Тарозуи физикӣ») ҳам назарияи сохтани тарозу ва ҳам амалияи кор бо онро нишон додааст, ки ворисони ӯ ба монанди Абурайҳони Берунӣ ва Абдураҳмони Хозинӣ аз он истифода кардаанд.




صورت میزان طبیعی که محمد زکریا ساخته است

**Расми 3.2.1. Намуди умумии «Тарозуи физикӣ»-и Муҳаммад Закариёи Розӣ***

*Манбаъ:Абулҳай Комилӣ.Закариёи Розӣ ва «Тарозуи физикии ӯ». – Душанбе: «СИЭМТ», 2016. – С. 47.



**Расми 3.2.2. Асбоби ихтироъкардаи Берунӣ барои муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо***

Манбаъ: Захираи электронӣ. Ҳолати дастрасӣ: https://studme.org/170725/matematika_himiya_fizik/fizicheskie_znaniya_period_srednevekovya_epohu_vozrozhdeniya




**Расми 3.2.3. Тарози ихтироъкардаи Абдураҳмони Хозинӣ бо номи «Тарозуи хирад»***

Манбаъ: Захираи электронӣ. Ҳолати дастрасӣ: https://www.google.com/search.

Албатта, таъсири осори илмии Абубакри Розӣ ба дигар донишмандони олами ислом низ назаррас аст, вале Абурайҳони Берунӣ ва Абдураҳмони

Хозинӣ, ки Абубакри Розиро ба ҳайси устодӣ пазируфта, дар асоси донишҳои назариявӣ ва амалии ӯ корҳои шоёнеро анҷом додаанд, месазад, ки дар сафи аввали шогирдони ӯ қаламдод кард.

Ҳоло мо рӯйхати осори табииётшиносӣ (физикӣ ва химиявӣ)-и ӯро бо се забон фароҳам хоҳем овард. Ба забони асли таълифот, яъне забони арабӣ, ки забони илмии даврон буд ва ба забонҳои тоҷикӣ (забони давлатӣ) ва забони русӣ, ки яке аз забонҳои илмии замони муосир ба ҳисоб меравад. Итминон бар он дорем, ки баъди ошноӣ ақалан бо номи рисолаҳои Абубакри Розӣ бо забонҳои тоҷикию русӣ, хонандагони муосир тасаввур карда метавонанд, ки ӯ то кадом андоза масъалаҳои донишҳои табииётшиносии замонаашро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Рӯйхати осори табиию риёзии Муҳаммад Закариёи Розӣ. Зери унвони «Рӯйхати осори табиию риёзии Муҳаммад Закариёи Розӣ» мо таълифоту таснифоти Абубакр Муҳаммад писари Закариёи Розиро аз рӯйи донишҳои «илми табиӣ» («физика»), «кимиё» («химия»), «риёзиёт» («математика»), «санъати танҷим» («астрология») ва «илми ҳайатшиносӣ» (астрономия) нишон хоҳем дорд.

Таълифот андар «илми табиӣ» («физика»)

1. كتاب سمع الكيان - Китаб сам’ ал-кайан – «Китоб дар бораи табиати [моҳияти] шунавоӣ» – «Книга о природе слуха». Аз номи рисолаи мазкур маълум мегардад, ки он ба соҳаи акустикаи илми табиӣ (физика) бахшида шудааст.

2. الرد على المسمعى فى رده على القائلين بقدم الهيولى - Ар-рад ала ал-Мисма’ӣ фи раддиҳи ала ал-қо’илина биқадим ал-ҳайуло – «Инкори Мисмаӣ андар инкори муътақидиён бар қадимияти ҳайуло» - «Опровержение ал-Мисма’и относительно опровержения убежденных людей в извечности материи». Асари мазкур дар бораи қадимият ва абадияти ҳайуло (материя), яке аз қадимияти «панҷгона»-и ӯ бахшида шуда, аз номгузории он маълум мегардад, ки Абубакри Розӣ дар масъалаи зикршуда ақидаи донишманди ҳамзамонаш ал-Мисмаиро таҳлил кардааст

3. الهيولى الصغير - Ал-ҳайуло ас-сағир – «Ҳайулои кучак» - «Малая материя». Аз номи рисола маълум мегардад, ки ҳайулои кучак шояд ба маънои атом ҳамчун зарраи моддӣ ва ё эҳтимол аҷсоми рӯи Замин дар назар аст. Дар бораи ҳақиқати асар танҳо баъди дарёт ва омӯзиши он хулосабарорӣ кардан мумкин аст.

4. في الزمان و المكان - Фи-замон ва-л-макон) «Андар вақт ва фазо» - «О времени и пространстве». Ин рисола дар бораи мақулаҳои «фазо» ва «вақт» аз назари илми табиӣ ва фалсафӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки онро аз нишондодҳои «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн»-и Носири Хусрав ва дигар сарчашмаҳои асримиёнагӣ маълум аст.

5. في اللذة - Фи-л-лаззат - «Андар лаззат» - «О наслаждении». Ин рисола бештар мазмуни пизишкӣ дорад ва бинобар он, ки Абурайҳони Берунӣ дар радифи рисолаҳои табиӣ зикр кардааст, мо низ онро дар ин радиф ёдовар шудаем.

6. في أن للجسم محركا من ذاته طبيعيا - Фи ан лилҷисм миҳаррикан мин зотаҳу таби’ийан - «Андар он, ки ҳар ҷисм муҳаррики табиии худро дорад» - «О том, что каждое тело имеет своего природного двигателя». Ин рисола воқеан ба илми табиӣ тааллуқ дошта, аз он далолат медиҳад, ки Абубакри Розӣ пештар аз Абуалии Сино дар бораи саромади донишҳои механикӣ изҳори ақида кардааст.

7. في كيفية النخور - Фи кайфийат ан-нахур – «Андар роҳҳои бурриш» - «Трактат о способах резания». Агар мазмуни ин рисоларо аз мавқеи илми табиӣ хулосаронӣ кунем, шояд он бештар мазмуни техникӣ дошта бошад. Эҳтимоли мазмуни тиббӣ доштанаш низ мумкин аст.

8. في العادة و انها لتحول طبيعية - Фи-л-‘одат ва анҳо таҳаввул таби’ийа «Андар ҳодисоти маъмулии табиӣ» - «Об обычном природном явлении». Ин рисола мазмуни табиӣ дорад.

9. في البحث عن الأرض اهي حجرية الاصل ام طبيعية - Фи-л-баҳс ан-ал-арз аҳийа хаҷарийат фи-л-асл ам тинийат - «Баҳс андар он, ки маркази Замин санг аст ё хок» - «О дискуссии о том, что корень земли камень или почва». Аз номи рисола маълум мегардад, ки Абубакри Розӣ то кадом андоза ба умқи

масъалаҳои табииётшиносии замонааш таваҷҷуҳи хоса ва салоҳияти илмӣ доштааст.

10. فى علة جذب المغناطيس الحديد - Фи иллати ҷазб ал-миғнотис ал-ҳадида «Андар сабаби ҷазби миғнотис (магнит) оҳанро» - «О причине притягивания магнитного камня». Аз номи рисола маълум аст, ки ниёгони асримиёнагии мо, аз ҷумла Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ садҳо сол пеш аз донишмандони Аврупоӣ масъалаи сабаби ҷазби магнит оҳанро мавриди таҳлилу таҳқиқ карор додааст.

11. فى الرد على السرخسى فى امر الطعم المر - Фи-р-радд ала ал-Сарахсӣ фи амр та’м ал-мирр - «Андар инкори Сарахсӣ дар бораи тамъи талх» - «Об опровержении Сарахси о горьком вкусе». Аз номи рисола маълум аст, ки он бештар мазмуни тиббӣ дорад.

12. الشكوك على جالينوس - Аш-шукук ала Ҷолинус - «Шубҳа бар Ҷолинус» - «Сомнение на Галена». Ин рисола, ки шубҳа ба яке аз табиби маъруфи Рими Қадим - Ҷолинус (Гален, 129-216) ном дорад, гуфтан мумкин аст, ки шояд мазмуни тиббӣ дошта бошад. Албатта, эҳтимоли ба илми табиӣ ё фалсафа бахшида шуданаш низ вуҷуд дорад, зеро Ҷолинус ҳам донишманди ба истилоҳ гуногунҷабҳа буд.

13. فيما وقع للجاحظ من التناقض فى فضيلة صناعة الكلام - Фи мо вақ’ лил-Ҷоҳиз мин ал-таноқиз фи физилати сина’ати ал-калом - «Андар он, ки бо Ҷоҳиз чи рух дод доир ба зиддияташ бо санъати калом» - «О том, что произошел с Джахизом о противоречии в достоинстве искусства калама». Ин рисола бештар мазмуни фалсафӣ дорад.

14. فى العطش و سبب ازدياد الحرارة ‹لذلك› - Фи-л-‘аташ ва сабаб издийад ал-ҳарорат [лизалика] - «Андар ташнагӣ ва сабаби баландии ҳарорат [бад-он ҷиҳат]» - «О жажде и причине повышения высокой температуры [поэтому]». Аз номи ин рисола маълум аст, ки он мазмуни табиӣ ва тиббӣ дорад.

15. الهيولى الكبير - Ал-ҳайуло ал-кабир - «Ҳайулои бузург» - «Большая материя». Рисолаи мазкур ба илми табиӣ ва фалсафа бахшида шудааст.

16. فی ترکیب -Фи-т-таркиб - «Андар таркиб» - «О сложении». Ин рисола бештар мазмуни табииётшиносӣ дорад.

17. کتاب علی ابن الیمان فی نقضة علی المسمعی فی هیولی - Китоб Алӣ ибн ал-Йаман фи нақзат ало ал-Мисма’ӣ фи ҳайуло - «Китоби Алӣ ибни Яман бар зидди Мисмаӣ дар бораи ҳайуло» - «Книга Али ибн Йамана напротив ал-Мисма’и о материи». Аз номи рисола аълум аст, ки он бар зидди донишманди ҳамзамонаш Алӣ ибни Яман дар масъалаи баҳс дар атрофи фаҳмиши ҳайуло бахшида шудааст.

18. کتاب الآرا الطبیعیه - Китоб ал-аро’ ат-таби’ийа - «Китоби афкори табиӣ» - «Книга естественных мнений». Ин китоб аз номгузориаш маълум аст, ки ба илми табиӣ бахшида шудааст.

19. فی تثبیت الاستحالة ومناقضه من قال ان التغیر کمون و ظهور - Фи тасбийат ал-истиҳолат ва муноқиза ман қола инна ат-тағйир камун ва зуҳур - «Андар тасдиқи номумкинии инкори он, ки гӯяд тағйирот билқувва ва ҳодиса аст» - «О подтверждении невозможного об опровержение того, кто говорил о том, что изменение есть потенциал и появление». Ин рисола сирф мазмуни илми табииётшиносӣ дорад.

20. فی انه یمکن ان یکون سکون و افتراق لم یزل و لا یمکن ان یکون حرکة و اجتماع لم یزل - Фи анҳу йумкин ан йакун сукун ва ифтирақ лам йазал ва ла йумкин ан йакун ҳаракат ва иҷтимо’ лам йазал - «Андар он, ки оромӣ ва ҳамгиройӣ метавонад вуҷуд дошта бошад ва ҳаракат ва ҳамгиройи вуҷуд дошта наметавонад» - «О том, что покой и расхождение могут быть существовать и не может быть существовать движение и схождение». Ин рисола ба илми табиӣ бахшида шуда, аз номгузориаш маълум аст, ки метавон онро саромад ва ё манбаи назарияи номуайянии Ҳейзенберг номид.

21. ما قالت القدما فی المبادی و الکیفیات - Ма қолат ал-қудама фи-л-мубоди ва-л-кайфиййат - «Андар гуфтори пешиниён дар бораи аслият ва роҳҳои усул» - «Что говорили древние о принципе и способах методов». Ин рисола мазмуни табиӣ ва методӣ дорад.

23. فی الفرق بین ابتداء المدة و بین ابتداء الحرکات - Фи-л-фарқ байн ибтидо’ ал-муддат ва байн ибтидо’ ал-ҳаракат - «Андар тафовути байни марҳалаи ҳайуло ва

ҳаракат» - «О разнице между интервалом материи и между интервалом движения». Ин рисола низ ба илми табиӣ бахшида шудааст ва ҳадс зада мешавад, ки ба қонуни импетус бахшида шудааст.

24. فى البحث عما قيل فى كتاب الاستقصات فى طبيعة الانسان - Фи-л-баҳс умма қил фи китоб ал-устуқусат фи табиат ал-инсан - «Андар баҳси он, ки дар бораи табиати инсон ва устуқусот чи гуфтаанд» - «В исследование о чем говорилось в книге ал-устукусат в природе человека». Ин рисола низ мазмуни табиӣ дорад.

25. فى السعر - Фи-су'р - «Андар ҳарорат» - «О каллории (жаре)». Аз номи рисола маълум аст, ки он ба қисми ҳодисаҳои ҳароратии илми табиӣ бахшида шудааст.

26. فى الأزمنة و الاهوية - Фи-л-азминат ва-л-уҳвият - «Андар замон ва макон» - «О времени и пространстве». Рисола ба илми табиӣ ва фалсафа бахшида шудааст.

27. ماجرى بينه و بين ابى القاسم الكعبى فى الزمان - Моҷаро байнаҳу ва байн Аби ал-Қосим ал-Ка'бӣ фи-замон - «Моҷаро байни ман ва Абулқосими Каъбӣ дар бораи замон» - «Дискуссия между мною и Аби ал-Касим ал-Ка'би о времени». Аз номи рисола маълум аст, ки дар он баҳс миёни Абубакри Розӣ ва донишманди ҳамзамонаш Абулқосими Каъбӣ дар бораи чигунагӣ ва фаҳмиши мақулаи «вақт» меравад.

28. فى الرد على حسين التمار على جو السراب - Фи-р-адд ало Ҳусейн ат-Тимор ало ҷав-ус-сураб - «Андар инкори Ҳусайни Тимор дар бораи суроб» - «Об опровержении Хусейна ат-Тимар относительно миража». Ин рисола сирф мазмуни илми табиӣ дошта, ба қисми оптикаи ҳандасӣ бахшида шудааст. Дар он Абубакри Розӣ бо донишманди ҳамзамонаш бо номи Ҳусайни Тимор ҳодисаи «суроб», ки онро баъзан иштибоҳан «сароб» ҳам меноманд, мавриди баҳс қарор гирифтааст.

29. فى أن مركز الأرض ينبوع البرد - Фи 'ан марказ ал-арз йанбу' ал-бард - «Андар он, ки маркази Замин манбаи сардӣ аст» - «О том, что центр Земли это источник холода». Ин рисола ба илмҳои табииётшиносӣ (физика, геология) бахшида шудааст.

30. فى اللذة فيما جرى بينه و بين شهيد البلخى - Фи мачаро байнаҳу ва байн Шаҳид ал-Балхӣ фи-л-лаззат - «Андар баҳси байни ман ва Шаҳиди Балхӣ дар бораи лаззат» - «О дискуссии между мною и Шахид ал-Балхи о наслаждении». Ин рисола низ хосияти мубоҳисавӣ дошта, миёни Абубакри Розӣ ва Шаҳиди Балхӣ дар бораи чигунагии лаззат тасниф шудааст.

31. فى كيفية الاغتذاء - Фи кайфиййат ал-иғтиза’ - «Андар мавриди ғизохӯрӣ» - «О способе питания». Ин рисола бештар мазмуни тиббӣ дорад.

32. فى التركيب أنه نوعان - Фи-т-таркиб ва аннаҳу нав’ан - «Андар таркиб ва ду навъи он» - «О составе и [его] два вида». Рисола мазмуни илми табиӣ дорад.

33. فى جو السراب - Фи джав-ус-сараб - «Андар суроб» - «О миражах». Рисола ба қисми оптика бахшида шудаааст.

34. فى الخيار المر - Фи-л-хийар ал-мирр - «Андар таъми талх» - «О горьком вкусе». Аз номи рисола маълум аст, ки он бештар мазмуни пизишкӣ дорад. Эҳтимоли маънидоди табиии он низ вуҷуд дораад.

35. فى العلة التى لها صار مبترى من بدن لا يلتصق به - Фи ал-иллати ал-лати лаҳо сарин мубтарин мин ал-бадани ла йалтасиқ биҳи - «Дар мавриди норасоии безарар гиреҳ аз бадан ва напайвастан ба он» - «О недостатке не имеющего косяка отдельного от тела [и] не присоединяющегося к нему». Ин рисола ба илми табииётшиносӣ бахшида шудааст.

36. فى معرفة تطريف الاجفان - Фи ма’рифати татриф ал-аҷфон - «Дар мавриди донистани ранг кардани пилкҳои чашм» - «О познании подкрашивания век». Ин рисола бештар мазмуни тиббӣ дошта, эҳтимолияти маънидоди ҳодисаҳои табиӣ низ вуҷуд дорад.

37. كتاب فى ايضاح العلة التى بها تدفع الهوام بالتغذى و مرة التدبير - Китоб фи изаҳ ал-‘иллат ал-лати биҳо тадфа‘ ал-ҳавом би ат-тағази ва миррати ат-тадбир - «Китоб андар фаҳмондани сабаби дарди сар бо далели ғизо» - «Книга о разъяснении причин головных заболеваний из-за питания». Аз номи рисола маълум аст, ки он мазмуни пизишкӣ дорад.

38. كتاب في القوه - Китоб фи-л-қувва - «Китоб дар бораи неру» - «Книга о силе». Аз номи асар маълум аст, ки китоб ба қисми механикаи илми табиӣ (физика) бахшида шудааст.

39. كتاب في اتمام مقاض به القائلين بالهيولى - Китоб фи итмом мақаза биҳи ал-қоилин би-л-ҳайуло - «Китоб дар мавриди бераҳм будан дар нисбати тарафдорони ҳайуло» - «Книга о совершенствовании того, как быть жестоким (по отношению) сторонников материи». Аз номи асар маълум аст, ки китоб мазмуни табиӣ ва фалсафӣ дорад

40. ميزان الطبيعيه – Мизон ат-таби’ийа - «Тарозуи табиӣ (физикӣ)» - «Физические весы». Ин рисола сирф мазмуни илми табиӣ дошта, ҳатто дар он масъалаҳои техникӣ ва муҳандисӣ дар мисоли ихтирои тарозу мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ин рисола ягона рисолаи дар шакли комил боқимондаи бахшида ба илми табиӣ (физика) мебошад, ки дар диссертатсияи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳатто тасвири чунин «тарозуи физикӣ», бо номи рисола ҳамном буда, манбаи пажӯҳишоти назариявии илмӣ ихтирооти Абурайҳони Берунӣ ва Абдураҳмони Хозинӣ қарор гирифтааст, ки тасвири асбобҳои онҳо низ дар саҳфаҳои 124 ва 125 (расми 3.2.2 ва расми 3.2.3) диссертатсияи мазкур нишон дода шудааст.

Ҳоло шарҳи мухтасар дар бораи мазмуни баъзе аз таълифоти бахшида ба «илми табиӣ»-и Абубакри Розӣ сухан хоҳем гуфт. Аввал ин, ки аз номгӯйи баъзе аз ин осор дида мешавад, ки дар назар мазмуни тиббӣ доранд. Дар ин бора бояд гуфт, ки шояд дар раддабандии донишҳои замонааш чунин бошад, аз дигар ҷиҳат, маълум нест, ки он масъалаҳоро ӯ аз лиҳози тиббӣ мавриди баррасӣ қарор додааст ва ё аз лиҳози физикӣ. Зеро, мутаассифона, аксари таълифоти физикии ӯ то замони мо нарасидааст, танҳо номгӯйи онҳо дар сарчашмаҳои мухталиф боқӣ мондаанду халос. Ҳатто аз номгӯйи баъзе аз осори табиии ӯ дида мешавад, ки вай то кадом андоза масъалаҳои ба ин илм бахшидашударо баррасӣ намудааст. Масалан, «Сабаби ҷазби миғнотис (магнит) оҳанро», «Китоб дар бораи неру (қувва)», «Андар суроб», «Китоб дар бораи табиати [моҳияти] шунавоӣ» ва ғайра. Хушбахтона, яке аз рисолаҳои бахшида

ба «илми табиӣ»-и ӯ бо шарофати асари физикдони асри XI-XII форс-тоҷик Абдураҳмони Хозинӣ (1077-1155) – «Мизон ал-ҳикма» («Тарозуи хирад») то замони мо пурра расидааст.

Нуктаи дигар дар мавриди камомӯзиши ва камтаҳқиқии осори Абубакри Розӣ бахшида ба «илми табиӣ» (физикӣ) ин аст, ки теъдоди таълифоти физикии ӯ қариб 2 маротиба бештар аз шумораи асарҳои химиявиаш мебошад. Инро поёнтар баррасӣ хоҳем намуд. Чи тавре маълум аст, дар таърихи илм ва техникаи ҷаҳонӣ Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ бо лақаби «падари илми химия» низ шинохта шудааст, ки донишмандони Шарқу Ғарб эътироф кардаанд.

Худи ҳамин масъала далели он аст, ки донишманде, ки бо теъдоди 22 асари бахшида ба илми кимиёияш «падари илми кимиё» эътироф гардида бошад, бо теъдоди қариб 40 номгӯй асарҳои ба илми физика бахшидашудааш ҳанӯз дар миёни донишмандони муосири Шарқу Ғарб ба таври бояд шинохта нашудааст, ки албатта, омӯзиш ва пажӯҳиши он пеш ва беш аз ҳама ба меросбарони осори ӯ вобаста аст.

Дар таърихи илм ва техника собит шудааст, ки Абуалӣ ибни Ҳайсами Басрӣ (965-1039) ба ғайр аз масъалаҳои оптикаи ҳандасӣ, инчунин ба оптикаи биологӣ таваҷҷуҳ кардааст. Аммо бинобар маълумоти Ибни Абу Усайбиа (1203–1270), Муҳаммад Закариёи Розӣ дар масъалаи оптикаи биологӣ сифатҳо ва хосиятҳои бинишро баён карда, мефаҳмонад, ки биниш бо партоби нур аз чашм сурат намегирад ва ҳукмҳои донишманди Юнони Қадим Евклид (Уқлидус, 325–265)-ро дар ин маврид инкор мекунад. Чунин ақидаро ҳамчунин донишманди дигари форс-тоҷик Фахриддини ар-Розӣ (1150–1210) дар асараш «Мабоҳис-ул-машриқия» низ баён мекунад, ки дар рисолаи «Шубҳаҳо бар Ҷолинус»-и Муҳаммад Закариёи Розӣ инъикос ёфтааст.

Бо итминони комил гуфтан метавон, ки баъди омӯзиш ва пажӯҳиши зарурии осори бахшида ба «илми табиӣ»-и Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ муҳаққиқони таърихи илм мавқеи ӯро дар як радиф бо физикдонони асримиёнагии олами ислом ба монанди Абуалӣ ибни Ҳайсами Басрӣ (965-

1039), Абуалӣ ибни Сино (980-1037), Абурайҳони Берунӣ (973-1048), Умари Хайём (1048-1131), Абдураҳмони Хозинӣ (1077-1155) ва дигарон, ки ҳамаи донишмандони номрафта аз рӯйи синну сол баъди ӯ умр ба сар бурдаанд.

Таълифот андар илми «кимиё» («химия»)

1. المدخل التعليمي – Ал-мадхал ат-таълимӣ - «Андар муқаддимаи [илми кимиё]» – «Учебное введение [к химии]»

2. علل معادن – Илал маъодан - «Сабаби [пайдоиши] маъданҳо» - «Причины [возникновения] минералов»

3. اثبات الصناعة – Исбот ас-синоат - «Исботи [судмандии] санъати [кимиё]» - «Доказательство [полезности] искусства [химии]»

4. كتاب الحجر – Китоб ал-ҳаҷар - «Китоби сангҳо» - «Книга о камнях»

5. كتاب التدبير – Китоб ат-тадбир - «Китоби табдири [таҷоруби кимиёӣ]» - «Книга о методе [химических опытов]»

6. كتاب الاكثير – Китоб ал-иксир - «Китоб андар иксир» - «Книга об эликсире»

7. كتاب شرف الصناعة – Китоб шараф ас-синоат - «Китоб андар фазилати санъати [кимиё]» - «Книга о достоинстве искусства [химии]»

8. كتاب الترتيب – Китоб ат-тартиб - «Китоби тартиб» - «Книга о порядке»

9. كتاب التدابير – Китоб ат-тадобир - «Китоб андар тадбирҳои [таҷоруби кимиёӣ]» - «Книга о методах [химических опытов]»

10. كتاب الشواهد - Китоб аш-шавоҳид - «Китоби иқтибосот» - «Книга извлечений (цитат)»

11. كتاب محن الذهب و الفضة – Китоб маҳн аз-заҳаб ва-л-физат - «Китоб дар бораи озмоишҳои тилло ва нуқра» - «Книга о пробах золота и серебра»

12. كتاب سر الحكماء – Китоб сир ал-ҳукамо - «Китоби асрори ҳакимон» - «Книга о тайнах мудрецов»

13. كتاب السر – Китоб ас-сир - «Китоби асрор» - «Книга тайны»

14. كتاب سر الاسرار – Китоб сир ал-асрор - «Китоби сирри асрор» - «Книга тайны тайн»

15-16. كتابان في تجربات – Китобан фӣ таҷрибот - «Ду китобҳо андар таҷрибаҳо» - «Две книги об опытах»

17. رسالة الى فاتک – Рисола ило Фотик - «Паём ба Фотик» - «Послание Фāтику»

18. منية المتمنى – Манийат ал-мутаманно - «Қавли орзу» - «Обет желающего»

19. رسالة الى الوزير القاسم ابن عبيد الله – Рисола ило вазир ал-Қосим ибн Убайдулло - «Паём ба вазир Қосим писари Убайдуллоҳ» - «Послание визирю ал-Касыму ибн Убайдаллаху»

20. كتاب التبويب – Китоб ат-табвиб - «Китоб андар раддабандии [маъданҳо]» - «Книга о классификации [минералов]»

21. الرد على الكندي في رده على الكيميا – Ар-рад ало ал-Киндӣ фӣ раддиҳи ало ал-кимиё - «Рад бар инкори кимиёи Киндӣ» - «Опровержение «Опровержения химии» ал-Кинди»

22. في الرد على محمد ابن الليث الرسائلي في رده على الكيميائيين – Фӣ ар-рад ало Муҳаммад ибн Лайс ар-расоил фӣ раддиҳи ало ал-кимиёин - «Андар инкори «радди кимиёи»-и Муҳаммад писари Лайси Расоил» - «Об опровержении «Опровержения химиков» Мухаммада ибн ал-Лайса ар-Расāили»

Ҳамаи ин таълифот низоми ягонаро ташкил медиҳанд, ки масъалаҳои гуногуни илми химияро баррасӣ намуда, аз моҳият ва бартарии химия ҳамчун илм, асбобу анҷом то пайдоиши маъданҳо, сангҳо, офаридани доруҳо, озмоиши тилло ва нуқра, усулҳои таҳқиқоти химиявӣ ва ғайраро дар бар мегиранд. Ӯ барои бомуваффақият аз худ намудани илми химия дар таълифоти ба ин илм бахшидааш тавсия медиҳад, ки онҳо бо тартиби муайян омӯхта шаванд.

Баъзе аз онҳо ба маънои фаҳмонда додани хосиятҳои моддаҳо, асбобҳои химиявӣ ва таҳлили равандҳои гуногуни химиявӣ бахшида шудаанд.

Бинобар маълумоти андӯхтаи Розишиноси маъруфи ӯзбекистонӣ Убайдулло Исроилович Каримов: «... химики ҳолландӣ Герман Бургава (1663-1738) дар асари худаш «Элементҳои химия», ки чандин маротиба बознашр гардидааст, кори худро аз рӯйи принсипи «Китоб ал-асрор»-и Закариёи Розӣ тартиб додааст» [46, с.69].

Каримов У.И. ҳамчунин таъкид мекунад, ки ин ду китобҳои – «Китоби асрор» ва «Китоби сирри асрор»-ро Муҳаммад Закариёи Розӣ барои шогирди бухориаш – Муҳаммад ибни Юнус, ки донишманди илмҳои риёзӣ, табииётшиносӣ ва мантиқ будааст, бахшидааст.

«Мо, - менависад Закариёи Розӣ дар муқаддимаи худ, - дар китоби худ ҳамаи он чиро, ки пешиниён Антус, Балбус, Афлотун, Галон, Арасту, Остан, Мария, Стефан, Рисмус, Астус, Демокрит барин файласуфони қадим пинҳон дошта буданд, шарҳ додем. Пифагор, Гиппократ, Сергий, Гераклит, Мариан, Холид ибни Язид ва устоди мо Ҷобир ибни Хайён, он бобҳоеро дар бар мегирад, ки аз замони Гадимун, Ҳермес ва Арасту ҳеҷ кас нанавиштааст» [46, с.69].

Як нуктаи дигарро бояд зикр намуд, ки дар асрҳои миёнаи олами ислом аксари донишмандон бар радди ақидаи муқарризони худ асарҳо таълиф мекарданд. Яке аз ҳамин гуна донишманде, ки бар теъдоди зиёди донишмандони замони худ ба баҳсу моҷаро пардохта бар хилофи онҳо асарҳои раддӣ навиштааст, Муҳаммад Закариёи Розӣ буд. Аз ин рӯ, дигарон низ бар асарҳои ӯ тақриз навиштаанд. Масалан, донишманди маъруфи асри IX олами ислом, файласуф, табиатшинос, риёзидон ва ситорашиноси тавонои замони худ Абуюсуф Яъқуб ибни Исҳоқи Киндӣ (801-873) – муаллифи асарҳои «ат-Танбиҳ ъала ҳуд ал-кимиёин» («Маҳкум ба макри кимиёгарон»), «Фӣ ибтали даъваи ман ядди санъата аз-заҳаб ва-л-физзат» («Дар бораи бемаънии даъвоҳои онҳое, ки даъвои аз худ кардани ҳунари тилло ва нуқраро доранд»), дар охирҳои умри худ ба Муҳаммад ибни Закариёи Розии он замон ҷавон, ки он гоҳ чунин ақида дошт, бархостааст. Ин охирин асари ал-Киндӣ мавриди радди ар-Розӣ буд, ки онро Масъудӣ тасдиқ мекунад ва мегӯяд: «Ал-Киндӣ рисолаҳое бо номи «Ибтал-даъва-л-муддаъин» ва «Фӣ ибтали даъваи ман ядди санъата аз-заҳаб ва-л-физзат» («Бемаънӣ будани иддаои онҳое, ки даъвои аз маъданҳои худ на аз маъданҳои худ [офаридани] тилло ва нуқраро доранд») навиштааст». Худи Закариёи Розӣ менависад: «...Ман нуқтаи назари ал-Киндиро бемаънӣ медонам ва фикр мекунам, ки ин парванда қобили қабул аст» [56].

Дар бораи рисолаи «Паём ба Фотик» бояд гуфт, ки Фотик номи шахс буда, бинобар маълумоти Розишиноси шинохтаи эронӣ Маҳдии Муҳаққиқ, Фотик номи ғуломи халифа Му’тазид – ноиби султаи Шом дар соли 285 ҳиҷрии қамарӣ (898 милодӣ) мебошад.

Қобили тазаккур аст, ки осори кимиёии Муҳаммад Закариёи Розӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қисман аз ҷониби професорон Бурӣ Кимсанов, Зуҳуриддин Юсупов, Каримҷон Ҳусейнов ва Қурбонов Баҳром Раҳмонович низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ҳаройина, қобили ёдоварист, ки таҳқиқи ҳамаҷонибаи танҳо як асари кимиёии ӯ бо номи «Китоби сирр ал-асрор» ба шарқшинос (арабшинос) ва кимиёдони ёдрафта Каримов У.И. шуҳрати ҷаҳонӣ овард. Ҳанӯз ҳам ҳамаи осори то замони мо боқимондаи кимиёии ӯ ба таври бояд мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

Муҳаммад Закариёи Розӣ, ки дар таърихи илму фарҳанги ҷаҳонӣ асосан ҳамчун табиби ҳозиқ ва файласуфи воломақом шинохта шудааст, ҷанбаҳои табииётшиносии ӯ то ҳол омӯхта нашудаанд. Инак, баъди баррасии иҷмолии таълифоти физикиву химиявии ӯ, ҳамчунин аз таълифоташ дар соҳаҳои донишҳои риёзӣ, ситорашиносӣ ва санъати танҷим ёдовар хоҳем шуд.

Азбаски рисолаҳои риёзӣ ва ҳайатшиносии Абубакри Розӣ нисбат ба рисолаҳои кимиёӣ ва физикаш камтар мебошанд ва ё камтар боқӣ мондаанд, ки ҳамагӣ даҳ (10) номгӯйро ташкил медиҳанд, дар рафти тарҷумаи онҳо масъалаи баҳси онҳоро низ баррасӣ хоҳем кард.

Таълифот андар илмҳои риёзиёт, ҳайат ва санъати танҷим:

1. في مقدار ما يمكن ان يستدرک من النجوم عند من قال انها احياء ناطق و من لم يقول ذلک – Фӣ миқдор мо юмкин ан ястадрик мин ан-нуҷум ъин ман қола анҳо аҳёъ нотиқ ва ман лам яқула золик - «Дар бораи шумораи ситораҳое, ки баъзеҳо мегӯянд, зиндаву оқил ҳастанд ва баъзеҳо чунин намегӯянд» - «О количестве звезд, которые могут познать те, кто говорит, что они живые и разумные, и те, кто этого не говорит». Аз номи рисола маълум аст, ки он ба илми ситорашиносӣ

бахшида шуда, дар бораи таҳлили ақидаи онҳое, ки аҷроми осмониро ҷисми зинда мепиндоранд, баҳс мекунад.

2. في الهيأة – Фӣ ҳайат - «Андар ҳайатшиносӣ» - «Об астрономии». Ин рисола, ки танҳо номаш маълум аст ва то замони мо нарасида ва ё ҳанӯз номаълум аст, маълум нест, муаллиф кадом масъалаҳои илми ситорашиносиро дар он мавриди баррасӣ қарор додааст.

3. في علة قيام الارض وسط الفلک – Фӣ иллат қийам ул-арз васат ал-фалак «Андар сабаби воқеияти Замин бар маркази Фалак» - «О причине стояния Земли в центре Неба». Аз номи рисола маълум аст, ки он дар бораи ақидаи геосентрӣ баҳс мекунад.

4. في انه لا يتصور لمن لم يرتض بالبرهان ان ارض كرية و الناس حواليها – Фӣ аниҳ ло ятасаввар лиман лам яртад би ал-бурҳон ан арз карият ва ан-нос ҳаволиҳо - «Касе, ки бо далел қаноат намекунад, тасаввур карда наметавонад, ки замин курашакл аст ва одамон дар атрофи он ҳастанд» - «О том, что не удовлетворяющийся доказательством не может представить, что Земля шарообразна и люди находятся вокруг нее». Ин рисола низ бештар мазмуни ситорашиносӣ дошта, дар он ақидаи онҳое, ки куррашакл будани Заминро тасаввур карда наметавонанд, баҳс меравад.

5. في ان طلوع الكواكب و غروبها من حركة السماء دون حركة الارض – Фӣ ан тулуъ ал-кавокиб ва ғурубаҳо мин ҳаракат ас-самоъ дун ҳаракат ал-арз - «Андар он, ки тулӯъ ва ғуруби ситорагон ба далели ҳаракати Осмон аст, на ба ҳаракати Замин» - «О том, что восход и заход звезд обусловлены движением Неба, а не движением Земли». Рисолаи мазкур низ бештар ба илми ситорашиносӣ бахшида шуда, масъалаи вобастагии тулуъ ва ғуруби ситорагон аз ҳаракати минтақатулбуруҷ баррасӣ гардидааст.

6. في ان الكواكب على غاية الاستدارة ليس فيها نتوء و اغوار – Фӣ ан ал-кавокиб ало ғоят ал-истидорат лайса фиҳо нутуъ ва ағвар - «Андар далели он, ки ситорагон куррашакл буда, барҷастагӣ ва фурӯхамидагӣ надоранд» - «О том, что звезды предельно шарообразны и нет у них возвышенностей и впадин». Ин рисола

номумкинии барҷастагӣ ва фурӯхамидагиро дар бораи ҷисми куррашакл маънидод мекунад.

7. في علة تحرک الفلک علی استدارةٍ – Фӣ иллат таҳаррук ал-фалак ало астадорат - «Андар сабаби ҳаракати даврии Коинот» - «О причине кругового движения Неба». Рисолаи мазкур бештар мазмуни кайҳоншиносӣ дошта, аз номаш маълум аст, сабаби ҳаракати даврии коинот мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

8.في ان الضلع غير مشاركٍ للقطر – Фӣ ан ал-зилъ ғайра машорикин ли-л-қутр - «Андар далели он, ки зовия бар қутр дахолат надорад» - «О том, что угол не причастен к диагонали (диаметру)». Ин рисола, аз номаш маълум аст, ки ба соҳаи ҳандасаи илми риёзиёт бахшида шуда, масъалаи иртиботи кунҷ бо қутр мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

9. كيفية الابصار– Кайфият ал-абсор - «Чигунагии дидор» – «Качество зрения». Рисолаи мазкур ба илми табиӣ (физика) бахшида шуда, дар он масъалаи чигунагии дидор мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Азбаски ки ин рисола то имрӯз дар шакли пурра нарсидааст ва ё кашф нашудааст, ба ғайри номаш чизе гуфтан амри муҳол аст, ки чаро онро Абурайҳони Берунӣ дар радифи асарҳои ба илми табиӣ бахшидаи Абубакри Розӣ ҷой надодааст. Муҳаққиқони муосири Розишинос, аз қабили Маҳмуд Наҷмободӣ, Маҳдии Муҳаққиқ ва Мӯсо Диноршоев ҳам онро дар радифи рисолаҳои риёзӣ ва ситорашиносии Абубакри Розӣ ҷой додаанд. Дар ин бора мо танҳо ҳадс зада метавонем, ки шояд ба хотири баъзе аз қисматҳои физика ва ҳатто илми мусиқиро донишмандони асримиёнагии олами ислом ҳамчун илми риёзӣ баррасӣ мекардаанд, шояд бад-ин сабаб дар миёни рисолаҳои риёзиву ситорашиносӣ ҷой дода бошанд.

10. في العلة التي لها يضيق النظر في النور و يتسع في الظلمة – Фӣ ал-иллати ал-лати лаҳо язиқ ан-назар фи-н-нур ва ятасиъ фи-з-зулмат - «Андар сабаби он, ки мардумаки чашм дар рӯшноӣ танг мешавад ва дар торикӣ кушод мешавад» - «О причине, по которой зрачок при свете сужается, а в темноте расширяется». Ин рисола низ ба қисми оптикаи илми табиӣ (физика) бахшида шуда, аз номаш маълум аст, ки масъалаи оптикаи ҳандасӣ ва оптикаи физиологӣ дар он марвиди баррасӣ қарор гирифтааст.

Бояд гуфт, ки масъалаи гелиосентрӣ (офтобмарказӣ) ва геосентрӣ (заминмарказӣ) яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳайатшиносӣ ва кайҳоншиносӣ дар дунёи қадим ва асрҳои миёна ба ҳисоб мерафт. Дар замони қадим ғояи гардиши Замин дар атрофи меҳвари худ аз ҷониби Пифагориён ва Аристархи Сомосӣ (охири IV - нимаи якуми асри III пеш аз милод) эътироф шуда буд. Дар асрҳои миёна риёзидон ва ситорашиноси Ҳиндустон Ариабҳата (тақрибан 476–550) – муаллифи рисолаи астрономии «Ариабхатиам» ва олими машҳури форсу тоҷик, риёзидон ҳайатшинос, ихтироъкор(созандаи устурлоб) ва табиатшиноси барҷастаи замони худ Абусаид Аҳмад ибни Муҳаммад Абдуҷалили Сиҷзӣ (951-1024) назарияи геосентризм (заминмарказӣ)-ро дастгирӣ менамуд.

Аз рӯйи номи рисолааш «Андар сабаби воқеияти Замин бар маркази Фалак» ҳадс зада мешавад, ки Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар масъалаи кайҳоншиносӣ тарафдори ақидаи «заминмарказӣ» («геосентрикӣ») будааст.

Бинобар номгӯйи рисолааш «Андар далели он, ки зовия бар қутр дахолат надорад» маълум аст, ки ӯ дар масъалаҳои ҳандасӣ (геометрӣ)-и риёзиёт низ таваҷҷуҳи хосса доштааст. Агарчанде дар рӯйихати осори физикиаш баъзан рисолаҳои мазмуни пизишкӣ дошта низ ёд мешаванд, дар таснифоти рисолаҳои риёзӣ ва ҳайатшиносиаш низ рисолаҳои мазмуни физикидошта зикр шудаанд. Масалан, рисолаҳои «Чигунагии дидор» ва «Андар сабаби он, ки мардумаки чашм дар рӯшноӣ танг мешавад ва дар торикӣ кушод мешавад» бештар мундариҷаи физикӣ дошта, ба оптикаи ҳандасӣ ва биологӣ (шояд ҳатто оптикаи физикӣ ҳам бошад) бахшида шудаанд. Азбаски аксари рисолаҳои мазмуни табиию риёзидоштаи Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ то замони мо нарасидаанд ва дар сурати дар ягон китобхонаҳои кишваре маҳфуз буданашон, мавриди баррасии муҳаққиқон қарор нагирифтаанд, чизи пурра дар ин ё он масъалаҳои марбут ба донишҳои риёзиву табиӣ гуфтан душвор аст.

Вале, ҳаройина, аз номгӯйи таълифоту таснифоти Муҳаммад Закариёи Розӣ ҳадс задан мумкин аст, ки ӯ чӣ гуна андеша дошта, ба кадом масъалаҳои риёзиву табиии замонааш таваҷҷуҳи хоса доштааст.

Осори донишманди маъруфи форсу тоҷик Абубакр Муҳаммад Закариё ибни Яҳёи Розӣ, ки дар назди аврупоиён бо номҳои Разес (Razes) ва Абубатер (Abubater) маълум аст, нафақат андар такомулу пешрафти афкори фалсафӣ ва тиббии Ховари исломӣ ва Бохтари насронӣ таъсири бузург гузоштааст. Зеро ӯ асосан ҳамчун яке файласуфони маъруфи олами ислом, мушаххасан яке аз барҷастатарин намояндаи мактаби «асҳоби ҳаюло» ва яке аз табиби ҳозиқ ва овозадори асрҳои миёнаи исломӣ ва насронӣ шуҳратёр гардидааст.

Балки ӯ дар ташаккул ва инкишофи донишҳои табиатшиносии олимони Шарқу Ғарб таъсири зиёде расонидааст. Ӯ дар овони ҷавонӣ ба монанди ҳамаи кӯдакони модарзоди соҳибистеъдод қариб ба тамоми соҳаҳои дониш шуғли зиёд дошт. Бинобар маълумоти андӯхтаи Розишиноси маъруфи ӯзбекистонӣ академик Убайдулло Исроилович Каримов: «...дар ҷавонӣ ӯд менавохт, шеър мегуфт, суруд мехонд, илми адабро дӯст медошт» [46], вале азбаски шуғли падараш заргарӣ ва савдогарӣ буд, вай ба заргарӣ бештар мароқ зоҳир карда, ҳаройина то 30 солагиаш ба ҳамаи илмҳои мавҷудаи замонааш: фалсафа, илми кимиё, илми табиӣ (физика), ҳайатшиносӣ, растанишиносӣ ва ғайра устод гашта буд. Танҳо дар 30 – солагиаш ба омӯзишу пажӯҳиши илми тиб ҷиддӣ машғул шуда, то охири умри худ то дараҷае шуҳрат касб кард, ки яке аз чаҳор пизишки маъруфи дунё эътироф гаштааст.

Аз ҳамин лиҳоз, донишманди машҳур, муаррих Ҷорҷ Сартон замони зиндагонии  Закариёи Розиро чунин номидааст: «...асри Муҳаммад Закариёи Розӣ (865-925)». Баъзе аз муҳаққиқон он давраро дар таърихи тамаддуни исломӣ давраи авҷи «васати тамаддуни ислом» номидаанд, ки дарҳақиқат ба давраи авҷи фаъолияти ва эҷодии Муҳаммад Закариёи Розӣ мувофиқат мекунад.

Абубакр Муҳаммад писари Закариёи Розӣ аз зумраи он донишмандони овозадори ниёгон ба шумор меравад, ки ҳанӯз дар замони зиндагиаш шуҳратёр гардида, қариб дар аксари соҳаҳои донишҳои замонааш – физика, математика, химия, фалсафа, тиб, мантиқ, саҳми босазо гузоштааст.

Дар фалсафа ӯ аз бузургтарин намояндаи мактаби асҳоби ҳаюло ба шумор меравад, ки ба ҷаҳонбинии чандин донишмандони баъдинаи худ таъсири бузург расонидааст.

Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ муаллифи асарҳои фалсафии зиёде, аз қабили «Сирати фалсафӣ», «Исбот-ул-маод», «Илм-ул-илоҳӣ», «Синоати ҳикмат», «Нақз-ул-адён», «Китоб-ул-лаззат», «Ал-қавонин-ут-табиийа-фи-л-ҳикмат-ул-фалсафийа», «Ал-қавл фи-л-ҳайюло», «Ал-қавл фи-л-қудамо ал-хамса», «Мақолат фи мо баъд-ут-табиат», «Ал-қавл фи-з-замон» ва амсоли онҳо мебошад, ки дар рушди фалсафаи асрҳои миёна нақши муҳим гузоштаанд.

Осори тиббии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ зиёда аз 60 китобу рисолаҳоро дар бар мегирад, ки бузургтарини он «Ал-ҷомеъ-ул-ҳозир ли синоат-ат-тиб» мебошад, ки бо унвони «Ҳовӣ» ва ё «Ҷомеи кабир» дар таърихи илми тиб машҳур аст. «Ҷомеи кабир» дар асри XIII ба забони лотинӣ ва баъдан ба забонҳои англисӣ ва немисӣ тарҷума шуда, барои табибони Ғарб ҳамчун дастури аввалиндараҷа буд. Вобаста ба таълифи асари номбурда Муҳаммад Закариёи Розӣ дар рисолаи «Сирати фалсафӣ» чунин нигоштааст: «...Ва ҳавсалаву ҷаҳди ман дар талаби дониш то он ҳад буд, ки дар як фан, бахусус ба хати таъвиз беш аз бист ҳазор варақа чиз навишта ва понздаҳ сол аз умри худро шабурӯз дар таълифи «Ҷомеи кабир» («Ҳовӣ») сарф кардаам». [31, с.14-15]

Ховаршиноси шинохтаи англис Эдуард Броун дар асари «Тибби араб» бартарии асари «Ҳовӣ»-ро аз ҳамаи китобҳои тиббии исломи он замон мавҷуда ёдоварӣ кардааст.

«Китоб-ут-тиб-ил-Мансурӣ», ки бо номи «Китоби Мансурӣ» («Китоб-ул-Мансурӣ») машҳур аст, асари дигари Муҳаммад Закариёи Розӣ маҳсуб мeёбад, ки аз даҳ ҷилд иборат буда, ба ҳокими Рай – Мансур ибни Исҳоқ ибни Аҳмад ибни Асади Сомонӣ бахшида шудааст.

Дар мавриди шуҳрат ва мақому мартабаи Муҳаммад Закариёи Розӣ дар илми пизишкӣ ба арзёбии беғаразона ишора мекунем, ки пас аз марги вай Алиасғари Ҳалабӣ таъйид намудааст, иктифо мекунем. Алиасғари Ҳалабӣ гӯяд: «Пизишкӣ набуд, онро Букрот (460-377 пеш аз милоди Масеҳ, муараббӣ

Гиппократ Hippocrates, Ἱπποκράτης) ба вуҷуд овард, пизишкӣ мурда буд, онро Ҷолинус (129-200, муаррабӣ Гален Galenus, Γαληνός ) зинда кард, пизишкӣ пароканда буд, онро Закариёи Розӣ (865-925, лотинишудаи Abubater ва Razes) фароҳам овард, пизишкӣ ноқис буд, онро Буалии Сино (980-1037, лотинишудаи Avicenna) комил кард» [31, с. 5]. Чунин баҳогузорӣ худ далели он аст, ки ӯ дар илми тиб чи қадар саҳми бузург доштааст.

Дар илми кимиё ба қалами Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ 22 адад рисолаҳои гуногун тааллуқ дорад. Дар натиҷаи омӯзиши чанде аз рисолаҳои кимиёии вай, муҳаққиқони таърихи химия ӯро баъзан бо лақаби «падари кимиё» ёдовар шудаанд, ки худ нишондиҳандаи шаъну шуҳраташ дар илми химия ба ҳисоб меравад.

Дар илми физика ба қалами Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ 40 номгӯй рисолаҳои мухталиф мутааллиқ аст, ки мутаассифона то ҳанӯз ба таври бояд омӯхта нашудааст. Дар натиҷаи омӯзишу пажӯҳиши танҳо як рисолаи физикии ӯ, ки бо номи «Мизон-ут-табиийа» («Тарозуи физикӣ»), мо ба хулоса омадам, ки Муҳаммад Закариёи Розиро аз саромадони физикаи амалии форс-тоҷик ҳисобидан равост.

Ҳамин тавр, Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ аз ҷумлаи он донишмандони машҳури форсу тоҷик маҳсуб меёбад, ки тавассути асарҳои ҷовидонаи худ дар пешрафти илму фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми босазо гузоштааст.

Осори пизишкии ӯ тули чанд аср осори беҳтарини тиббӣ эътироф гашта, дар назди аврупоиён мақому манзалати хоса доштааст.

Ӯ аз аввалин табибе буд, ки донишҳои кимиёиро дар илми пизишкӣ татбиқ мекард ва маҳз бад-ин сабаб ӯро асосгузори кимиёи тиббӣ ҳам меноманд. Бузургтарин китоби тиббии ӯ «ал-Ҳовӣ», ки ҳамчун энсиклопедияи тиббии замонааш маҳсуб мегардид, барои пизишкони амаливу донишмандони илми пизишкӣ беҳтарин роҳнамо ва дастурамал ба шумор мерафт. Қисматҳои охири ин асари энсиклопедӣ, бинобар вафо накардани умри муаллифаш, аз тарафи шогирдонаш ба анҷом расидааст. Як нуктаи ҷолиби таълифи ӯ дар ҳамин китоби номрафта он аст, ки вай марбут ба ҳар як бемории таҳқиқшаванда

нуқтаи назари донишмандони юнонӣ, сурёнӣ, ҳиндӣ, арабӣ ва форсиро нишон дода, бо баёни натиҷаҳои таҷрибавии худ ҷамъбаст кардааст. Бояд гуфт, ки чунин тарзи навиштани китоб хусусиятҳои хоси таълимӣ дошта, барои муҳаққиқон ва мутахассисон хеле судманд аст. Қисмати маҳфузмондаи ин китоб дар асри XIII аз тарафи табибони яҳудӣ ба забони лотинӣ тарҷума шуда буд.

Навиштаҳои ӯ дар бораи санги гурда ва пешобдон низ дар асри XIX ба забони фаронсавӣ тарҷума шуда, дар Лион чоп шуда буд. Бояд гуфт, ки муҳаққиқони таърихи илми тибб асоси табобати чандин бемориҳо, аз ҷумла баъзе бемориҳои гинекологӣ ва офталмологиро дар осори тиббии ӯ пайдо кардаанд.

Ӯ даҳҳо асбоби ҷарроҳиро тавсиф намуда, аз аввалин табибе буд, ки барои ҷароҳатбандӣ пахтаро истифода ва тавсия кардааст. Дар бораи табобати дандонҳо ақидаҳои пешқадам дошта, анатомияи дандонҳоро тавсиф карда буд. Ӯ қатъиян зидди кандани дандонҳо буда, барои табобати онҳо якчанд пешниҳодҳо, аз ҷумла гузоштани нафти гарм ва дигар моддаҳоро пешниҳод мекард.

Дар таърихи илми тиб навиштани таърихи беморӣ ҳам аввалин маротиба ба Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ мансуб аст. Ӯ ҳатто дар бораи мавзеи сохтани бемористонҳо ақидаи ҷолиберо пешниҳод кардааст, ки ҷанбаҳои муҳимми экологӣ дорад. Осори тиббии ӯ ба забонҳои лотинӣ, фаронсавӣ ва англисӣ тарҷума шуда, барои инкишофу такомули илми тиб дар Аврупо нақши муҳим бозидаанд.

Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар таҳқиқу омӯзиш ва кашфиёту пешниҳодҳои худ дар соҳаи илми кимиё низ шухрати ҷаҳонӣ касб кардааст. Аз осори ғании ӯ, ки бештар аз 200 номгӯйро ташкил медиҳад, 22 адад ба илми кимиё ва 40 адад ба илми табиӣ (физика) бахшида шудааст. Дар тули солҳои зиёди пажӯҳиши кимиёии худ ӯ дар соҳаи илми кимиё чандин дастовардҳоро ноил гашта, дар соҳаи омӯзиши спирт ва кислотаҳои сулфидӣ кашфиёти бузурге кардааст, ки абадан бо номаш сабт гардидаанд. Ӯ аз аввалин касоне

буд, ки дар илми кимиё кислотаи сиёҳ ва спирти тозаро ҳосил карда буд. Аввалин маротиба дар таърихи илми кимиё моддаҳои мавҷудаи маълуми замони худро раддабандӣ кардааст. Ин раддабандӣ кӯшиши аввалин дар таърихи илми кимиё буд.

Дар соҳаи фалсафа Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ пайрави тарафдорони назарияи атомистии юнониёни қадим буд. Аммо ӯ ақидаи Левкиппу Демокритро кӯр-кӯрона пайравӣ накарда, ақидаи хоси худро дар бораи таълимоти атомистии олам баён кардааст. Масалан, барои Демокрит халоъ мавзее барои ҷойгирии атомҳо бошад, бино бар ақидаи Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ халоъ ду хел буда, метавонад ҳамчун вақт ва ҳаюло яке аз панҷ асосии абадии олам абадӣ вуҷуд дошта бошад. Бино бар таълимоти Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ фазо ва вақт ду гунаанд: фазои нисбӣ ва мутлақ; вақти нисбӣ ва мутлақ.

Ақидаҳои фалсафии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар оянда барои ҷаҳонбинии дигар файласуфони форс-тоҷик ба монанди Шаҳиди Балхӣ, Абуалии Сино, Абурайҳони Берунӣ, Носири Хусрав ва дигарон таъсири муҳим расонидааст.

Ҳарчанд дар бораи осору раддабандии ин донишманди шаҳир пажӯҳишҳои зиёде ба табъ расидаанд, вале бояд таъкид кард, ки баъзе аз бахши фаъолияти вай ҳанӯз ба андозаи кофӣ мавриди баҳс қарор нагирифтааст. Яке аз бахшҳои фаъолияти ӯ « улуми табиӣ», яъне «физика»-и замонааш ба шумор меравад.

Абубакри Розӣ дар бораи таълимоти атомистӣ, категорияҳои фазо ва вақт низ саҳми босазо гузоштааст, ки дар оянда чунин ақидаҳоро бисёре аз донишмандони Шарқу Ғарб таъкид кардаанд.

Ақидаҳои фалсафӣ ва табииётшиносии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розиро дар оянда донишмандони бузурге ба монанди Муҳаммад ибни Юнуси Бухорӣ (асри X), Абуалӣ Ҳасан ибни Ҳасан ибни Ҳайсами Басрӣ (965-1039), Шайхурраис Абуалӣ ибни Абдуллоҳ ибни Алӣ ибни Синои Балхии Бухорой (980-1037), Абурайҳон Аҳмад ибни Муҳаммад Косии Берунии Хоразмӣ (973-1048), Абу Муъин Носир ибни Хусрав ибни Ҳориси Қубодиёнии Балхӣ (1004-

1088), Абулфатҳ Абдураҳмон ибни Мансур Хозини Марвазӣ (1077-1155), Зайниддин Абулфазоил Исмоил ибни Ҳусайни Ҷурҷонӣ (1042-1136), ва дигарон пайравӣ намуда, баъдан такмил низ додаанд.

Муҳаммад Закариёи Розӣ дар таърихи илм натанҳо чун физикдони таҷрибакор маъруф аст, балки ӯ дар соҳаи муайян намудани вазни хоси ҷисмҳо усули наве фарқкунанда аз усули пешиниёну гузаштагон ба миён овардааст.

Ҳанӯз аз замонҳои қадим то охирҳои асри XVIII муайян намудани вазни хоси аҷсом яке аз масъалаҳои муҳимми физикаи амалӣ ба шумор мерафт. Бино ба ривоёти мавҷуда ва маълумоти боэътимоде, ки Абурайҳони Беруниву Абдураҳмони Хозинӣ ва дигар донишмандону муаррихон собит намудаанд, аввалин бор дар таърихи илм ба нобиғаи юнонӣ Аршимидус (Архимед 287-212 пеш аз милод) муяссар гашт, ки вазни хоси ҷисмро муайян созад.

Мувофиқи ривоятҳои мавҷуда Аршимидуси Сиракузии Юнонӣ маҳз бо ҳамин роҳи муайян намудани вазни хос таркиби тоҷи «тиллоӣ»-и шоҳи Сиракуз Ҳирониуси II (Гиерони II, 270-212 пеш аз милод)-ро муайян сохта буд.

Дертар дар садаи аввали солшумории мо олими дигари замони бостон донишманди номии Искандария – Менелай, ки дар ҷаҳони исломии асрҳои миёна бо номи Маналаус машҳур аст, ба ин масъала машғул шуд ва дар ин кор саҳми арзандае низ гузошта буд.

Дар Шарқи исломии асрҳои миёна дар давраи ҳукмронии халифаи Аббосӣ – Абулаббос Абдуллоҳи Маъмун (786-833) бархе аз донишмандон ба монанди Абутойиб Синд Алӣ, Юҳанн ибни Юсуф ибни Ҳорис ва яке аз устодони Абурайҳони Берунӣ Аҳмад ибни Фазли Бухорӣ, ки дар «Байт-ул-ҳикма»-и Бағдод фаъолияти илмӣ доштанд, ба масъалаи муайян кардани вазни хоси аҷсом саҳми худро гузоштаанд.

Баъдтар чуноне ки Абдураҳмони Хозинӣ маълумот медиҳад, дар замони ҳукмронии Сомониён (дар назар аст ҳокими Рай – Абусолеҳ, Мансури Сомонӣ) Муҳаммад Закариёи Розӣ низ ба ин масъала машғул будааст. Чи тавре ки сарчашмаҳои мавҷудаи таърихӣ шаҳодат медиҳанд, Муҳаммад Закариёи Розӣ барои муайян кардани вазни хоси аҷсом натанҳо ба корҳои таҷрибавӣ машғул

будааст, балки дар ин соҳа рисолаи махсусе бо номи «Мизон-ат-табиийа» (яъне «Тарозуи табиӣ» ва ё саҳеҳтараш «Тарозуи физикӣ») таълиф намудааст.

Муҳаммад Закариёи Розӣ агар дар мавриди масъалаҳои оптикаи ҳандасӣ ҳамчун назариётчӣ фикру ақоиди худро иброз дошта бошад, пас дар ҳалли масъалаи муайян намудани вазни хоси ҷисмҳо ӯ ҳамчун физикдони таҷрибакор шинохта мешавад.

Дар илми табиӣ Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ идома ва такмилдиҳандаи ғояҳои атомистикии аввалин донишманди энсиклопедии Юнони Қадим – Зимиқротис (муаррабби Демокрит 460-370) дар олами исломи асримиёнагӣ буд. Ӯ дар радифи устодаш Абулаббоси Эроншаҳрии Нишопурӣ (асри IX) тарафдори назарияи таълимоти атомистӣ буд. Бояд гуфт, ки дар таълимоти атомистӣ ақидаи Абубакри Розӣ аз ақидаи донишмандони пешинааш пурратар буда, барои омӯзиши олимони оянда заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Аммо дар таълимоти атомистӣ ва фаҳмиши табиатшиносию фалсафии фазо ва вақт ӯ аз пешиниёни худ хеле пеш рафта, масъалаҳои мазкурро дуруст ва васеътар шарҳ додааст, ки баъдан таъсири ақидаҳои ӯро дар осори донишмандони табиатшиноси Шарқу Ғарб мушоҳида кардан мумкин аст.

Масалан, бинобар таълимоти Зимиқротис ва пайравони ӯ ҳама чизҳо аз зарраҳои хурди тақсимнашаванда бо номи «атом» иборат буда, дар фазо вуҷуд доштаанд.

Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ чунин ақидаро пайравӣ карда, барои такмили он пешниҳод кардааст, ки дар навбати худ макон ва замон ду хел мешаванд: макони мутлақ ва макони нисбӣ; замон ҳам низ мутлақ ва нисбӣ мебошад. Тавре ки ӯ мегӯяд, фазо ё макони мутлақ, макone бо дарки умумифалсафӣ ва физикӣ аввалу охир надорад ва замон ҳам чунин мебошад. Вале макони нисбӣ-макони фарогири ба мисли макони даруни кӯза ё хона ва ғайра аст. Замони нисбӣ низ тули умри одамизод ва ё ягон ҳодисаи гузарои ҷаҳон мебошад ва замони мутлақ беохир аст.

Бояд гуфт, ки Абубакри Розӣ дар фаҳмиши табииётшиносии мақулаҳои «фазо» ва «вақт» ва назарияи атомистика аз донишмандони пешинаи худ хеле бартарии назаррас дорад.

Ба андешаи ӯ макони мутлақ ва замони мутлақ абадӣ буда, доимо будааст ва ӯ бар қадимияти, ба истилоҳ панҷгона, ки тарафдорони чунин ақидаро дар таърихи илм «асҳоби ҳайуло» меноманд, қоил аст. Ин панҷгонаи «асҳоби ҳайуло» – Худо, ҳайуло (материя) макони мутлақ (фазои мутлақ), замони мутлақ (вақти мутлақ) ва рӯҳ мебошад.

Тавре ки мебинем, ҳайуло (атомҳои ибтидоӣ ба дарки онҳо), фазо (макони мутлақ) ва замон (вақти мутлақ) категорияҳои физикӣ буда, оянда ин андешаҳоро, боз мушаххастар нобиғаи оламшумули тоҷик Абуалӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Алӣ ибни Синои Балхии Бухороӣ (980-1037) шарҳ додааст, ки таҳқиқи он берун аз интихобнамудаи мо мебошад.

Аз чиҳил рисолаҳое, ки Муҳаммад Закариёи Розӣ доир ба «илми табиӣ»-и замонааш таълиф намудааст, то замонӣ мо яке ҳам ба шакли алоҳидаву комил боқӣ намондааст. Вале маълумоти пароканда дар бораи баъзеи он расоил дар таълифоту таснифоти донишмандони мутааддаде сабт шудаанд. Рисолаи «Мизон ат-табиийа»-и ӯро физикдон ва табиатшиноси маъруфи қарни XII Абдураҳмони Хазинӣ дар «Мизон ал-ҳикма» ном китобаш овардааст. «Мизон ал-ҳикма» (яъне «Тарозуи хирад») дар замони мо ба забонҳои лотинӣ, фаронсавӣ, англисӣ, олмонӣ, русӣ ва арабии муосир ба табъ расидааст.

Қобили қайд аст, ки Закариёи Розӣ бар замми файласуфи барҷаста, табиби номдор ва кимиёдони шаҳири замони хеш будан (ӯро муаррихони илм ҳамчун яке аз аввалин ва асосгузорони илми кимиё номидаанд) ҳамзамон физикдони бузурги давронаш ёдовар мешавад. Осор ва андешаҳои пешқадами ӯ ба тадқиқоту таълифоти бештари олимони баъдинаи Шарқу Ғарб таъсири махсусе гузоштааст. Ва бидуни шак метавон гуфт, ки Абубакр Муҳаммад Закариёи Розиро яке аз асосгузорони табиатшиносии классикии форс-тоҷик шинохтан ҷоиз аст. Илова бар ин, бояд гуфт, ки ӯ дар пешрафти илмҳои табиатшиносию

риёзӣ, техникиву муҳандисӣ ва хусусан тиббию фалсафӣ воқеан мавқеъ ва манзалати ҷаҳонӣ дорад.

Муҳимтарин дастоварди илмии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар соҳаи донишҳои техникиву муҳандисӣ ин сохтани тарозуи физикӣ буд, ки дар зери таъсири он донишмандони баъдинаи олами ислом низ ихтироъҳои гуногунро молик шудаанд.

**Хулосаи боби сеюм**

Боби сеюми диссертатсия, ки аз ду зербоб иборат аст, дар он пеш аз ҳама раддабандии илмҳо аз замонҳои қадим, шуруъ аз Юнони Қадим то асрҳои миёнаи олами ислом ба таври мухтасар, вале мушаххас мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Аввалин маротиба таснифоти илмҳои мавҷудаи замонаашро Афлотуни Юнонӣ (428-347) табақабандӣ намуда буд ва ба хотири он ки таъсири таълифоту таснифоти донишмандони Юнони Қадим ба олами исломи асримиёнагӣ хеле зиёд буд, ниёкони асримиёнагии мо низ бар асоси осори замони антиқа, хусусан Афлотуну Арасту раддабандии илмҳои замонаашонро муайян карда ва ҳатто баъзе аз онҳо ба монанди Абунасри Форобӣ, Абуалии Сино, Абуабдуллоҳ Котиби Хоразмӣ ва дигарон рисолаҳои махсусе бо номи «Раддабандии илмҳо» («Рисола фӣ тақсим ал-улум») таълиф намудаанд.

Бояд гуфт ва табиист, ки донишмандони асримиёнагии олами ислом дар таснифот ва раддабандии илмҳои замонаашон аз пешиниёни худ (Юнони Қадим ва Рими Қадим) хеле пеш рафтаанд. Зеро ин як навъ зарурати пешравии таърихи тамаддун мебошад. Раддабандии илмҳои замони антиқа ва асрҳои миёна дар боби мазкур барои ба хубӣ дарк кардани илмҳои мавҷудаи он давра ва мазмуну мундариҷаи он донишҳо дар шакли нақша низ нишон дода шудааст.

Дар зербоби дуюми боби сеюм масъалаи таъсирпазирии осори гаронбаҳои Абубакри Розӣ ба донишмандони баъдинаи Шарқу Ғарб мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар он пеш ва беш аз ҳама, таъсири осори Абубакри Розӣ ба се нафар донишмандони маъруфу ҷаҳоншумули тоҷик Абуалии Сино, Абурайҳони Берунӣ ва Абдураҳмони Хозинӣ қайд гардидааст. Албатта,

таъсири осори ӯро дар таълифоти донишмандони дигари баъдина ба монанди Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Ҳайсами Басрӣ, Ибни Ровандии Мисрӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Муҳаммад ибни Юнуси Бухорӣ ва дигарон низ пайдо кардан мумкин аст.

Чи тавре ки дар боби аввали диссертатсия қайд карда шуд, дар ҷаҳон чаҳор нафар табибони оламшумул эътирофи умум пайдо кардаанд ва бинобар маълумоти Алиасғари Ҳалабӣ пизишкиро Абубакри Розӣ фароҳам овард ва Абуали Сино комил кард. Табиист, ки дар таълифоти «Ал-Қонун»-и Абуалии Сино таъсири «Ал-Ҳовӣ»-и Абубакри Розӣ назаррас аст. Ҳамчунин таъсири осори Абубакри Розӣ ба ҷаҳонбинии донишмандони ҳамзамонаш, аз қабили Абуҳотами Розӣ, Абулқосими Каъбӣ, Шаҳиди Балхӣ, Ҳусайни Таммор, Абуусмони Ҷоҳиз ва дигарон чунон назаррас аст, ки баъзан бар зидди якдигар асарҳо эҷод кардаанд.

Таъсири осори Абубакри Розӣ ба Абурайҳони Берунӣ то он ҳадде аст, ки Берунӣ рисолаи махсусе бо номи «Номгӯйи китобҳои Муҳаммад писари Закариёи Розӣ» («Фиҳрист кутуб Муҳаммад бин Закарийё ар-Розӣ») таълиф карда, ба хотири эҳтирому эътирофи ӯ баъд аз номгӯйи асарҳои Абубакри Розӣ номгӯи асарҳои то он замон таълифкардаи худро низ баъд аз осори устодаш нишон додааст.

Абдураҳмони Хозинӣ бошад, дар асари бисёр арзишманди худ «Мизон-ул-ҳикма» («Тарозуи хирад») рисолаи «Мизон-ут-табиия» («Тарозуи физикӣ»)-и Муҳаммад Закариёи Розиро ба пуррагӣ овардааст, ки далели эътирофи ӯ дар ин самт мебошад.

Дар бораи саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи донишҳои техникӣ ва муҳандисӣ низ бояд чунин зикр намуд, ки ӯ дар ташаккули донишҳои техникӣ низ саҳми босазо гузоштааст. Мисоли равшани ин ақида дар ихтироъи «тарозуи физикӣ»-и ӯ баён мегардад, ки дар сафҳаи 123 диссертатсияи мазкур нишон дода шудааст. Абубакри Розӣ бо ҳамин номи ихтироъкардаи асбобаш рисолаи махсусе низ таълиф кардааст, ки дар борааш сухан рафт.

Дар бораи таъсир ва саҳми Абубакри Розӣ дар таърихи илму техника дар асрҳои миёна бояд гуфт, ки асбобҳои ихтироъкардаи техникии Абурайҳони Берунӣ ва Абдураҳмони Хозинӣ дар соҳаи физика ва химия, барои вазнкашии моддаҳо бар асоси таълифот ва асбоби ихтироъкардаи Абубакри Розӣ пайдо шудааст, ки дар диссертатсияи мазкур нишон дода шудаанд.

Дар ин боб ҳамчунин осори табииётшиносиву риёзии Абубакри Розӣ ба се забон (арабӣ, тоҷикӣ ва русӣ) нишон дода шудааст, ки барои муҳаққиқони оянда Розишинос манфиатовар хоҳад буд. Аз рӯйихати таълифоти табииётшиносӣ ва риёзии Абубакри Розӣ маълум мегардад, ки ӯ то кадом дараҷа дар инкишофи илмҳои риёзиву табииётшиносии замонааш саҳмгузор будааст.

## ХУЛОСАИ УМУМӢ

### 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Хулосаи ҳар боб дар охири боб ҳамчун натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод карда шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ, ки зарурияти омӯзишу татбиқи саҳми Закариёи Розӣ дар рушди илмҳои риёзиву табииётшиносӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст, ҳадафи кор ва масъалаҳои гузошташуда пурра инъикос ёфтааст.

Бояд гуфт, ки аввалин маротиба дар таърихи илм ва техника дар бораи ақида ва саҳми Абубакри Розӣ дар илмҳои риёзӣ, кайҳоншиносӣ ва ҳайатшиносӣ сухан рафтааст ва номгӯйи таълифоти ӯ дар ин соҳаҳо ба се забон: забони таълифи асар, забони арабӣ ҳамчун забони илми замона; забони тоҷикӣ ва забони русӣ, ҳамчун яке аз забонҳои илмии замони муосир нишон дода шудааст. Зеро дар таърихи илм ва техника ҳамеша дар бораи саҳми ӯ дар илми «кимиё» (химия) ва гоҳо «илми табиӣ» (физика) сухан мерафт. Бад-ин васила нишон дода шудааст, ки ӯ нафақат файласуф ва табиб ва ё табииётшиноси физикдону кимиёшинос, балки риёзидон (математик)-и замони худ низ маҳсуб мегардидааст, ки ин паҳлуи таълифоти ӯ камтаҳқиқ ва балки бетаҳқиқ боқӣ мондааст.

Баъд аз омӯзишу пажӯҳиши осори табииётшиносии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ ва саҳми ӯ дар ташаккул ва инкишофи илму техника дар охири рисолаи диссертатсионӣ муҳтавои асосии диссертатсия ба таври зайл хулосагирӣ шудааст:

1. Вазъи илму фарҳанг дар Хуросону Мовароуннаҳр дар замони зиндагии Абубакри Розӣ (асрҳои IX-X) [15-М].

2. Зиндагиномаи мухтасару мушаххаси Абубакри Розӣ бо нишондоди санаҳои дақиқи таваллуду вафоти ӯ [7-М].

3. Пажӯҳиш ва омӯзиши ақидаҳои риёзиву табииётшиносии Абубакр Муҳаммад Заккариёи Розӣ дар таърихи илм ва техника [1-М; 2-М; 4-М; 6-М; 8-М; 14-М].

4. Таҳлили ақидаҳои табииётшиносии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ аз назари таърихи илм [1-М; 13-М; 14-М].

5. Тарбияи шогирдон дар руҳияи илмомӯзӣ, меҳандӯстӣ, ростқавлӣ, поквиҷдонӣ, хирадмандӣ, хоксорӣ ва ғайра дар зери таъсири ақидаҳои илмии Абубакри Розӣ [5-М; 9-М; 10-М; 11-М; 13-М].

6. Водор сохтани хонандагону донишҷӯён ба омӯзиши илмҳои табииву риёзӣ ва техникӣ бар асоси ақидаҳои табииётшиносии Абубакри Розӣ [3-М; 4-М; 12-М; 13-М].

7. Муқоисаи мантиқии ақидаҳои табииётшиносии Абубакри Розӣ бо донишҳои замонааш ва татбиқу тарғиби онҳо дар ҳолатҳои зарурӣ [6-М; 7-М; 13-М].

8. Таъсири фаъолияти илмии Абубакри Розӣ ва саҳми ӯ дар таърихи илму техникаи ҷаҳони ислом [1-М; 2-М; 4-М; 6-М; 13-М; 14-М].

### 1. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Дар ҷараёни таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба асоснок кардан ва истифодаи масъалаи ақидаҳои табииётшиносии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар МТОК ва МТМУ-и кишвар ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот **мо чунин тавсияҳоро** зарур шуморидем:

1. Бардоштҳои маънавӣ дар асоси рисолаҳои Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ «Тибби руҳонӣ», «Сирати фалсафӣ» ва ғайра аз сислсилаи расоили табииётшиносӣву риёзӣ, ки номашон дар диссертатсия зикр шудааст ва аҳамияти илмии онҳо баръало маълум аст;

2. Муҳимтарин бардошти илмӣ дар асоси рисолаи «Мизон-ут-табиия» («Тарозуи табиӣ (физикӣ)»-и Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ, ки аҳамияти илмӣ ва ҳамчунин техникии он дар самти омодасозии асбобҳои физикӣ равшан аст, ба шумор меравад;

3. Омӯзгорон ва донишҷӯёни МТМУ ва устоди МТОК-и кишварро месазад, ки дар вақти таълиму тадриси донишҳои табииётшиносиву муҳандисӣ дар мавридҳои зарурӣ аз ақидаҳои табииётшиносии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ васеъ истифода баранд;

4. Унвонҷӯён ва муҳаққиқони ояндаро, ки ба омӯзиши таърихи илм ва техника машғуланд, месазад, ки дар пажӯҳишоти худ аз осори гаронбаҳои дорои мазмуни табиийётшиносиву техникидоштаи Абубакри Розӣ истифода баранд;

5. Устодонро месазад, ки насли наврасро натанҳо дар руҳияи омӯзиши осори ниёгон алалхусус дар равияи таърихи илм ва техника тарбият намоянд ва бад-ин васила ба осори ниёгони оламшумули форс-тоҷик арҷгузорӣ намоянд, ки яке аз консепсияҳои омӯзиши таърихи илм ва техника ба шумор меравад;

6. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ ва тавсияҳои методӣ дар риштаи таърихи илм ва техника ҳам барои омӯзгорони МТМУ ва ҳам барои устодони МТОК мавриди истифода қарор бигиранд;

7. Маводи диссертатсия метавонад ба бакалаврҳо, аспирантон, докторантон ва унвонҷӯён, ки дар ихтисоси таърихи илм ва техника, ба хусус таърихи донишҳои риёзиву табиийётшиносӣ ва техникӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр ва назарияи таърихи илм ва техника кумаки амалӣ ва методӣ бирасонанд;

8. Маводи диссертатсия метавонад ҳамчун дастури таълимӣ ва илмӣ ҳангоми навиштани таҳқиқоти бунёдӣ доир ба таърихи илм ва техника дар дохилу хориҷи кишвар, ҳангоми навиштани рисолаҳои илмии тахассусӣ дар ин соҳа хизмат кунад.

9. Дар МТОК-и равияи табиийётшиносӣ таъсиси курсҳои махсуси таърихи илм ва техника бо дарназардошти саҳми ниёгони асримиёнагии тоҷикон, аз ҷумла Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ барои ҷаҳонбинии илмиву таърихии донишҷӯён марфиатовар хоҳад буд.

Хулоса, бо итминони комил гуфтан мумкин аст, ки номи Абубакри Розӣ натанҳо дар радифи табибон ва файласуфони маъруфи форс-тоҷик, балки дар радифи табиийётшиносон ва риёзидонони ниёгони мо низ қарор мегирад, ки дар сафҳаҳои таърихи илм ва техникаи ҷаҳонӣ тамоман камтаҳқиқ боқӣ мондааст.

Бояд гуфт, ки омӯзишу пажӯҳиши ҳамаҷониба ва амиқу густурдаи осори табиийётшиносиву риёзии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ, хусусан дар роҳи

сохтани асбобҳои техникӣ бар асоси сарчашмаҳои муътамади камтаҳқиқ ва ҳатто таҳқиқнагардида дар таърихи тамаддун аҳамияти хоси илмӣ-таърихӣ дорад.

Месазад, ки Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ ҳамчун яке аз саромадон ва асосгузори донишҳои амалии табииётшиносӣ ва ихтироъкори асбобҳои техникӣ, мушаххасан тарозуи физикӣ пазируфта шавад ва ба ҷаҳониён муаррифӣ карда шавад.

# НОМГӮЙИ АДАБИЁТ

## Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ


[1]. Абдураҳмон Ал-Хозинӣ. Китоби Мизон-ул-ҳикма. [Матн] / А. Хозинӣ – Ҳайдарободӣ, 1350ҳ.- 583с.

[2]. Абу Мансур Абдумалик ибни Муҳаммад ас-Саолабӣ. Ятимат ад-дахр [Матн] / А.Саолабӣ.– Димишқ, 1887. – Ҷ.4.

[3]. Абуали ибн Сино и его эпоха: к 1000-летию со дня [Текст] / Изд-во "Дониш" – Душанбе, 1980 - 215с.

[4]. Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб [Матн] / А. Сино. – Душанбе, 1980. – Ҷ.1. – С. 477.

[5]. Абубакр ар-Рази. Духовная медицина [Текст]./ Абубакр ар-Рази – Перевод с арабского Т.Мардонова. Спецредактор М.Диноршоев. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 88с.

[6]. Абуисҳоқ Иброҳим Истахрӣ. Масолику-л-мамолик [Матн] / И. Истахрӣ; Таҳияи Эраҷи Афшор. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1367ҳ. – 356 с

[7]. Абу-л-Фазл Бейхаки. История Масуда. [Текст] / Абу-л-Фазл Бейхаки – М.: Наука, 1969. – С. 209.

[8]. Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ. Таърихи Байҳақӣ [Матн] / А. Байҳақӣ; бо тасҳеҳи Алиакбари Файёз. – Машҳад: Интишороти Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад, 1350ҳ. – 1088 с.

[9]. Абурайҳон Берунӣ. Осор-ул-боқия [Матн] / А. Берунӣ.- Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с.

[10]. Айнӣ С. Тирози ҷаҳон [Матн] / С. Айнӣ // Куллиёт. – Душанбе, 1963. – Ҷ.5. – С. 123-124.

[11]. Алӣ ибни Абулқосим Зайди Байҳақӣ. Татимат сивон ал-ҳикма [Матн] / Байҳақӣ. Ба тасҳеҳи Муҳаммад Шафиъ. – Лоҳур, 1935.

[12]. Ал-Истахрӣ. Масолик ва Мамолик [Матн] / Истахрӣ. – Теҳрон, 1340. – 256 с.

[13]. Ал-Хорезми Мухаммад. Математические трактаты [Текст] / М. Ал-Хорезми . – Ташкент. Фан, 1983. – 306 с.

[14]. Аль-Фараби. Социально-этические трактаты [Текст] / Аль-Фараби. – Алма-Ата: «Наука». Казахской ССР, 1973.- 400с.

[15]. Байҳақӣ А. Таърихи Байҳакӣ [Матн] / Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ; Таҳиягари матн, муқаддима, ҳавошӣ ва феҳристҳо С. Муллоҷон. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 774 с.

[16]. Бартольд В.В. История културной жизни Туркестана [Текст] / В.В. Бартольд. Соч.Т.2. – М.,1963. – С. 207.

[17]. Бартольд В.В. Персидская шуубийя и современная наука [Текст]./ В.В. Бартольд. Соч. Т.7. – М., 1971. – С. 39.

[18]. Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия [Текст]./ В.В. Бартольд. Соч. Т.I. – М., 1963. – С. 267-327.

[19]. Бейхаки А. История Масуда 1030-1041 [Текст] / Абу-л-Фазл Байхаки. – М.: Наука, 1969. – 1009 с.

[20]. Бергер Е.К. Извелечение из книги «Пути и страны» Абу-л-Касыма Ибн-Хаукаля [Текст]./ Е.К. Бергер. – Ташкент: Фан, 1957. – С. 14.

[21]. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна [Матн] / Б.Ғ. Ғафуров – Душанбе, 1983 – Ҷ.1., 1985– Ҷ.2.

[22]. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон [Матн] / Б.Ғ. Ғафуров. – Душанбе, «Нашриёти муосир», 2020. – 415с.

[23]. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадим ва асрҳои миёна [Матн] / Б.Ғ. Ғафуров. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 870с.

[24]. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна ва давраи нав [Матн] / Б.Ғ. Ғафуров. – Душанбе, 2020. – 976 с.

[25]. Главние вопросы изучения истории развития городов Середней Азии - «Труды Тадж филиала АН СССР».- Т.29. – Сталинабад 1951, – С. 15.

[26]. Девонақулов А. Муҳаммад Закариёи Розӣ. [Матн] / А. Девонақулов. - Душанбе: Ирфон, 88 с.

[27]. Диноршоев М. Аз таърихи фалсафаи тоҷик. [Текст] / М. Диноршоев– Душанбе – Душанбе, «Ирфон», 1988.

[28]. Диноршоев М. Плюралистическая философия Абу Бакра ар-Рази. [Текст] / М. Диноршоев– Душанбе: Дониш, 2014. – 400с.

[29]. Завадовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина [Текст] / Ю.Н. Завадовский– Душанбе: Ирфон, 1980.- 340 с.

[30]. Завадовский Ю.Н. Ибн Сина и его филосафская полемика с Бируни [Текст] / Ю.Н. Завадовский– Ташкент, 1953. – 143с.

[31]. Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор [Матн] / Закариёи Розӣ. Тарҷума ва таҳияи А.Девонақулов, М.Бақоева, С.Раҳимзода.– Душанбе: Адиб, 1989.– 158 с.

[32]. Заҳабӣ Муҳаммад ибн Аҳмад. Сияру аъломин-нубало [Матн] /М. Заҳабӣ. – Бейрут, 1406 ҳ.қ.(1986) – Ҷ.15. – С 291.

[33]. Ибн Сина. Переписка Беруни и Ибн Сина [Текст] / А.И. Сина. // Абу Али ибн Сина. Избранные произведения. Т.1. – Душанбе: Ирфон, 1980. – С. 365-388.

[34]. Ибни Қифтӣ. Таърих-ул-ҳукамо. [Матн] / Қифтӣ И. – Теҳрон, 1968.

[35]. Ибни Қутайба, Абумуҳаммад Абдуллоҳи Муслим. Уюну-л-ахбор. – Қоҳира, 1349. Ҷ. 4. – 427 с.

[36]. Ибни Надим Муҳаммад ибни Исҳоқ. Китоб ал-Фиҳрист [Матн] / Ибни Надим.Тарҷумаи Ризо Таҷаддуд. – Теҳрон, 1973. – С. 630

[37]. Ибни Сино ва фарҳанги замони ӯ. [Матн] А.И. Сино / - Душанбе, 2005.-320с.

[38]. Ибни Халликон. Китабу вафоёт-ул-аъён ва анбо анбо-уз-замон. [Матн] / Халликон И. – Миср, 1982.-113 с.

[39]. Ибни Холиқон. Вафот-ул-аъён [Матн] / Ибни Холиқон. – Теҳрон, 1337ҳ. – 327 с.

[40]. Ибни Ҳавқал. Сурат ал-арз [Матн] / Ибни Ҳавқал. – Теҳрон, 1340ҳ. – 292 с.

[41]. Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз [Матн] / Ибни Ҳавқал // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). Хуҷанд, 1998. – С. 139.

[42]. Из истории философского наследия народов Ближнего и Среднего Востока [Текст] / Отв.ред. акад. И. М. Муминов. - Ташкент: РАН, 1972. – 262 с.

[43]. Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока IX-XIV вв. [Текст] / – Москва: Государственное социально-экономическое издательство, 1961. – 622 с.

[44]. Илолов, М., Комилӣ, А. Илм дар замони Рӯдакӣ [Матн] / М. Илолов, А. Комилӣ. – Душанбе, 2008. – С. 36-37.

[45]. История таджикского народа [Текст]. – Душанбе, 1999. – Т.II. – С. 332-637.

[46]. Каримов У.И. Неизвестное сочинение ар-Рази «Книга тайны тайн» [Текст] / У.И Каримов – Ташкент: Изд. АН Уз. ССР, 1957.– 264 с.

[47]. Кедров Б.М. Классификация наук [Текст] / Б.М. Кедров Т. 1. – Москва, 1961. Т. 1. – С. 13.

[48]. Кисляков Н.А. Патриархально-феодальные отношения вреди оседлего населения Бухарского ханства в конце XIX-с начале XX в. [Текст] / Н.А. Кисляков. – М.: Наука, 1961. – С. 154.

[49]. Комилӣ А. Форобинома [Матн] / Комилӣ А. – Душанбе: Ганҷи хирад, 2020. – С. 60.

[50]. Комили Абдулхай. Физика Абу Бакра ар-Рази [Текст] / А. Комили. – М.: МБА, 2014. – 104 с.

[51]. Комилӣ Абдулҳай. Леонард Эйлер [Матн] / А. Комилӣ. – Қӯрғонтеппа, 2007. – 56 с.

[52]. Комилов Абдулхай. Физика ар-Рази и Ибн Сины [Текст] / А.Ш. Комили. – М.: МГУ, 1999. – 160 с.

[53]. Қурбонов Б.Р. Аз таърихи инкишофи илми кимиё дар мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Миёна (дар асрҳои IX-XI) [Матн] / Б.Р. Қурбонов. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 236 с.

[54]. Қурбонов Б.Р. Вклад ученых Мавераннахра и Хорасана в формирование и развитие химической науки в VIII-XII вв [Текст] / Б.Р. Қурбонов. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 265 с.

[55]. Маршак Б.И. Влияние торевтики на согдийскую керамику VII-VIII веков [Текст] / Б.И. Маршак // Труды Государственного Эрмитажа. – 1961. – T.V. – С. 177-201.

[56]. Маҳдии Муҳаққиқ. Файласуфи Рай [Матн] / Маҳдии Муҳаққиқ. Теҳрон, 1376 ҳ. (1998). – С. 123.

[57]. Маҳмуди Наҷмободӣ. Муаллафот ва мусаннафоти Абубакр Закариёи Розӣ [Матн] / Наҷмободӣ М.. – Теҳрон,1339ҳ.

[58]. Мец А. Мусульманский ренессанс [Текст] / А. Мец; Пер. с нем., предисл., бибилиогр. и указатель Д.Е. Бертельса; Отв. ред. В.И. Беляев. – 2-е изд. – М.: Наука, 1973. – 473 с.

[59]. Мец А. Мусульманский ренессанс. [Текст] / А. Мец; Пер. Е.А. Бертельса. – Москва. 1996– 536 с.

[60]. Муқаддасӣ Муҳаммад ибни Аҳмад. Аҳсану-л-тақосим фӣ маърифати-лақолим [Матн] / М. Муқаддасӣ; бо кӯшиши Дахвия. – Лейдан, 1967. – 431 с.

[61]. Муқаддасӣ Муҳаммад ибни Аҳмад. Аҳсан-ут-тақосим фи маърифат-и-ақолим [Матн] / М.Муқаддасӣ // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. – С.157.

[62]. Мухторов А. Сомониён: Замон ва макон [Матн] / Мухторов А. - Душанбе, 1999.

[63]. Муҳаммад Абдураҳмон. Андешаҳои иҷтимоию сиёсии Абубакр Закариёи Розӣ [Матн] / Муҳаммад А., Идиев Х. – Душанбе: Дониш, 2016. – 50 с.;

[64]. Найир Нурӣ Абдулҳамид. Саҳми арзишманди Эрон дар фарҳанги ҷаҳон. Ҷ. 2. [Матн] / А. Найир Нурӣ. – Теҳрон, 1998. – 1031 с.

[65]. Научное наследство. Т.6. Из истории физико-математических наук на средневековом Востоке. Трактаты ал-Хазини, ал-Бируни, Ибн ал-Хусайна, ал-Ширази. – М.: Наука. – 1983. – С. 336.

[66]. Негматов Н. Уртакурган и Тирмизактеппа [Текст] / Н. Негматов, У. Пулатов, С.Г. Хмельницкий. – Душанбе: Дониш, 1975. – 253 с

[67]. Негматов, Н. Государство Саманидов [Текст] / Н. Негматов. – Душанбе: Дониш, 1977. – 279 с.

[68]. Неъматов Н. Давлати Сомониён (Тоҷикон дар асрҳои IX-X) [Матн] /. – Душанбе, 1989;

[69]. Неъматов Н. Тоҷикон, Тоҷикистони таърихӣ, Тоҷикистони муосир [Матн] / Н. Неъматов – Ҳисор, 1992 ва Душанбе. – 1993 (ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ).

[70]. Носири Хисрав. Сафарнома [Матн] / Носири Хусрав. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 128 с.

[71]. Носири Хусрав. Зод-ул-мусофирин [Матн] / Носири Хусрав. –. Теҳрон, 1960. – С. 518

[72]. Носири Хусрав. Ҷомеъ-ул-ҳикматайн [Матн] / Носири Хусрав. – Теҳрон, 1332.

[73]. Осори Рӯдакӣ [Матн]. – Сталинобод, 1958. – С. 522.

[74]. Парвиз Спитмон Азкоӣ. Ҳаким Розӣ (Ҳикмати табиӣ ва низоми фалсафӣ) [Матн] /Парвиз А.- Теҳрон, 1386.

[75]. Полосин В.В. «Фихрист» Ибн ан-Надима как историко-культурный памятник X века [Текст] / В.В. Полосин. – М.: Наука, 1989. – 160 с.

[76]. Пугаченкова, Г.А. Пути развития архитектуры Южного Туркменистана поры рабовладения и феодализма [Текст] / Г.А. Пугаченкова. – М.: Наука, 1958. – С. 491.

[77]. Расторгуева В.С. Этимологический словарь иранских языков [Текст] / В.С. Расторгуева, Д.И.Эдельман. - М.: Вост. лит., 2000. Т.3: f-h. - 2007– С. 493.

[78]. Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн] / Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. – Лондон, 1999. С. 117.

[79]. Розен В.Р. К вопросу об арабских переводах Худай-Наме «Восточное заметки» [Текст] / В.Р. Розен – «Уч. зан. Ин-та востоковедения АН» СССР, Т.19.1959. – 134 с.

[80]. Розенфельд Б. А., Юшкевич А.П. Теория параллельных линий на средневековом Востоке IX - XIV вв. [Текст] / Б.А. Розенфельд А.П., Юшкевич — М.: Наука, 1983. — 128с.

[81]. Рузиев М.А. Резное дерево Чорку [Матн] /. М.А. Рузиев– Душанбе, 1975. – С. 206-234.

[82]. Саид Нафисӣ. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ [Матн] /Нафисӣ Саид. – Теҳрон, 1382.

[83]. Сайид Ҳусайн Наср. Маорифи исломӣ исломӣ дар ҷаҳони муосир[Матн] / Сайид Ҳ.- Теҳрон, 1347. С.19.

[84]. Турсунов Акбар. Эҳёи Аҷам [Матн] / Акбар Турсунов// Руҷуи таърихию публисистӣ. –Душанбе: Ирфон, 1984. – 208 с.

[85]. Уйун ал-анбоъ фӣ табақот ал-атиббо. Таълиф Ибн Аби Усайбиа. ал-ҷузъ ал-аввал. – Миср, 1883.

[86]. Умаров Г.Я. Беруни, Коперник и современная наука [Текст] /. Г.Я. Умаров – Ташкент: Фан, 1973. – С. 120

[87]. Унсурмаолии.Кайковус Қобуснома [Матн] / Кайковус У. - Душанбе, 2014, с. 281.

[88]. Усмонов М. Ўрта аср Шаркининг буюк олим ва мутафаккири Абу Бакр Мухаммад Закариё ар-Розий [Матн] /. М. Усмонов – Тошкент, 1968.

[89]. Фахриддини Розӣ. Мабоҳису-л-машриқия. [Матн] / Фахриддини Р.– Бейрут.: Дору-л-эҳё, Ҷ.2. 1944.

[90]. Фигуровский Н.А. Очерк общей истории химии: От древнейших времен до начала XIX в. – М: Наука, 1969. – 456с.

[91]. Фрай, Р. Наследие Центральной Азии [Текст] / Р. Фрай. – Душанбе, 2000. – 291 с.

[92]. Хайруллаев М.М. Абу Абдуллах Ал-Хоразми [Текст] / М.М. Хайруллаев, Р.М. Бахадиров. – Москва: Наука,1988.

[93]. Хайруллаев М.М. Фараби. Эпоха и учение [Текст] / М.М. Хайруллаев. – Ташкент: Узбекистан, 1975. – 352с.

[94]. Хикматуллаев Х. Клинические записи Абу Бакра ар-Рази и его ученика [Текст] / Х. Хикматуллаев – Ташкент, 1974.

[95]. Хикматуллаев Ҳ. Абу Бакр ар-Розий ва унинг шогирди ёзиб колдирган касалликлар тарихи [Матн] / Ҳ. Ҳикматуллаев– Тошкент, 1974.

[96]. Ҳабибӣ А. Таърихи Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул, 1345. – Ҷ.1. – 834 с.

[97]. Ҳайдарова С.С. Ҷаҳонбинии Абӯбакри Розӣ ва мақоми он дар фалсафаи тоҷик [Матн] / С.С. Ҳайдарова – Душанбе: Эҷод, 2010. – 145 с.

[98]. Ҳиравӣ Ҷ. Таърихи Сомониён – асри тиллоии Эрони баъд аз ислом [Матн] / Ҷ. Ҳиравӣ– Теҳрон, Амири Кабир, 1382ҳ.- 536 с.

[99]. Ҳотамов Н.Б. Таърихи халқи тоҷик [Матн] / Н.Б Ҳотамов., Д.Довуд., С.Муллоҷонов, М.Исоматов Китоби дарсӣ - Душанбе: «ЭР-граф», 2011. – С 106.

[100]. Ҳоҷӣ Халифа. Кашфуз-зунун [Матн] / Халифа Ҳ.- Теҳрон.: Маориф, 1365. Ҷ. 1. – С.48.

[101]. Ҳудуд ул-олам мин ал-Машриқ илал-Мағриб. [Матн] / – Душанбе: Дониш, 1983. – С 132., с. 69.

[102]. Ҳудуду-л-олам мина-л-машриқ-ила-л-мағриб [Матн] / тарҷумаи Манучеҳри Сутуда. – Теҳрон: Китобхонаи Туҳурӣ, 1983 м. – 252 с.

[103]. Яъкубовский А.Ю.. Главние вопросы изучения истории развития городов Середней Азии - «Труды Тадж филиала АН СССР».- Т.29. – Сталинабад 1951, – С. 15.

[104]. André Wink, «Al-Hind: The Making of the Indo-Islamic World», Brill 1990, Vol.1, page 109.

[105]. Epitre de Beruni contenant le repertoire des ouvvages de Muhammad b. Zakariya ar-Razi, publice per Paul Kraus. - Paris, 1936.

[106]. Ibn al-Qifti’s Ta’rikh al-hukama. Auf grund der vorarbeiten Aug. Muller’s hrsg von prof. Julius Lippert. – Leipzig, 1903.

[107]. Ibn an-Nadim. Kitab al-Fihrist mit Anmerkungen Herausgegeben von Gustav Flugel, Leipzig, 1871-1872.

[108]. Ibn Battuta. Travels in Asia and Africa, 1325-1354. reprint, illustrated. – Routledge, 2004. – P. 416.

[109]. Ibn Khallikan's Biographical Dictionary Translated from the Arabic by Bn. Mac Guckin De Slane: Paris Oriental Translation Fund of Great Britain and Northern Ireland, 1843.

[110]. J.de Menasce Zoroastrian Literature after the Mislim conquest, Leyden – Këln, 1968, c. 31.

[111]. Mez A., Die renaissance der Islams, Heidelburg [Text] / A. Mez. – Heidelburg, 1922. – 494 p..

[112]. Ruska J. Die Alchemic ar-Razis // Der Islam. – B., 1935, Bd, 22, H. 4. – S. 281-319.

**Захираи электронӣ**

[113]. https://kpfu.ru/mathedu-2014/reglament-raboty-konferencii (санаи муроҷиат 19.10.2024)

[114]. https://www.google.com/search?sca_esv=5ea039d3f5929d6f&rlz (санаи муроҷиат 19.10.2024)

[115]. https://www.wikiwand.com/ru/articles/ (санаи муроҷиат 19.10.2024)

[116]. Комили Абдулхай Шарифзода. Вопросы геометрической оптики в трудах Абубакра Мухаммад ибн Закариййа ар-Рази [Захираи электронӣ] / Комили А.Ш. // «Наука и образование: новое время» 2016, № 4. – Ҳолати дастрасӣ: https://articulus-info.ru (санаи муроҷиат 29.11.2024).

[117]. Комилов (Комили) Абдулхай Шарифович. О классификации наук мусульманского средневековья и место математики в ней. [Электронтронный ресурс]. / Комили А.Ш. – Ҳолати дастрасӣ: https://kpfu.ru/mathedu-2014/reglament-raboty-konferencii (дата обращения 11.02.2024)

[118]. Мақсадов Ҳ. И. Табақабандии улум дар осори илмии мутафаккирони тоҷики асрҳои миёна: [Захираи электронӣ] / Ҳ.И. Мақсадов. - Ҳолати дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/klassifikatsiya-nauki-v-nauchnom-tvorchestve-srednevekovyh-tadzhikskih-mysliteley (санаи муроҷиат 11.09.2023)

[119]. Парвиз Спитмон Азкой. Ҳаким Розӣ [Захираи электронӣ] / А. Парвиз- Теҳрон, 1386. - Ҳолати дастрасӣ :. https://www.gisoom.com/book/1362489/(санаи муроҷиат 19.10.2018).

[120]. Сиражидинов С.Х., Матвиевская Г.П. Ал-Хорезми-выдающийся математик и астроном средневековья. [Элекртонный ресурс] / С.Х. Сиражидинов, Г.П. Матвиевская – М.:Просвещение, 1983. -80с. – Режим доступа: https://www.mathedu.ru/text/sirazhdinov_matvievskaya_al-horezmi_1983/p36/ (11.02.2024)

**Мақолаҳо ва маърӯзаҳо**

[121]. Ашуров Г.А. Об отношении Носири Хисрав к Абубакру-ар-Рози / Ашуров Г.А // Известия АН Тадж. ССР, Душанбе: 1963, № 2. – С. 41-49.

[122]. Беков (Бекзода) К. Масъалаи нафс дар фалсафаи Муҳаммад Закариёи Розӣ / Беков К. // Изв. АН Тадж. ССР, Серия: Философия. Экономика. Правоведение, 1988, № 2. - С. 16-21.

[123]. Давлатзода С.Х. Муҳаммад Закариёи Розӣ – химик ва физикдони маъруфи асрҳои миёна / С.Х. Давлатзода, А. Ш. Комилӣ. // Паёми ДДБ. – Бохтар, 2021. – №2/4(93). – С. 113-117.

[124]. Иқтибос аз маҷаллаи «Мероси ниёгон», 1992, №1. – С.100.

[125]. Илолов М. Абу Али ибн Сино и мусульманский ренессанс / М. Илолов // Абу Али Сино и его вклад в истории мировой культуры. – Душанбе, 2005. – С. 16-30.

[126]. Исоев М. Общность и отличие этики Рози и Мискавайха./ М. Исоев// Известия Академии наук Республики Таджикистан. – 1992. № 4. – С. 46-55.

[127]. Комили А. Вклад Абу Бакра ар-Рази в развитие физической науки на средневековом Востоке/ Комили А.// Вклад иранских народов в развитие мировой цивилизации: история и современность. – Душанбе: Дониш, 1992. – С. 42.

[128]. Комилӣ А. Хоразми бузург – ватани Берунӣ / А. Комилӣ // Берунӣ ва Тахти сангин – мояи ифтихори тоҷикон. – Бохтар: Матбаа, 2023. – С. 62-66.

[129]. Комили А. Ш., Максадов, Х. И., Рахмонов, Х. О. Состояние научной и технической мысли у предков таджикского народа в период VI -VIII вв. (Гундишопурская академия) / А. Ш. Комили, Х. И. Максадов, Х. О. Рахмонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2013. – С.8-14.

[130]. Комилӣ А.Ш. «Масъалаҳои тарбияи ахлоқию башардӯстӣ дар осори Абӯбакри Розӣ»/ А.Ш. Комилӣ., Р.А.Маннонова, Н.Д.Максумова // Номаи донишгоҳ, №1(46) 2016 с.

[131]. Комилӣ А.Ш. О физическом наследии Абубакра Рази / А.Ш. Комили // Материалы XXXII Всесоюзная научая конференция аспирантов и молодых спец по истории естествознания и техники. Ч.I. Москва, 1990. – С. 70-71.

[132]. Комили Абдулхай. Вклад Абу Райхана Беруни в развитии физико-математических наук // Abu Rayhon Beruniy ilmiy merosining jahon fani rivojidagi o'rni. – Toshkent, 2023.

[133]. Комилӣ Абдулҳай. Закариёи Розӣ ва «Тарозуи физикӣ»-и ӯ / А.Ш. Комилӣ. // Известия АН РТ. – Душанбе: 2003, № 4. – С. 3-9.

[134]. Комилӣ Абдулҳай. Закариёи Розӣ ва «Тарозуи физикӣ»-и ӯ/ А.Ш. Комилӣ. // Известия АН РТ. – Душанбе: 2003, № 4. – С. 3-9.

[135]. Комилов А.Ш. Абу Бакр ар-Рази – физик / А.Ш. Комили // Известия АН Тадж. ССР, Серия: Филос., Экон., Прав.- 1990, № 1. – С. 63-66.

[136]. Комилов А.Ш. Абу Бакр ар-Рази – физик/ А.Ш. Комили // Известия АН Тадж. ССР, Серия: Филос., Экон., Прав.- 1990, № 1. – С. 63-66.

[137]. Курбонов Б. Р., Юсуфов З. Н., Наврузов Г. Н. Вклад Закариё ар-Рази в возникновение основ практической химии // Тезисы докладов апрельской конференции Таджикского государственного университета. – Душанбе: Сино, 1994. – С. 35-44.

[138]. Курбонов Б.Р., Юсуфов З.Н. Экспериментальная химия Закариё ар-Рази / Қурбонов Б.Р., Юсуфов З.Н. // Тезисы докладов конференции ТГУ. – Душанбе, 1996. – С. 54-62.

[139]. Қулматов Н. Сирати ахлоқии Абӯбакри Розӣ / Қулматов Н. // Садои Шарқ. – 1988, №11. – С. 110-115.

[140]. Номаи Оли Сомон (маҷмуи мақолоти маҷмааи илмии тамаддун, таърих ва фарҳанги Сомониён). – Теҳрон, 1378.

[141]. Носируддин Муншии Кирмонӣ. Насоим-ул-асҳор мин латоим-ил-ахбор //Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди I (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998. – С.293-299.

[142]. Носируддини Муншӣ. Дарат-ул- Ахбари маҷалла// 5-уми Озармеҳр. – 1317ҳ.

[143]. Сагадеева А.В. Аль-Кинди // Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока. -М., 1961. - С.107-114

[144]. Сагадеева А.В. Новые публикации трактатов ал-Кинди//.Народы Азии и Африки. — 1963. — № 1. — С. 168—178. 130. 146 с.

[145]. Сагикызы Аяжан. Гуманистические идеи Абу Бакра ар-Рази / А. Сагикызы // Из истории математики, естествознания и техники. Выпуск 1. – Душанбе, 2020. – С. 65-72.

[146]. Самариддини Ҷ.Қ. Марказияти Мовароуннаҳр барои улуми тафсир, ҳадис ва қироат дар замони Сомониён / С. Ҷамолӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Қӯрғон-Теппа, 2016. – № 1-3(39). – С. 29-35.

[147]. Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ / (маҷмуи мақолаҳо). - Душанбе, 1999.

[148]. Хайдарова С.С. Гуманизм Абубакра Рази / С.С. Хайдарова// Известия АН Республики Таджикистан. Серия: философия и права. 2011. № 4. – С. 8-10.

[149]. Хайдарова С.С. Общность и отличие в этике ар-Рази и Газали / С.С. Хайдарова // Жемчужина слов. ТГИЯ, Душанбе, 2012. – С. 156-161.

[150]. Шад П. Г. Закария Рази иранский материалист и атеист раннего средневековья. [Текст] / Шад П. Г. // Вопросы философии, 1958, №3. – С. 78-82.;

[151]. Шамолов А.А. Абу Бакр ар-Рази. Духовная медицина [Текст] / А. Шамолов.// Известия АН Тадж. ССР. Серия: философия, экономии и правоведение. – 1991. №3. – С. 40-45.;

[152]. Шарипов А. Отношение Абубакра Рози к религии [Текст] / А. Шарипов // Известия Академии наук Республики Таджикистан. – 1986, № 3. – С. 24-30

**Дисертатсия ва авторефератҳо**

[153]. Бахадиров Роик Маджидович. Классификация наук и ее место в истории культуры мусульманского Востока (IX-XV вв.): Автореферат диссертация... доктора философских наук : 17.00.08.- Ташкент, 1998. - 54 с.

[154]. Комилов А. Физика Средней Азии (IX-XI вв.): Диссертация на соискание уч.ст.докт.физ-мат.наук: 07.00.02 - М.: 2000 – 255 с.

[155]. Комилов А.Ш. Физические труды Ар-Рази и Ибн Сины: Диссертация ... кандидата исторических наук: 07.00.02 – Душанбе, 1991 – 159 с.

[156]. Курбонов Бахром Рахмонович. Вклад ученых Мавераннахра и Хорасана в развитии (VIII-XII вв.): диссертация ... доктора исторических наук: 07.00.02 – Душанбе, 2014.- 281 с.

[157]. Қурбанов Б.Р. Возникновение и развитие химии на Ближнем и Среднем Востоке в VIII-IX вв: Автореф.дисс. на соиск.уч.степ. канд.ист. наук – 07.00.02 – Душанбе, 1994. – 24 с.

[158]. Хайдарова С.С. Философические и этические взгляды Абубакра Ар-Рази: Автореф.дисс. на соиск.уч.степ. канд.философских наук: 09.00.03 – Душанбе, 2012.- 24 с.

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**

**II. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда:**

[1-М]. ***Максумова Н.Д.*** Закариёи Розӣ – физик ва педагог [Матн] / ***Н.Д. Максумова Н.***, Л.А Одинаева. // «Номаи донишгоҳ» - и ДДХ ба номи

академик Б. Ғафуров, 2012. – №1 (29). – С. 162-167 (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ).

[2-М]. ***Максумова Н.Д.*** Учение Абубакра Ар-Рази о пространстве, времени, материи и атомистике [Матн] / ***А.Ш. Комил.***, ***Н.Д. Максумова***, Х.О. Раҳмонов. // Наука и школа. – Москва, 2012. – №6 – С. 158-161.

[3-М]. ***Максумова Н.Д.*** Тарбияи динию ахлоқӣ ва башардӯстӣ дар осори Абӯбакри Розӣ [Матн] / ***А.Ш. Комилӣ, Н.Д. Максумова*** // Паёми ДМТ, 2015 – №3/6 (176). – С. 177-180 (силсилаи илмҳои педагогӣ).

[4-М]. ***Максумова Н.Д.*** О естественнонаучным, философским и педогогическим учением Абубакра Ар-рази [Матн] / ***А.Ш. Комилӣ***, ***Н.Д. Максумова*** // Паёми ДДТТ. – Душанбе, 2015 – №3(12). – С 132-141 (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ).

[5-М]. ***Максумова Н.Д.*** Масъалаҳои тарбияи ахлоқию башардӯстӣ дар осори Абубакри Розӣ [Матн] / ***Комилӣ А.Ш.***, Р.А. Маннонова, Н.Д**.** Максумова // «Номаи донишгоҳ» - и ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров, 2016. – №2 (63). – С. 144-149 (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ).

[6-М]. ***Максумова Н.Д.*** Саҳми Муҳаммад Закариёи Розӣ дар пешрафти илми табиатшиносӣ ва риёзӣ [Матн] / Н.Д. ***Максумова*** // Паёми ДДТТ– Душанбе, 2022. – №4/1(43). – С. 355-359 (силсилаи илмҳои гуманитарӣ).

[7-М]. ***Максумова Н.Д.*** Андар марҳалаҳои таҳқиқи рӯзгору осори Муҳаммад Закариёи Розӣ / ***Максумова Н.Д.***// Паёми ДДБ. – Бохтар, 2022. – №2/4(104). – С. 99-104 (силсилаи илмҳои гуманитарӣ).

[8-М]. ***Максумова Н.Д.*** Роҷеъ ба масъалаи раддабандии илмҳо аз назари Абубакри Розӣ[Матн] / Н.Д. ***Максумова, А.С. Абдураҳимова*** // Паёми ДДБ. – Бохтар, 2024. – №2/2(123). – С. 114-116(таърихи илм ва техника).

[9-М]. ***Максумова Н.Д.*** Муҳити илмию фарҳангии замони Абубакри Розӣ [Матн] / ***А.Ш. Комилӣ.***, ***Н.Д. Максумова***,// Паёми ДДБ. – Бохтар, 2024. – №2/4(129),қисми 2. – С. 103-108.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба чоп расидаанд:**

[10-М]. ***Максумова Н.Д.*** Абубакр Закария Ар-рази – Великий персидско-таджикский физик, философ и педагог [Матн] / А.Ш. Комилӣ, Н.Н. Содиқова., Н.Д. Максумова. / Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон. – Душанбе, 29 ноябри соли 2013. – С. 38 – 42.

[11-М]. ***Максумова Н.Д.*** Роҷеъ ба таълимоти ахлоқии Закариёи Розӣ [Матн] / Н.Д Максумова. / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Саҳми занон дар рушди илм». – Душанбе, 25 июни соли.2014. – С. 312-315

[12-М]. ***Максумова Н.Д.*** Андар ақидаҳои педагогии Муҳаммад Закариёи Розӣ. [Матн] / Н.Д. Максумова / Симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба 1150-солагии Абуабакр Муҳаммад Закариёи Розӣ. Нақши Муҳаммад Закариёи Розӣ дар илм ва фарҳанги ҷаҳон. – Душанбе, 2017. – С. 344-349.

[13-М]. ***Максумова Н.Д.*** Масъалаҳои тарбияи ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва башардӯстӣ дар системаи фалсафии Абубакри Розӣ [Матн] / С.К. Таваров./ Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ зери унвони «Нақш ва аҳамияти Осори Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар тамаддуни олами асримиёнагӣ ва муосир». – Қурғонтеппа, 2016. – С 92-96.

[14-М]. ***Максумова Н.Д.*** Закариёи Розӣ – муаллими ахлоқ. [Матн] / Н.Д Максумова / Международная научно-практическая дистанционная коференция «Устойчивое развитие инновационной экономики в Таджикистане и Польше» (23-24 декабря 2016). – Душанбе, 2016. – С.351-353.

[15-М]. ***Максумова Н.Д.*** Муҳаммад Закариёи Розӣ аз назари Абурайҳони Берунӣ. [Матн] / А. Комилӣ, Н.Д. Максумова // Таджикистан и современный мир: Актуальные проблемы развития инновационной экономики(материалы шестой международной научно-практической конференции 6-7 декабря 2019). – С. 422-424.

[16-М]. ***Максумова Н.Д.*** Асосҳои ақидаи табиатшиносии Муҳаммад Закариёи Розӣ. [Матн] / Н.Д . Максумова / Конференсияи VIII-уми байналмиллалӣ «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масоили мубрами рушди иқтисодиёти инноватсионӣ» 25-26 сентябри соли 2020. –. Душанбе, 2020. – С. 223-227.

[17-М]. ***Максумова Н.Д.*** Таснифоти илми кимиё дар осори Абубакр Закариёи Розӣ. [Матн] / Н.Д. Максумова / Конференсияи II-юми байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Рушди технологияи рақамӣ дар шароити муосир» «Бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» (солҳои 2020-2040), 26-27 декабри 2023 – Душанбе, ДДТТ, 2023. – С. 156-159.

[18-М]. ***Максумова Н.Д.*** Сайре дар»Осор-ул-боқия»-и Абурайҳони Берунӣ [Матн] / Н.Д. Максумова , М.А. Саломов., Р.С. Ҳусайнов / Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Мақоми Абурайҳони Берунӣ дар таърихи тамаддуни форс-тоҷик», бахшида ба 1050-солагии мутафаккири бузург (26-27 майи соли 2023). – Бохтар, 2023. – С. 304-311.

[19-М]. ***Максумова Н.Д.*** Андар муносибатҳои фарҳангӣ, тиҷоратӣ ва иқтисодии Мовароуннаҳр дар замони Берунӣ. [Матн] / Н.Д. Максумова, Р.С Худоёрзода / Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Мақоми Абурайҳони Берунӣ дар таърихи тамаддуни форс-тоҷик», бахшида ба 1050-солагии мутафаккири бузург (26-27 майи соли 2023). – Бохтар, 2023. – С. 361-367.

[20-М]. ***Максумова Н.Д.*** Забони осори илмии Муҳаммад Закариёи Розӣ. [Матн] / Н.Д. Максумова / Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Таълим ва такмили забонҳои хориҷӣ» (20-уми апрели соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 225-228.